ХОЛИҚНАЗАР ҶУМЪАЗОДА

БИЁ, КИ ФОЛАТ БИНАМ

ДУШАНБЕ- 2021

Холиқназар Ҷумъазода

БИЁ, КИ ФОЛАТ БИНАМ

Муҳаррирон:
Фазлиддин Хоҷаев
Абдумудассир Аҳмадзода

Рассом:
Назарзода Насиба Зариф

Китоби «Биё, ки фолат бинам» маҷмӯи латифаҳо ва хотироти ҳаҷвиеро дар бар мегирад, ки аз зиндагии воқеӣ ва саргузаштҳои муаллиф, инчунин сӯҳбат бо мардум гирд оварда шудааст. Китоб дар рӯзи ханда барои дӯстдорони ҳаҷву ханда пешкаш мешавад. Нахандеду бинед!

АГАР ХОЛИҚНАЗАР ФОЛАТ БИНАД...

Ҳар субҳ мардуми бо интернет сарукордошта ба нетбуку фейсбуку боз чанд «бук»-и дигар медароянд ва аз хабарҳои нави худию бегона огоҳ шудан мехоҳанд. Банда, ки аз зумраи «насли афсонагӯ» (яъне «афсонаҳои» замони шӯравиро ба мардум мегӯяму онҳо бовар намекунанд) мебошам, се-чор сол пеш ахбори навро аз ТВ ва радио мегирифтаму «ҳачв»-ро фаромӯш карда, бо ҳамин манбаъҳо қаноат мекардам. Чун аз пайравони мазҳаби «дандонсафедон» будам (яъне ҳазлу ҳачву хандаи бандаро дӯст медоштам), ташнаи чунин маводҳо будам ва пешгӯӣ мекардам, ки пас аз раҳматии Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ (яке аз охирин намояндагони тоҷики ҳачви шӯравӣ) дигар касе дандонҳои марою мардуми пайрави мазҳаби моро гиз карда наметавонад. Аммо хушбахтона, на ман Нострадамус шуда тавонистаму на ҳачв бо Аҳмадшоҳ ба охир расид. Рӯзе пас аз гилаи ман дар мавриди набудани ҳачви воқеӣ ва ҷомеасоз, яке аз дӯстон гуфт, ки дар компютерам «фейсбук» насб кунам ва он ҷо дароям, мебинам, ки гап дар куҷост. Барои ман дар куҷо будани гап даркор набуд, аммо касе лозим буд, ки мазҳаби моро зинда кунад, яъне ҳачв навишта тавонад. «Ҳамон ҷо даро, мебинӣ, ки як «Холиқназарак» чиҳо менависад...»,- муғамбирона ҷавоб дод он дӯст ва ман аз рӯи маслиҳати додааш амал кардам. «Вой ман мураме...»,- беихтиёр ҳайратнидои кампиракои лаби оби Сирро ба забон овардам. Он ҷо нафараке бо исми «Холиқназар» чунон чизҳое навишта буд, ки бехтиёр мисли солҳои зинда будани Аҳмадшоҳҳо (ҳам Зоҳиру ҳам Омиру ҳам Маҳмадшо) даҳонам аз як гӯш то гӯши дигарам мисли «молния»-и шими куҳна якбора воз шуд. Дар навиштаҳои он «...назарак» Холиқи бузургро дидам ва минбаъд ҳар субҳ «ахбори» субҳонаи худро бо ҳазлҳои намакин ва латифаю ҳикояҳои хурди Холиқназар оғоз мекардагӣ шудам...

Боре роҳбари корхонаамон бо нигоҳи омирона ба ман гуфт: «Ягон нафаре ҳаст, ки барои гӯшаи ҳачвии «Тоҷикистон» чизе навишта тавонад?».

«Бале,- гуфтам дилпурона ва илова кардам,- Холиқна-

зарро мегӯям, менависад». Бо шунидани ин ном лабҳои ҷиддии ҳамсӯҳбатам ба ду тараф кашида шуданду гуфт: «Мешавад...».

Аз ҳамон вақт инҷониб навиштаҳои Холиқназарро пайгирӣ мекунам ва гумон доштам, ки ӯ танҳо ҳаҷв менависаду танҳо бо пули додаи идораи телефон қаноат мекунад. Аммо вақте қиссаҳои худро барои таҳрир дод, фаҳмидам, ки ӯ боз қилиқи хунуки саргузаштнависӣ ҳам доштааст. Аммо аз назари як узви қатории мазҳаби «дандонсафедон» бо итминони комил мегӯям, ки имрӯз дар ҳаҷвнависии тоҷик ӯ ҳамто надорад. Метавонад аз як ҳодисаи одӣ манзарае бунёд кунад, ки дили кас ба рӯдаҳои аз ханда ба дард даромадаи худ месӯзад. Исботи ин гуфтаҳо маҷмӯаи дар дасти шумо буда аст, ки нусхаи ҳанӯз чопнашудаи онро банда чанд бор рӯи ҳам аз аввал то охир ва боз баръакс хонда баромадам. Аммо ҳар дафъа мисли он, ки бори аввал мехонда бошам, бо овози баланд ва бо бадани аз ханда ларзон мехондаму гурбаи болои зонуҳоям нишастаро меҳаросондам. Занаки хона ҳар дафъа худ ба худ хандидани маро дида, ангушти ишора ба сар бурда, 80% тоб медод ва ба бачаҳо мегуфт: «Ана, нагуфтам, дадоятон ҳамин китобро ки ба даст гирифт, касал мешавад. Халал нарасонед, монед «приступаш» гузарад... ».

Аммо гумон намекунам, ки танҳо бо «Биё, ки фолат бинам...» гуфтани Холиқназар «приступи» ман ва хонандагони ташнаи ҳаҷви тоҷик гузараду аз ин беморӣ халос шавем. Умедворем, ки барои шикастани ташнагии дӯстдорони ин жанри мардуми зиндагидӯст Холиқназар Ҷумъазода боз чандин «ретсептҳои» нав пешниҳод мекунаду ... «приступ»-и бемории мо ва бо ҳамин тарзи табобат умри дӯстдорони хандаро дарозтар мекунад.

А. АҲМАДЗОДА,
бедандоне аз пайравони мазҳаби «Дандонсафедон»

БИЁ, КИ ФОЛАТ БИНАМ

Беҳуда фолибинро шайтон намегӯянд. Зеро, воқеан, барои фолбин шудан шарт нест, ки инсон ситорашинос ва ё олиме бошад, ки ояндаи ҳар нафарро пешгӯй карда тавонад. Муҳим ин ки, шайтон бошаду гапдон. Баъдан, фолбинӣ кори мушкиле нест. Анқариб ҳама инсонҳо зиндагии якранг доранд. Дар зиндагии ҳар нафаре тӯй, мотам, беморӣ, шодиву хурсандӣ ва ғаму ғусса ҳаст. Вақте аз ин ё он паҳлуи зиндагӣ сухан меронед, ҳатман мувофиқатҳое дучор меоянд, ки муроҷиаткунанда худ ба гуфтаҳои шумо бовар ва ба фолбин эътиқод пайдо мекунад. Бахусус дар деҳот фолбинӣ осонтар аст. Оилае нест, ки замоне мурғ, буз, гӯсфанд, гов ва ғайраро сар набурида бошад. Ин ё он амалро ба хуни рехтаи ҳамон чорво нисбат дода, баҳри бартараф кардани мушкилаш маслиҳате медиҳиву бо ҳамин эътиқодро ба худ боз ҳам бештар месозӣ. Як замоне банда ҳам ба таври ҳазломез фолбинӣ карда, чи тавр ба фолбин табдил ёфтанамро ҳатто худам надониста мондам.

Соли 1994 буд. Ман дар гимназияи№1-и шаҳри Панҷакент муаллим будам. Амаки худораҳматиям Бегназар (равонашон шод бод!) дар шифохонаи шаҳр табобат мегирифтанду ман гоҳ-гоҳ ба ҷои писарамакам Фазлиддин он касро нигоҳубин мекардам. Шабҳо чун зиқ мешудам, баъди хобонидани бемор ба берун баромада, бо духтурҳо ва ҳамшираҳои шафқат дар мавзӯҳои гуногун сӯҳбат мекардам. Боре ҳангоми сӯҳбат бо ҳамшираҳои шафқат сухан дар бораи фолбинҳо рафту ман гуфтам:

- Ман ҳам аз рӯи хатҳои даст фол дида метавонам.

Яке аз ҳамшираҳои шафқат дасташро дароз карда, гуфт:

- Канӣ маро як фол бинед.

Худро хеле ҷиддӣ нишон дода, гуфтам:

- Коғазу қалам биёр.

Ӯ овард. Ман бо қалам дар кафи дасташ, дар канори хатҳо чандин рақамҳоро навишта, баъдан онҳоро ба коғаз кӯчонида, ҷамъу тарҳ карда, рақами ниҳоиро бароварда, аз дирӯзу имрӯзу ояндааш хеле чизҳоеро гуфтам, ки рост будаашро тасдиқ кард.

Вақте гап намеёфтам, китоби дар дастам бударо кушода,

боз чанд лаҳзае фикр карда, ҳатман сухане ёфта, илова мекардам. Шояд касе бовар накунад, вале китоби дасти ман на ягон фолнома, балки «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, чопи Эрон буд. Он вақт на ҳама форсӣ хонда метавонистанд ва бахусус ҳамшираҳои шафқат бо чунин китобҳо коре надоштанд. Ин аст, ки «фолбин китоб кушод» гуфта, бовар ҳам мекарданд. Барои он ки ба гуфтаҳоям шубҳа накунанд, мегуфтам:

- Ҳар чиро, ки ман мегӯям, агар аллакай дар зиндагиат дучор омада бошӣ, пеши назарат маълум мешавад, агар ҳанӯз дучор наомада бошӣ, ҳатман дар оянда мебинӣ.

Ҳамин тавр, як муҳлат ман фолбин шудам. Давоми тақрибан 15-20 рӯзи дар шифохона буданам аксари беморону ҳамшираҳову духтурҳоро фол дидам. Овозаи фолбинии ман берун аз шифохона ҳам паҳн шуд. Барои ҳалли мушкилоти муроҷиаткунандагон маслиҳатҳо низ медодам. Ба яке мушкилкушо мефармудам, дигареро назди мулло мефиристодам ва сеюмиро «худоӣ кун» мегуфтам. Умуман, маслиҳатҳо гуногун буданд.

Рӯзе ҳодисае рух дод, ки баъд аз он ба фолбин будани ман ҳеҷ шубҳае намонд ва дар ноҳия машҳур шудам. Маро ба як ҳуҷра назди боздоштшудае оварданд, ки ӯро аз худкушӣ наҷот дода, ба шифохона оварда, ҷарроҳӣ карда буданд. Боздоштшуда аз ноҳияи Ургути Ӯзбекистон буда, бо ҷинояти вазнине ба даст афтода, хостааст, ки худкушӣ кунад, то ба маҳбас наафтад, вале милисаҳо сари вақт аз ин аъмолаш огоҳ шуда, ӯро наҷот додаанд.

Милисаи посбон гуфт:

- Канӣ як фол бин ва бигӯ, ки ин боздоштшуда чанд сол ҳукм мегирад?

Ман ба кафи дасти боздоштшуда нигариста, чандин рақамҳо навишта, ҷамъу тарҳу тақсим кардам, ки ҳосили он сифр (0) баромад. Шӯхиам гирифту эҳсосоти милисаро фаҳмиданӣ шуда, натиҷаро ба ӯ нишон дода, гуфтам:

- Дар хати дасти боздоштшуда ягон сол маҳбас нишон дода нашудааст. Баръакс, дар пеш ӯро рӯзҳои хурсандӣ интизоранд.

Милиса ваҳ-ваҳ хандиду гуфт:

- Рав, ки дурӯғ мегӯй. Ӯро на камтар аз 10 сол маҳбас интизор аст.

Ман «ба худам зиён нарасад» гуфта, як серублии милисаро гирифта, аз дар баромадам.

Шаби дигар милисаҳои бисёре дар шифохона ҷамъ омаданд. Ҳама ҳайрон шудем, ки чӣ гап шуда бошад. Боздоштшуда фирор кардааст. Новобаста ба ҷустуҷӯҳои зиёд ӯро пайдо накарданд. Баъдтар маълум шуд, ки ӯ аз сарҳад гузашта, ба Ӯзбекистон фирор кардааст. Рӯзе милисае, ки ӯро посбонӣ мекард, ба наздам омада, гуфт:

- Ака, воқеан фолбин будай. Чаро нагуфтӣ, ки ӯ мегурезад?

Гуфтам:

- Ман гурехтанро пешгӯӣ карда наметавонам. Вале воқеан дидам, ки дар хати дасти ӯ зиндон дида намешавад ва натиҷаи ҳисобро ҳам ба ту нишон дода будам, аммо бовар накардӣ.

Гуфт:

- Мехоҳам маро ҳам фол бинӣ.

Гуфтам:

- Туро чӣ фол бинам?

Гуфт:

- Ду духтар дорам, вале писар надорам. Бубин, ки ман соҳиби писар мешавам ё не?

Ба хати дасташ нигариста, гуфтам:

- Ду фарзанди аввалат якхеланд ва ду фарзанди дигарат дигар хел (зеро ӯ аллакай аз ду духтар доштанаш худаш маро огоҳ карда буд). Ин маънои онро дорад, ки агар ду фарзанди аввалат духтар бошанд, ду фарзанди дигарат писар мешаванд, агар ду фарзанди аввалат писар бошанд, ду фарзанди дигарат ҳатман духтар мешаванд.

Ва боз ба кафи дасташ нигариста, маслиҳат додам, ки занашро хеле эҳтиёт кунад, зеро эҳтимолияти афтонидани бача низ вуҷуд дорад.

Милиса як даҳрублиеро ба ман дода, ташаккуркунон рафт. Баъди як ҳафта боз ҳамин милиса омада, гуфт:

- Акаҷон, дигар ба фолбинии ту ман ҳеҷ шубҳае надорам, зеро то имрӯз ман чунинашро надида будам.

Гуфтам:

- Тинҷӣ аст? Ошуфта менамоӣ?

Гуфт:

- Занам тифли батнашро афтонд.

Даст ба гиребон бурда, гуфтам:

- Дигар ягон хавфе намонд. Иншооллоҳ баъди ин туро ду писари солим интизор аст.

Чунин мувофиқатҳо кам набуданд ва гоҳо худамро метарсониданд. Зеро ман дидаву дониста дурӯғ мегуфтам ва дурӯғи ман рост мебаромаду бечораҳо ба ман эътиқод мекарданд.

Як рӯз ба шифохона ба наздам зани ҷавоне омада, аз бефарзандӣ шикоят кард ва хоҳиш намуд, ки ман бояд ӯро фол бинам. Хатҳои дасташро санҷида, боз ҳам рақамҳои ҳархела навишта, онҳоро ба варақ кӯчонида, ҷамъу тарҳ карда гуфтам:

- Бонуи азиз. Шумо соҳиби се фарзанд мешавед. Ман дар хати дасти шумо онҳоро дида истодаам. Барои ҳамин ҳам, бо дили пур зиндагиро идома диҳед ва интизори он рӯзи хуш бошед.

Гуфт:

- Аз арӯсшавиам 5 сол гузашт. Пас чаро то имрӯз ман бачадор намешавам?

Гуфтам:

- Фардо шавҳаратро биёр. Ман хати дасти ӯро ҳам мебинам, баъд хулосаамро ба ту мегӯям.

Вақте ӯ рафт, ҳамшираҳо гуфтанд:

- Шавҳари ин айбе надорад, айб дар худаш аст.

Гуфтам:

- Аз куҷо медонед?

Гуфтанд:

- Ин зан сабукпо аст, бо ҳар нафаре хуфтухоб мекунад. Агар айб дар шавҳараш мешуд, ӯ кайҳо аз дигарон ҳомила мешуд.

Гуфтам:

- Пагоҳ мефаҳмем.

Рӯзи дигар ӯ воқеан бо шавҳараш омад. Шавҳарашро ба ҳуҷраи алоҳидае дароварда, дар танҳоӣ ӯро фол дида,

кунҷковиам боло гирифту хеле ҷиддӣ истода гуфтам:

- Акаҷон маро бубахш. Дар хати дасти ту ман ду фарзанд дида истодаам. Ман нафаҳмидам, чаро зани ту бефарзанд аст?

Гуфт:

- Акаҷон, рост гуфтӣ, ман ду фарзанд дорам, вале аз зани асосиам не.

Гуфтам:

- Занат инро медонад?

Гуфт:

- Не.

Боз чанде ба кафи дасташ нигариста, гуфтам:

- Агар хуб табобат кунӣ, аз ин занат ҳам фарзанддор мешавӣ. Зеро хатҳои дасти ту нишон медиҳанд, ки ту се зан дорӣ ва соҳиби шаш фарзанд мешавӣ.

Гуфт:

- Акаҷон, рост гуфтӣ, ман аз як занам аллакай ҷудо шудам. Ин зани сеюмам аст, вале ӯ аз зани дуюмам огоҳ нест.

Ба худ мегуфтам, ки «ё аҷабо, чунин мувофиқат ҳам мешудааст». Ӯро ҷавоб додаму занашро аз нав ба ҳуҷра даъват карда, такроран фол дида, гуфтам:

- Ман як ҳақиқатеро мегӯям, ки гуфтанам мумкин нест. Агар гӯям, ба худам зиён мерасад. Зеро мо фолбинҳо баъзе ҳақиқатҳоро бинем ҳам, гуфта наметавонем.

- Илтимос, ҳарчӣ дидед, гӯед, ман зиёнатонро ҷуброн мекунам,- гуфта, илтиҷокунон чанд панҷрублиеро наздам партофт.

Гуфтам, ки кам аст ва ӯ боз партофт.

Гуфтам:

- Он чӣ ман мегӯям, бояд миёни ҳардуямон монад ва шавҳарат нафаҳмад.

Вақте ӯ қасам хӯрд, ки ба касе намегӯяд, гуфтам:

- Ту ҳатман соҳиби фарзанд мешавӣ. Ман дар хати дасти ӯ фарзанди туро ҳам дидам. Лекин хати дасти ту нишон медиҳад, ки ту ба шавҳарат хиёнат мекунӣ. Рост бигӯ, ту чаро ин корро кардӣ?

Ӯ нохост худаш гуноҳашрро эътироф карда, гуфт:

- Акаи фолбин. Ман ин корро фақат ба хотири фарзанд

кардам. Чунки ман худро чандин бор ба духтур нишон додам, онҳо гуфтанд, ки айб дар ман нест. Ман ҳам аз шавҳарам шубҳа доштам ва худро бо дигаре санҷидам, аммо фарзанд нашуд.

Ба ӯ мушкилкушо фармудам. Зан ба ман боз як 10-рублиеро дода, «илтимос, байни худамон монад» гуфта, рафт.

Баъди ин, на танҳо ба ин касб, балки ба ҳар нафаре, ки фолбинӣ мекард, нафрат доштам ва бароямон аз фолбиниҳои худам қисса мекардам, то онҳо ба шайтон будани фолбин бовар кунанд, вале ба фолбиниаш не.

Як ҳодисаи дигаре дар деҳаамон шуда буд, ки ҳатто ҳамдиёронам ба фолбинии ман бовар карда буданд. Як нафар аз хешовандон, ки дар моҳи 9-уми ҳомилагӣ будааст, аз ман хоҳиш кард, то тифли батни ӯро фол бинам, ки писар аст ё духтар. Ӯ якчанд духтар дошт, аммо писаре надошт. Он солҳо УЗИ гуфтанӣ чиз ҳам набуд ва то таваллуд ҳеҷ табибе ҷинсияти тифлро муайян карда наметавонист. Ба кафи дасташ нигариста, дар ҳузури ҳама пурсидам:

- Ин чандум фарзандат аст?

Гуфт:

- Чорум.

Шӯхиам гирифту гуфтам:

- Бовар кун, инаш ҳам духтар аст.

- Илоҳӣ даҳонат пушти сарат гардад,- гуфта, маро дуои бад карду рафт. Зеро ӯ то фолбинии ман назди чанд фолбини дигар рафта будаасту онҳо ҳама писар гуфтаанд.

Вале чун ҳафтаи дигар ӯ боз духтар ба дунё овард, бо ҳамин на танҳо ӯ, балки ҳама занҳои лаби об ба фолбинии ман бовар карданд, вале ман аз ин пешаи шайтонӣ даст кашидам.

Ин хотиротро барои он овардам, ки мардум ба фолбину ҷодугарон рӯ наоранд ва ба эшон эътиқод набанданд. Зеро ин амал ҷуз дурӯғу шайтонӣ чизе нест ва беҳуда нест, ки фолбину фоландозро дар ислом шайтон медонанд.

ЧӮПОНӢ БО НИЯТИ ГӮШТХӮРӢ

Донишҷӯи соли дуюм будам. Тобистон, вақти таътили тобистона ба деҳа омадам. Як рӯз субҳи барвақт падарам

маро аз хоб бедор карда, гуфтанд:

- Додарат чӯпониро мепартоям гуфта истодааст. Ба фикрам хаста шудааст. Ту 10 рӯз ба ҷои ӯ чӯпонӣ кун. Каме истироҳат ки кард, боз бармегардад.

Ман чӯпониро дӯст медоштам, бахусус дар фасли тобистон. Ҳавои тоза, кӯҳҳои баланду ҷойҳои зебо, шабҳо гирондани гулхану сурудхонӣ дар атрофи он маро ба вачд меовард. Бахусус ҳаваси хӯрдани гӯшту айрон водорам кард, ки пешниҳоди падарро бе ҳеҷ дудилагӣ қабул кунам. Зеро, ҳар вақте мо назди чӯпонҳо мерафтем, ҳатман пешамон қайла меоварданду айрон мерехтанд. Мо бошем, бошавқ, лаззат бурда мехӯрдем.

Либосҳои кӯҳнаву нисбатан гармамро гирифта, ба хар савор шуда, худи ҳамон рӯз ба мавзее бо номи Несӣ, ба назди рамаи гӯсфандон омада расидам ва додарамро ҷавоб дода, чӯпониро оғоз кардам. Рӯзҳо паси сар мешуданду сарчӯпон ҳеҷ бузе ё гӯсфандеро намекушт. Ба бахти ман, ҳеҷ як чорвое ҳам намемурд, ки сарашро бурида, ақаллан дилу ҷигарашро бихӯрем. Зеро, тибқи қонунҳои нонавиштаи чӯпонӣ, ҳар чорвое, ки кушта мешавад, дилу ҷигар ва сари синаашро чӯпонҳо мехӯранду боқимондаашро ба соҳиби чорво мефиристанд. Ҳар рӯз макаронбирёну оши сахт мехӯрдему халос. Рӯз ба рӯз ҳаваси хӯрдани гӯштбирён бештар мешуду умед барои хӯрдани гӯшт камтар.

Аз байн як ҳафта гузашт. Хеле фикр кардаму худ ба худ гуфтам: «Агар ман худам чорае наандешам, гӯшт нахӯрда ба хона бармегардам». Бо ҳамин ният, вақте аз паси мол мерафтам, ҳангоми аз сангпаре бо номи «Ҷари кабуд» гузаштан як бузи сафедеро аз пояш дошта, куштанӣ шудам. Буз бо як чолокӣ аз дастам халос хӯрда, гурехт. Он гоҳ гӯсфанди хурдтареро дошта, дасту пояшро баста, сарашро буридам ва баъди куштан як санги калонеро ба тахтапушташ зада, чунон кардам, ки гӯё онро воқеан санг зада буд ва ман ноилоҷ сарашро буридам. Баъд аз чок кардани шикам ва партофтани рӯдаву ишкамба, ёрдамчии чӯпонро фарёд кардам, ки омада онро ба қӯтан барад. Ёрдамчии чӯпон омада, онро ба хар бор карда бурд. Ман бошам, чӯпониро то бегоҳ хурсандона идома додам. Зеро ин бегоҳ моро на

макаронбирён, балки гӯштбирён интизор буд.

Шом сарчӯпон Имомиддин, ки писари амакам буд, табақи пур аз дилу ҷигарро назди мо гузошта, гуфт:

- Кори хуб нашуд.

Гуфтам:

- Чаро?

Гуфт:

- Ин охирин гӯсфанди амакам буд. Афсӯс, ин ҳам мурд.

Танҳо вақте «амакам» гуфтани сарчӯпонро шунидам, дарк кардам, ки ман гӯсфанди худамонро куштаам, на аз каси дигарро. Ин аст, ки лаб газида, гӯштро бештар аз дигарон хӯрда, боқимондаи онро гирифта ба хона баргаштам.

Аз тарси он ки падарам танбеҳ надиҳанд, асрори чӣ гуна кушта шудани гӯсфандро пинҳон дошта, гуфтам:

- Дадаҷон, инро санг зад, ҳаром нашавад гуфта, худам зуд сарашро буридам.

То зимистон ин сирро ба касе нагуфтам. Зимистон вақте таътили донишҷӯён сар шуд, аз нав ба деҳа омада, чи гуна кушта шудани онро ба падарам эътироф карда, гуфтам:

- Дадаҷон, як ҳафта дар интизории гӯшт гузашт, вале ранги гӯштро надидам. Бинобар ин, ҳавасам рафту таваккал карда, ҳар чӣ пеш омад, сар буридам. Намедонистам, ки гӯсфанди худамонро мекушам.

Падарам хандида гуфтанд:

- Ин аст ҳоли чӯпоне, ки моли худашро намешиносад.

НОС, ДӮҒОБ ВА РАМАЗОН

Ҳангоми сафар ба шаҳри Панҷакент аз истгоҳи корхонаи сементбарории Душанбе шахсе бо мо ҳамроҳ шуд ва аз амри маъруфаш маълум буд, ки саводи хуби динӣ ҳам дорад. Тамоми роҳ ба мо аз фазилатҳои моҳи шарифи Рамазон сухан мекард ва таблиғ менамуд, ки дар ин моҳ мо дари хайру саховатро кушода, рӯза дорем ва панҷ вақт намозамонро тарк накунем. Мо ба ҳар суханаш сар мечунбонидему ҳатто баъзе мусофирон «ҳазрат, як дуо диҳед» гӯён, пул ҳам дароз мекарданд.

Вақте ба ағбаи Майхӯра рост мешудем, дар вақти авҷи амри маъруф, ғайричашмдошти ҳама, домулло аз ҷайби

худ носхалтаеро бароварда, ба каф нос гирифт ва зери забон партофт. Ҳама ба якдигар бо тааҷҷуб нигоҳ кардем. Ман худ ба худ «ана, худо дод» гӯён, аз ӯ пурсидам:

- Ҳазрат, магар худи шумо беморед ва ё узре доред, ки рӯза намедоред?

Гӯё чизе нашуда бошад, мулло бо як виқори ба худ хос гуфт:

- Астағфуруллоҳ. Ин тавр нагӯ. Ман рӯзадорам. Нос рӯзаро намешиканад.

Гуфтам:

- Чӣ тавр?

Гуфт:

- Дар Қуръони карим ҳеҷ ояте вуҷуд надорад, ки дар он номи нос оварда шуда бошад. Ҳатто ҳадисе мавҷуд нест, ки кашидани носро дар моҳи Рамазон манъ карда бошад.

Ӯ як ҳадисеро оварда, тарҷума карда, фаҳмонд, ки дар он номи нос нест.

Гӯё аз ҷавоб қонеъ шуда бошем, ҳама ором шудем, вале қалби ман ором намешуд. Мехостам ба ин муллои носкаш ҷавоби сазоворе диҳам. Баъди чанде мошини мо дар назди мавзее бо номи «Оби Тоғмат» таваққуф кард. Дар дохили ҷӯйбори равоне, ки оби ниҳоят сард дошт, шахсе дар зарфи калоне дӯғоб (чолоб) гузошта буд, ки хеле сарду болаззат менамуд. Ҳавасам рафту дар ҳузури домулло як коса дӯғоб фармудам. Косаи аввалро пурра нӯшида, дуввумашро фармоиш додам. Дуввумашро низ нӯши ҷон ва ҳисобӣ карда, ба роҳи худ идома додем.

Домулло аз ман пурсид:

- Писарам, ту ба ман шаккокӣ кардӣ, вале худат рӯзахӯр ба назар мерасӣ-ку. Ё саҳар нияти сафар карда будӣ?

Ман ҳам чун домулло бо чиддият ҷавоб додам:

- Домулло, астағфуруллоҳ гӯед. Ман рӯзадорам.

Гуфт:

- О, ҳозир ду коса дӯғобро нӯши ҷон кардӣ-ку!

Гуфтам:

- Канӣ домулло, як оят ва ё як ҳадисеро номбар кунед, ки дар он гуфта шуда бошад, ки дӯғоб рӯзаро мешиканад.

Домулло хеле ба андеша рафт. Масофаи зиёдеро хомӯ-

шона идома додем. Домулло гуфт:

- Писарам, агар ин тавр фикр кунем, номи аксар чизҳо дар Қуръон оварда нашудааст.

Ман шердилтар шуда, табассумкунон гуфтам:

- Амакҷон, агар носи шумо рӯзаро нашиканад, пас ҳеҷ чиз онро шикаста наметавонад, бахусус дӯғобе, ки ман нӯшидам.

Дигар то ба Панҷакент расидан ҳеҷ амри маъруфе нашуд.

ГУЗОРИШ АЗ СУРИЯ

ДОИШ шикаст хӯрду Башор Асад бо ёрии Русия ва Эрон ба ин ташкилоти террористӣ ва ё давлати шайтонӣ ғолиб омад. Бо супориши сармуҳаррири ҳафтаномаи «Самак» Абӯалӣ Некрӯзов, бо мақсади ошноӣ бо вазъи кунунии Сурия ва дидорбинӣ кардан бо Башор Асад, ба ин кишвари ҷангзада сафар карда, хостам аз ҳолати баъдиҷангии Сурия гузориши зиндае омода кунам.

Бинобар он, ки аз Душанбе мустақиман ба Сурия тайёра парвоз намекунад, сафари мо ба воситаи шаҳри Маскав сурат гирифт. Ҳавопаймои ширкати «АЭРОФЛОТ»-и Россия тақрибан соатҳои 4-и субҳ моро дар фурудгоҳи байналмилалии Димишқ фуруд овард. Ҳангоми гузаштан аз гумруки фурудгоҳ ду афсар шиносномаи маро кушода, ба мӯҳри пушти он нигаристанд, ки пеш аз расидан ба Димишқ ман марзи кадом кишварро убур кардаам. Вақте диданд, ки ман пеш аз ворид шудан ба Сурия марзи Русияро убур кардаам, «хуш омадед» гӯён, дастҳо пеши бар, то баромади фурудгоҳ гусел карданд. Ҳисси кунҷковиам боло гирифту аз онҳо пурсидам:

- Барои чӣ аз кадом сарҳад гузаштани мусофирон ин қадар муҳим аст?

Гуфтанд:

- Ҳар нафаре аз Русия меояд, ӯ аз дӯстони Башор Асад аст ва ҳар нафаре, ки аз Туркия меояд, ӯ дар сафи мухолифин қарор мегирад.

«Ман аз дӯстони Башор Асад будаам» гуфта, хурсандона роҳи худро идома додам. Мошини зиреҳпӯше моро то қа-

роргоҳи Президенти Сурия Башор Асад овард. Дар қабулгоҳ нахуст моро як генерали рус қабул намуда, бо мо сӯҳбат кард ва танҳо баъд аз чанд саволу посухи кӯтоҳ дар бораи ҳадаф аз сафар ба Сурия ва дидор бо Башор Асад ба қабули президент иҷозат дод. Баъдтар фаҳмидем, ки ин нафар мушовири махсуси Президенти Сурия дар масъалаи амният будааст, ки аз Русия омадааст.

Башор Асад моро хуш қабул карда, аз ҳамаи рӯзноманигороне, ки дар ин давраи мушкил аз сиёсати пешгирифтаи ӯ пуштибонӣ мекарданд ва муборизаашро алайҳи терористон ташвиқ менамуданд, изҳори сипос карда, гуфт:

- Ин ҷанг аслан ҷангест, ки Амрикову Исроил ва тарафдорони онҳо алайҳи мо пеш гирифта буданд. Онҳо бо мақсади барҳам додани давлати кунунии Сурия ва ба сари қудрат овардани тарафдоронашон давлати террористии ДОИШ-ро маблағгузорӣ карда, ҳамзамон бо яроқу аслиҳа таъмин намуданд. Ғалабаи мо бар терористон - ин ғалаба бар ҳама душманони кишварҳои араб аст. Ман дар ҳама вохӯриҳоям бо рӯзноманигорон дар ин бора гуфтам ва минбаъд низ ин гуфтаҳоро бо далелҳо тасдиқ хоҳам кард.

Вақте мо аз яроқи кимиёвии Сурия пурсон шудем, Башор Асад табассуме карда гуфт, ки Сурия айни замон ҳеҷ гуна яроқи кимиёвие надорад. Магар мешавад чизеро дар ҷанг истифода кунед, ки надоред? Албатта не. Ин ҳам мисли яроқи кимиёвии Ироқ аст, ки бо баҳонаи он Амрикову Британиё ба Ироқ ҳуҷум карда, ҳокимияти Саддом Ҳусейнро барҳам заданд ва дар он ҷо мустақар шуданд. Баъдан маълум шуд, ки Ироқ ҳеҷ гуна яроқи кимиёвие надоштааст. Он вақт ҳадаф барҳам додани ҳокимияти Саддом Ҳусейн буд, имрӯз бошад, ҳадаф барҳам додани ҳокимият дар Сурия аст. Хушбахтона, муттаҳидони мо, аз ҷумла Россия ин ҳадафи онҳоро барҳам дод.

Баъд аз дидорбинӣ бо Башор Асад моро нахуст ба шаҳри Ракка, ки то ин замон пойтахти террористони ДОИШ ба ҳисоб мерафт ва нав озод шуда буд, бурданд. Шаҳр агарчӣ вайрону валангор буд, вале кӯчаҳояш рӯфтаву озода ба назар мерасид. Дар осмони шаҳр ҳар замон ҳелекуптарҳо ва тайёраҳои ҷангии Русия дида мешуданд, ки ба самти

номуайян парвоз мекарданд. Худи шаҳр ба назар комилан ором намуд. Фақат аз дур ғоҳ - ғоҳ садои таркишу паррон - паррон ба гӯш мерасиду халос. Ҳар як бинои валангорро гурӯҳ - гурӯҳ сохтмончиён иҳота карда, ба обод намудани он шурӯъ карда буданд. Вақте назди сохтмончиён омада, бо эшон ба забони арабӣ сӯҳбат карданӣ шудам, касе чизе нафаҳмид. Он вақт дидам, ки ду нафар байни ҳам тоҷикӣ сӯҳбат доранд. Зуд ба наздашон омада, ҳолпурсӣ кардам ва маълум шуд, ки онҳо сохтмончиёни тоҷик будаанд. Ҳамаашон патенти русӣ доштанд. Ҳукумати Сурия ваъда кардааст, ки ҳамаи тоҷиконеро, ки патенти русӣ доранд, дар сохтмонҳояш ба кор мегирад ва инчунин аз Ҳукумати Россия хоҳиш мекунад, ки депорти онҳоро бекор кунад. Россия низ ба ивази чанд соли кор дар Сурия ба депортшудагон ваъдаи додани шаҳрвандии Россияро кардааст. Ин аст, ки бачаҳо бе ҳеҷ дудилагӣ ба кор дар сохтмонҳои Сурия падохтаанд.

Дар кӯчаҳои Ракка ҳамаи генералҳову афсарон бо русӣ сӯҳбат мекарданд. Бинанда гумон мекард, ки дар ягон шаҳри валангори Россия қарор дорад, на дар Сурия.

Ба генерали суриягӣ муроҷиат карда, гуфтам:

- Офарин ба шумо, ки ба давлати террористии исломӣ ғолиб омадед ва кишваратонро аз душман озод кардед.

Ғайричашмдошти ман, ӯ гуфт:

- Мо ҷанг накардаем. Ин ҷанг миёни Амрикову Россия буд.

Гуфтам:

- Пас кӣ дар ин ҷанг ғолиб омад? Россия ё Амрико?

Гуфт:

- Исроил!

Боз ҳам ҳайрон шуда, пурсидам:

- Ҷанг миёни Россияву Амрико гуфтед, вале чаро Исроил ғолиб дониста шуд?

Гуфт:

- Вақте кишварҳои мо ба ҷанг кашида шуданд, дигар ҳама даъвоҳои худудӣ бо Исроил муваққатан қатъ шуданд ва ҳатто баҳси Фаластину Исроил ба кунҷи фаромӯшӣ рафт. Ин маънои онро дорад, ки Исроил ғолиб омад.

Баъд аз боздид аз шаҳри Ракка моро ба мошини зиреҳпӯше савор карда, бо роҳнамоии аскарони рус ба шаҳри Хан-Шейхун, ки дар наздикии пойтахти Сурия - Димишқ ҷойгир аст, бурданд. Агарчи ин шаҳр ободтар ба назар мерасид, вале парвози пайвастаи тайёраҳои ҷангӣ гувоҳӣ аз он медоданд, ки ҷанг ҳанӯз ба итмом нарасидааст. Мо гӯшаҳои гуногуни ин шаҳрро тамошо карда, ба пойтахт баргаштанӣ будем, ки ин вақт тайёраи ҷангии ношиносе дар осмон пайдо шуду бонги хатар зада шуд ва ҳама ба паноҳгоҳҳо паноҳ бурданд. Ман низ зуд зери вайронае паноҳ бурдам. Ин вақт ҷомадони калони чармие аз тайёра рост ба назди ман афтид. «Бомба» гӯён тарсидам ва сарамро дошта, рӯямро ба замин пинҳон кардам, ки агар мабодо кушта шавам, ақаллан маро шинохта тавонанд. Вале бо гузашти вақт дарёфтам, ки «бомба» нияти таркидан надорад. Оҳиста, аз ҷой нохеста, онро кушодам, ки пур аз бандчаҳо буд. Дурусттар нигоҳ кардам, ки бандчаҳои доллар аст. «Худо дод» гӯён, зуд ҷомадонро маҳкам карда, аз шаҳр баромаданӣ шудам, ки ду афсари рус маро боздошт карда, пурсиданд:

- Дар даст чӣ дорӣ?

Гуфтам:

- Ҷомадон.

- Ҷомадонат чӣ дорад?

- Доллар!

- Долларро ба кӣ мебарӣ?

- Ба Башор Асад!

- Ин долларҳоро ба ту кӣ дод?

- Аз тайёраи Доналд Трамп афтид.

«Ҳозир мо туро ба назди Башор мебарем» гуфтанду онҳо маро ба мошини зиреҳпӯши худ савор карда, ба таҳҳонае оварданд. Таҳҳона бо ҳама техникаи замонавӣ ҷиҳозонида шуда буд. Яроқҳои гуногуни ғасбшудаи ҷангӣ, компютеру техникаҳои аврупоӣ ва ким-чиҳои дигар. Як нафар аз афсарон ба ман дастур дода, гуфт:

- Ҷомадонатро ба рӯи миз гузор!

«Итоат» гӯён, ман ҳам зуд онро ба болои миз гузоштам.

Гуфт:

- Боз кун.

Вақте онро кушодам, маълум шуд, ки воқеан пур аз доллар будааст. Чашми афсарон бо дидани ҷомадони пур аз доллар қариб ки аз косахонаи сарашон мебаромад.

Афсаре гуфт:

- Амрико бояд ин долларҳоро ба мухолифини Башор Асад мепартофт, вале саҳван ба ҷое партофтааст, ки дар дасти мо қарор дошт. Барои ҳамин ҳам ин пулро мо мегирем, на Башор Асад.

Ман гуфтам:

- Метавонед ҳамаашро бигиред. Як бандчаашро ба ман диҳед, басанда аст.

Гуфт:

- Номаъқул кардӣ! Ҷангро мо кардему ту долларро гирифтан мехоҳӣ? Ин тавр намешавад.

Яке аз афсарон ногаҳон бо қундоқи автомат чунон ба пешониам зад, ки пуштнокӣ рафта, сарам ба девор заду рӯи фарш афтодам ва додзанон бедор шудам, ки дар хона, рӯи коғазҳои паҳну парешон ва нашрияҳои нохонда, рӯи нашрияҳое, ки дар он акси калони Башор Асад чоп шуда буд, хобам бурдаасту писарчаам «дадаҷон чӣ шуд, дадаҷон чӣ шуд?» гуфта, маро аз хоб бедор карда истодааст.

9 СОЛИ ҲУКМ БАРОИ ЯК «КАМАРБАНДИ ТИББИИ ТОҶИКӢ»

Соли 2007 буд. Дар шаҳри Маскав тоҷикеро бо камарбанди тиббӣ боздошт карданду ба Шуъбаи корҳои дохилии метрои Вернадский оварданд. Ман низ бо зарурияте дар ҳамон шӯъба қарор доштам. Бинобар он ки боздоштшуда русиро хуб намедонист, пулисҳо дар ҷустуҷӯи тарҷумон шуданд ва ман розӣ шудам, ки дар пурсиш иштирок кунам ва хизмати тарҷумониро барояшон адо намоям. Камарбанд хеле вазнин буд ва маҳз ҳамин вазнинӣ милисаҳоро ба шубҳа водор намудааст. Онро баркашиданд, 2 килою 700 грамм баромад. Вақте сабаби вазнинии камарбандро пурсиданд, ҷавон гуфт:

- Ман миёндард ҳастам. Вақти омаданам модарам ба ман аз намаки махсус камарбанд сохт ва ман онро ҳамеша дар миён баста мегардам. Ин намак намаки табобатӣ аст.

Ҳар замон миёнашро доштаву доду вой мекард, ки иҷозат диҳанд, то ӯ камарбандро ба миёнаш бандад, вагарна аҳволаш бадтар мешавад. Милисаҳо камарбандро сӯрох карданд, ки дар он хокаи сафед ҷой карда шуда буд, вале ҳеҷ шабоҳате ба намак надошт ва бештар ба орд монанд буд. Чанд нафари дигарро даъват карданду «намак»-и камарбандро пурра ба пакети селофание холӣ карданд ва онро барои ташхис фиристоданд. Натиҷаи ташхис нишон дод, ки дар камарбанд 2500 грамм героини навъи аълои афғонӣ ҷой карда шуда, ин қадар героин ҳамон вақт дуюним миллион рубли русӣ арзиш доштааст.

Ба ҷавон барои истифода аз чунин «камарбанди тиббӣ» 9 сол ҳукм доданд.

МАРДИКОРӢ ДАР ХОНАИ АБДУВАКИЛ ВА САЛОСАЮ ХАММОСА

Солҳои донишҷӯӣ буд. Баҳор вақте ба қишлоқ омадам, падарам фармуданд, ки деворҳои афтидаи атрофи замини хонаро бардорам. Белу каландро гирифта ба кор шурӯъ кардам, вале чун ҳунари деворчинӣ надоштам, сангҳо ба гунае чида мешуданд, ки ҳар бинандаро ба ваҷд меоварданд. Чӣ кор карданамро намедонистам, ки Абдувакил пайдо шуд ва ба ҳоли ману сангчиниҳоям хеле хандида, гуфт:

- Бачаи амба, маълум ки дар умрат сангдевор накардаӣ ва наметавонӣ. Бинобар ин, як пешниҳод дорам. Ҳозир якҷоя девори туро мебардорем ва баъд ба хонаи мо рафта, замини наздиҳавлигии маро шудгор мекунем.

«Хеле хуб» гӯён, ман зуд ин таклифро қабул кардам.

Чун Абдувакил усто буд, дар як соат ҳама деворҳои афтодаро бардоштему ба хонаи онҳо рафтем. Нав ба заминканӣ шурӯъ намуда будем, ки янгаам «хӯрок тайёр» гуфтанд. Мо ҳам «аввал шикамро сер кунем, баъд заминро меканем» гуфта, рӯйи кати ҳавлӣ нишастем. Абдувакил шояд аз ин пеш мардикоронро бо арақ кор фармуда будааст, ки як шиша арақ назди ман гузошт, вале худаш нанӯшид. Ман барои иштиҳо гуфта, 100 грамм гирифтам ва баъдтар ҷуфт кардам. Баъдан салосаи ғассола гуфта, сеюмашро гириф-

таму Робиаи Балхиро ба ёд оварда, арбаъа гӯён, чорумашро ҳам нӯшидам. Вақте аз чоргона гузаштем, «Хамса»-и Низомиро ба ёд оварда, хаммоса гуфта, панҷумашро ҳам ба гулӯям рехтам. Охирашро низ «ҳайф нашавад» гуфта, нӯши ҷон кардаму бо иштиҳо ошро хӯрдем.

Абдувакил дастрахонро ҷамъ карда, гуфт:

- Хез, акнун ба шудгор меравем!

Ман ки як шиша арақро худам танҳо нӯши ҷон карда будам, магар метавонистам замин шудгор кунам? Ин аст, ки болиштро зери сар монда, рӯи кат дароз кашидаму гуфтам:

- Кадом беинсоф баъди як шиша шароб одамро кор мефармояд? Ҷӯраҷон, иҷозат деҳ ним соатак хоб кунам, баъд хеста заминро меканам.

Ҳамин тавр, хоб бурду вақте хамёза кашида аз ҷой хестам, шудгор аллакай тамом шуда буд.

ҲАСРАТИ 2 ПАШША

Дар боғи Ирам, дар ҷойи кушоде дар курсие нишаста, кулоҳамро аз сар гирифтам, то ин ки каме ҳам бошад, сари каммӯям офтоб хӯрад. Нав гармии офтобро эҳсос мекардам, ки аз куҷое 2 пашша омада, ба тори сарам нишастанд. Ман, ки ҳатто пашшаро озор намедиҳам, ба онҳо кордор нашудам ва танҳо оинаро ба пеш гузошта, ба воситаи он ҳаракатҳояшонро наззора кардам. Онҳо аз гармии офтоб фароғат карда, бо миш-миш байни ҳам чизе мегуфтанд. Ҳама гӯшу хушро ба садои онҳо ҷалб карда, кӯшиш кардам чизе бифаҳмам ва муваффақ ҳам шудам.

- Аҷаб дунёст ин дунё - а? Бубин, бо сари одамизод чӣ корҳое мекунад...,- бо ҳасрат гуфт яке.

- Чаро аҷаб будааст? Ман ягон аҷоиботро намебинам,- гуфт дуввумӣ.

- Чӣ хел намебинӣ? Дар ёд ор, 20 сол пеш вақте мо ба ин сар нишаста будем, чун ҷангали анбӯҳ торик буд. Мо байни мӯйҳо ҳатто роҳ рафта наметавонистем. Имрӯз чӣ? Мисли биёбони бегиёҳу дарахт шудааст.

- Рост гуфтӣ. Мо 20 сол пеш дар сояи мӯйҳои ин сар аз офтоб панаҳ мебурдем, имрӯз бошад, баръакс, дар инҷо нишаста, аз гармии офтоб ҳаловат мебарем.

- Ёд дорӣ, мо чӣ гуна дар тори ин сар рустшавакон мекардем. Ман чунон руст мешудам, ки ту маро ҳеҷ пайдо карда наметавонистӣ,- бо овози духтарона гуфт бо ханда яке.

Дуввумӣ бошад, бо ҳасрат илова кард:

- Бале, имрӯз мо ҳатто рустшавакон карда наметавонем. Биё, хубтараш аз инҷо биравем ва ба сари мӯйдоре бишинем.

«Рафтем» гуфта, ҳарду парвоз карда рафтанду лаҳзае чанд ман ҳам дилам ба ҳоли мӯйҳои аз сар рафтаам сӯхт. Мӯйҳое, ки пашшаҳо 20 сол пеш дар зери онҳо рустшавакон мекарданд. Ба худ гуфтам: "Эҳ дунё, дунё. Ту бо ин сар чӣ кор кардӣ, ки ҳатто пашшаҳо онро ба биёбон ташбеҳ доданд".

АГАР МУМКИН БОШАД, КАМЕ БА ШУМО ТАКЯ КУНАМ?

Нисфирӯзии 30-юми декабр аз назди бинои «Ашан» ба маршрути №2 нишаста, ба самти хона равон шудам. Дар паҳлуям духтари ҷавоне нишаста, сарашро ба сари китфам гузошт. Вақте «тинҷӣ аст?» гуфта пурсидам, гуфт:

- Бубахшед, фишорам паст шудааст. Агар мумкин бошад, каме ба шумо такя кунам?

- Шояд ба духтур бараматон?,- гуфта, хавотиромез пурсидам.

- Не, чизе нест,- гуфта, бону сари худро пурра ба китфи ман партофт.

Чун аз фишорпастӣ хуб огоҳам, дилам воқеан барояш сӯхт. Ин аст, ки ман ҳам чизе нагуфта, дастамро ба китфаш гузоштам ва ба роҳи худ идома додем. Духтар дар истгоҳи Гулистон маршрутро нигоҳ дошт ва ҳарчанд ман хоҳиш кардам, ки ӯро то хонааш гусел кунам, қабул накарду аз маршрут берун шуд.

Вақте ба хона наздик шуда, ба кӯчое занг заданӣ шудам, ҷайбамро дарида дидам. Телефони мобилӣ дар ҷайб набуд. Духтар хеле моҳирона, курткаамро бо теғ бурида, телефонро аз ҷайбам рабудааст. Танҳо ҳамон вақт фаҳмидам, ки сирри пастшавии фишори хун ва ба ман такя кардани ин хонум чӣ будааст, вале аллакай дер шуда буд ва акнун фишори ман боло рафт.

«ДАР ВАҚТИ ДОНИШҶӮЙ ЧУНИНАШ ҲАМ МЕШАВАД»

Донишҷӯ будему як нафар ҳамсабақамон хеле саҳархез буд. Ҳар либосе, ки барои пӯшидан омода мешуд, саҳар мепӯшиду ба дарс мерафт. Фарқ надошт, ки ин либос ба кӣ тааллуқ дорад. Як саҳар хестам, ки либосҳои дарзмолкардаам дар ҷояшон нестанд. Зуд фаҳмидам, ки ӯ пӯшидааст. Вале чун илоҷе набуд, ҳарчӣ пеш омад, аз нав дарзмол карда, пӯшида ба дарс омадам, вале аллакай дер шуда буд.

Дарси якум дарси забоншиносӣ буд ва устод Норматов дарс медоданд. Дер кардан ба дарси он кас барои донишҷӯ як фочиа буд.

Дарро ба рӯям устод Норматов кушода, гуфтанд:

- Соат чанд аст?

Ман худро сафед карданӣ шуда, «устод, ман бо айби худам дер накардаам, бо айби ана ҳамон ҳамхонаамон» гуфта, ҳамонеро нишон додам, ки либосҳои маро пӯшида омада буд.

Муаллим ба ҳамсабақамон нигариста, сарзаниш карда, гуфт:

- Ҳарду дар як ҳуҷра зиндагӣ мекардаед, чаро ӯро бедор накардӣ?

Ба ҷойи ӯ ман ҷавоб дода, гуфтам:

- Муаллимҷон, бедор накарданаш ку ҳеҷ гап нест. Ӯ ин саҳар либосҳои маро пӯшида омадаасту ман либосе наёфтам, ки пӯшам ва барои ҳамин дер кардам.

Ҳама дар ханда шуданд. Устод низ бозавқ хандида, «дар вақти донишҷӯӣ чунин ҳам мешавад» гуфта, гуноҳи маро бахшиданд. Вале он ҳамсабақамон дигар либоси касеро напӯшид.

МАН ҲАМА ДАРДРО ТАБОБАТ МЕКУНАМ...

Бемореро ба назди духтури шиносе бурдам. Духтур, дар баробари он, ки таҷрибаи хуби корӣ дорад, хеле шӯху ширингуфтор низ ҳаст. Ҳамеша бо беморон шӯхӣ мекунад, онҳоро механдонад ва зуд-зуд дилбардорӣ ҳам мекунад.

Ман беморро ба духтур муаррифӣ карда, бо шӯхӣ гуф-

там:

- Духтурҷон, фақат рост бигӯед, ки бемориаш табобатшаванда аст ё беҳуда хароҷот накунем.

Табиб набзи беморро санҷида, хеле ҷиддӣ аз ҷой барҳосту дарро кушода, ба ин тарафу он тарафи роҳрав нигариста, зуд дарро пӯшид ва аз дарун маҳкам карда, дар ҷояш нишаст.

Бемор ҳайрон шуда, пурсид:

- Доктор, тинҷӣ аст? Аз кӣ руст мешавед?

Духтур гуфт:

- Тинҷӣ нест. Овозатонро набароред, ки ҳазрати Азроил дар роҳрав ин тарафу он тараф роҳ гашта истодаанд. Метарсам, ки шуморо интизоранд. Агар он кас воқеан аз паси шумо омада бошанд, ҳама гуна табобати мо бефоида аст, вале агар аз паси шумо наомада бошанд, ҳатман табобат мекунем.

Бемор аз тарс гуфт:

- Чӣ гуна?

Духтур гуфт:

- Яъне, ман ҳама дардро табобат мекунам, ба шарте, ки ҳазрати Азроил аз паси бемор наомада бошад, вале...

Бемор ҳам духтур ва ҳам маро ҳақорат карда, «ман сиҳат шудам» гуфту бо ҷаҳл аз дар баромад ва воқеан дар як лаҳза шифо ёфт.

ПАЁМАКИ ШУБҲАНОК

Раҳмоналӣ телефони мобилиашро дар хона гузошта, ба ҳаммом медарояд. Занаш, ки ба корҳои хона машғул буд, омадани паёмакро мушоҳида карда, ҳисси кунҷковияш боло гирифта, онро мехонад: «Туро ёд кардам, азизам. Биё, ки сахт ёдат кардам. Мехоҳам чанд лаҳзаякеро бо ҳам гузаронем. Мебӯсамат».

Вуҷуди занро рашк фаро гирифта, ба муаллиф менигарад. Паёмак аз номи Абдураҳим ном шахс омада буд.

Зан худро таскин дода, мегӯяд: «Ман чаро рашк кунам, паёмак аз номи мард аст-ку. Шояд ин мард хато карда бошад».

Баъд аз чанд лаҳза боз аз номи Абдураҳим паёми наве

меояд: «Раҳмончон, чаро хомӯшӣ? Биё, ки бӯсу каноратро ёд кардам».

Ҳуш аз сари зан мепарад ва ӯ ба гумонҳои ҳархела меравад: «Наход шавҳари ман ҳамчинсгаро шуда бошад? Наход ӯ бо мардон хуфтухоб кунад? Наход ӯ осмонранг бошад? Наход... Не. Не, тавба кардам, набояд ин хел бошад. Шавҳари ман наметавонад чунин бошад. Охир ӯ бо ман муносибати хуб дорад-ку. Агар бошад чӣ?».

Ӯ аз оташи рашку нобоварӣ ҳанӯз ба худ наомада, паёмаки сеюм меояд: «Ба хона биё азизам, ман танҳоям. Мехоҳам имшабро бо ҳам гузаронем».

Ҳуш аз сари зан парида, якбора даступо гум мекунад. Ба назараш дигар ба ҳамчинсгаро шудани шавҳараш ҳеҷ шубҳае намонда буд. Бо алам бо дастонаш сарашро дошта, дар ҷояш нишаста буд, ки мард аз ҳаммом баромада, занашро дар ин ҳол дида, мепурсад:

- Чӣ шуд, азизам? Саломатият хуб аст?

Зани ҳайратзада ба ғазаб омада, мегӯяд:

- Боз чӣ мешуд? Шояд агар бо ягон зан алоқа медоштӣ, мебахшидамат, вале агар тасдиқ шавад, ки ту бо мардон алоқа дорӣ, ман туро ҳаргиз намебахшам ва фарзандонамро гирифта, аз назди ту меравам, то мисли ту нашаванд.

- Ту чӣ, девона шудаӣ, чунин гумонҳои бад аз куҷо?,- ба шӯр меояд мард.

Зан телефони ӯро нишон дода, мегӯяд:

- Бихон!

Мард паёмакҳои аз номи Абдураҳим омадара дида, маҷбур мешавад, ки барои раҳо ёфтан аз гумони бади зан, гуноҳи худро эътироф кунад:

- Занакҷон, бахшиш. Ин мард не, зан аст. Номаш Раҳима. Ман махсус номи ӯро Абдураҳим навиштам, ки ба дасти ту наафтам. Ман надонистам, ки бадгумонӣ то ин сатҳ мерасад.

- Ваааах, ту бева ҳам дорӣ!?,- якбора ба шӯр меояд зан. Ту ҳоло аз болои ман зан мегирӣ?! Ман туву он беваро медонӣ чӣ кор мекунам?!

Мард вазъиятро ислоҳ карданӣ шуда, гунаҳкорона мегӯяд:

- О, занакҷон, ҳозир худат гуфтӣ-ку, агар бо зан алоқа дошта бошӣ, мебахшамат, пас бубахш.

Зан аз қаҳр фаромада, як уф кашида, мегӯяд:

- Воқеан сахт тарсидам. Дар ҳақат ба чӣ гумонҳое нарафтам. Минбаъд мардро бо номи худашу занро бо номи худаш ҳифз кун, ки оқибаташ аз ин бадтар шуданаш мумкин.

ДАНДОНИ НАБУДАГИРО ҚАНД ЧӢ ХЕЛ МЕПӮСОНАД?

Ба фарзандам Размоншоҳ аз фишорпастӣ шикоят кардам. Якчанд маслиҳат дода, гуфт:

- Дадаҷон, шакар нахӯред. Қанди сафед хӯред, ё набот. Қанди сафед фишорро мӯътадил мекунад.

Гуфтам:

- Қанди сафед намешавад, чунки дандонро мепӯсонад.

Гуфт:

- Шумо ки дандон надоред. Дандони набудагиро қанд чӣ хел мепӯсонад?

БИБИЯМ МУРДАНД

Ғарқи хаёл нишаста будам, ки Фазлиддин Хоҷаев пурсиданд:

- Чаро ба фикр фурӯ рафтед ва чаро зиқ ҳастед?

Сарро набардошта, посух додам:

- Бибиам мурдаанд.

Афсӯсхӯрона гуфтанд:

- Тасаллият мегӯям. Магар бемор буданд?

Гуфтам:

- Намедонам, 30 сол пеш буд.

ИН СЕ ҲУҚУҚРО МО БЕ ИН ҲАМ НАДОРЕМ

Бо нафаре роҷеъ ба душаҳрвандӣ сӯҳбате доштем. Ӯ шаҳрвандии Россияро ба ман ташвиқ карда, гуфт:

- Агар дар баробари шаҳрвандии Тоҷикистон шаҳрвандии Русияро низ ба даст орӣ, дар Русия имтиёзҳои зиёдеро соҳиб мешавӣ.

- Чӣ имтиёзҳоро соҳиб мешавам?,- кунҷковона пурсидам.

Гуфт:

- Ҳама имтиёзҳоеро, ки шаҳрвандони Русия доранд, ту низ соҳиб мешавӣ, ба истиснои вакили парлумон шудан, дар Ҳукумати Русия кор кардан ва номзадиатро ба мансаби президентӣ мондан.

Хандидаму гуфтам:

- Ин се ҳуқуқро мо дар Ватани худ ҳам надорем.

МАЪНОЯШ ҲАМИН КИ, БОРУ БУНАТРО БАРДОРУ БИРАВ...

Ду мӯйсафеде роҷеъ ба болоравии якбораи нарху навои барқ, хизматрасониҳои коммуналӣ, сӯзишворӣ, маҳсулоти ғизоӣ ва ғайра сӯҳбат доштанд. Яке аз дуввумӣ пурсид:

- Ин ҳама болоравии нарху наво чӣ маъно дорад? Чаро якбора нарху навои ҳама гуна маҳсулот ва ҳатто хизматрасониҳо ҳар рӯз боло меравад?

Дуввумӣ табассумкунон гуфт:

- Чарояшро намедонам, вале ба фикри ман маъноаш ҳамин ки, бору бунатро бардору бирав аз инҷо.

БАДТАРИН ХАБАР ДАР РӮЗИ ИД

Дар рӯзи истиқлолият устод Бахтиёр Қодировро табрик карда, пешниҳод намудам, ки ба таври онлайн қадаҳеро бардоранд ва бо ман 100 грамм нӯшанд. Гуфтанд:

- Ман боданӯширо бас кардам.

- Аз кай боз?,- ҳайрон шуда пурсидам.

Гуфтанд:

- Як сол шуд.

Афсӯсхӯрона гуфтам:

- Ин бадтарин хабаре буд, ки ман дар рӯзи ид шунидам.

АНА ИНАШ МЕШАВАД...

Дар шаҳри Хуҷанд, дар тарабхонаи барҳавое ҳамроҳи Маъруф Усмонов менишастем, ки марде бо аккордеон назди мо омада, гуфт:

- Мумкин аст дар назди шумо каме ҳофизӣ кунам?

Ё аз таъсири шароб буд ва ё аз хушии боду ҳаво, ки но-

гаҳон майли шунидани суруд боло гирифту гуфтем:

- Бишин ва бихон, мо ҳам бо ту ҳамовозӣ мекунем!

Аз сурудҳои Аҳмад Зоҳир шурӯъ кард, вале ҳама мисраъҳоро хато мехонд. Ҳамовозӣ карда нашуд. Суруди дигар фармудем. Аз Муқаддас Набиева шурӯъ кард, боз ҳам пури хато. Ислоҳкунӣ ҳам фоидае намекард. Чун аз эроди мо хаста шуд, гуфт:

- Суруди ҳиндӣ мехонам.

Ва шурӯъ кард ба хондан. Овозаш хуш буд, вале намедонистем ӯ чӣ мехонад.

Ман гуфтам:

- Ана инаш мешавад, чунки мо намефаҳмем ту чӣ хонда истодаӣ...

ИН БУЗҲОРО НА КУШТАН МЕШАВАДУ НА ХӮРДАН

Рӯзе ба зиёрати як рафиқи мансабдорам рафтам. Баъд аз салому алейку ҳолпурсӣ аз саломатӣ шикоят карда, гуфт:

- Саломатӣ хуб нест, фишорам пайваста боло меравад.

Барояш маслиҳат доданӣ шуда, гуфтам:

- Минбаъд гӯшти гӯсфандхӯриро бас кунеду фақат гӯшти буз хӯред ва ё ҳар ҳафта буз харида, куштаву маро ҳам фарёд кунед, бо ҳам мехӯрем.

Атрофиёнашро нишон дода, хандида гуфт:

- Дидӣ, атрофам пури буз аст? Маҳз ҳамин бузҳо боиси фишорбаландиам шуда истодаанд.

Норозиёна гуфтам:

- Афсӯс, ин бузҳоро на кушта мешаваду на хӯрда.

ХУДАШОН МУРАНД ҲАМ, БИНОҲОИ СОХТААШОН БА ХАЛҚ МЕМОНАД-КУ

Ҳангоми сафар ба Хуҷанд, баъд аз гузаштан аз нақби «Шаҳристон» барои хӯроки нисфирӯзӣ дар ошхонае қарор гирифтем. Даҳҳо нишастгоҳҳои зебову барҳаво дар хизмати мусофирон қарор доштанд. Ҳамроҳам нафаре аз Ӯзбекистон буд, ки ба Тоҷикистон меҳмонӣ омадааст. Аз ман пурсон шуд, ки ин ҳама маконҳои зебо давлатӣ аст ё шахсӣ?

Гуфтам:

- Дар мо бойҳо хеле зиёданд. Инро кадом бойе сохтаву шахсӣ кардааст.

Гуфт:

- Ин хуб аст, монед бойҳо зиёд шудан гиранд.

- Чаро монем, ки бойҳо зиёд шудан гиранд?,- пурсидам аз ӯ кунҷковона.

- Худашон муранд ҳам, биноҳои сохтаашон ба халқ мемонад-ку,- гуфт оромона.

БАЧАҲОТ ГУРУСНАВУ ТУ БАРОИ САГ «КОРМ» МЕХАРӢ?

Ҷавони муҳоҷире чанд сол ба Ватан намеояд. Вазъи иқтисодии кӯдакон ва волидайнаш он қадар вазнин мешавад, ки ҳама хешу табор ва ҳамдеҳагон бо маслиҳат ва бо навбат ба онҳо пайваста кумак расониданро шурӯъ мекунанд. Аз қазо рӯзе дар шаҳри Маскав яке аз ҳамдеҳагон бо он ҷавон дар мағозае рӯ ба рӯ мешавад, ки ҷавон барои саг хӯрока мехарид.

Ҳамдеҳа аз ӯ мепурсад:

- Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

- Зани русам фиристод, ки барои сагаш «корм» харам,- бепарвоёна посух медиҳад ҷавон.

Ҳамдеҳаи ҳайратзада мегӯяд:

- Онҷо дар Тоҷикистон аҳли байтат аз гуруснагӣ мурда истодаанду ту инҷо барои саги ким-кадом бевае корм мехарӣ? Офаринат бод!

ИСБОТИ ТАЪРИХӢ: ФАҚАТ ЗАНҲО БОЯД МУҶОЗОТ ШАВАНД

- Дар парлумони кишвар пешниҳоди ҷазо ба мардони «сабукпо» қабул нашуд, медонед барои чӣ?,- пурсидам аз бонуе.

Гуфт:

- Барои чӣ?

- Барои он ки таърих исбот кардааст, ки фақат шумо - занҳо бояд ҷазо бинед, ҳам барои гуноҳи кардаву ҳам нокардаатон ва ҳатто барои гуноҳҳои мо - мардон.

Ҳайрон шуда пурсид:

- Чӣ гуна?

Гуфтам:

- Таърихи Чилдухтаронро хондаӣ?

Гуфт:

- Бале.

Гуфтам:

- Вақте душманон ҳуҷум карда омаданд ва мехостанд 40 духтарро ба якборагӣ асир гиранд, онҳо ба даргоҳи худованд илтичо карданд, ки аз шарри душман наҷоташон диҳад. Чаро худованд духтарҳоро санг гардонид, на душманонро? Ин магар муҷозот нест?

Хеле фикр карду мичаҳояшро молиш дода, гуфт:

- Воқеан барои наҷоти духтарон магар беҳтар набуд, ки душманон бо тамоми яроқу аслиҳа ва аспҳои ҷангиашон санг гардонида мешуданд, на духтарон? Ин ҳам ба душманон сабақ мешуду ҳам ба мардон ва ҳам ба вакилон.

ИНСОФ МОРО ТАРК КАРД

Барои харидории себ ва ангур ба бозор даромадам. Фурӯшанда арзиши як кило себро аз 15 сомонӣ кам накард. Ноилоҷ як кило себ ва як кило ангур бо нархи гарон харидорӣ карда, ба фурӯшанда пулашро дода, мехрубонона гуфтам:

- Апаҷон, ба фикрам инсоф шуморо тарк кардааст?

Ӯ як ба сару танам ва ба галстуки то гулӯ сахт бастаам нигириста, табассуми ба худ зебандае карда, бо мулоимӣ гуфт:

- Акаҷони ширин. Инсоф кайҳо Тоҷикистонро тарк карда буду ту ҳанӯз бехабарӣ.

Ва якбора ба ҳуҷум гузашта, илова кард:

- Агар инсоф моро тарк намекард, нархи як шиносномаи хоричӣ то 1000 сомонӣ боло намерафт, ҳол он ки, чунин шиноснома дар Қирғизистон 6 доллар асту дар Ӯзбекистон 100 сомонӣ. Агар инсоф моро тарк намекард, ҳар рӯз ба ғайр аз пули андозу пули ҷой, аз мо пули обунаву таъмиру дигару дигарҳо ҷамъ намекарданд. Агар инсоф мебуд, арзиши чиптаи ҳавопоймоҳои Тоҷикистон ин қадар баланд намешуд ва муҳоҷирон ҳар рӯз дар роҳҳо ба садама гирифтор шуда, ҷони худро аз даст намедоданд. Агар ин-

соф Тоҷикистонро тарк намекард, нархи обу барқ ин қадар боло намерафт. Агар инсоф моро тарк намекард, ба хотири тиҷорати нафаре моро ба ивазнамоии шиносномаҳои дохилӣ маҷбур намекарданд. Агар инсоф мебуд...

Он қадар ба ном гирифтан шурӯъ кард, ки ман дигар ҳисобашро гум кардам ва ӯро ором карданӣ шуда, гуфтам:

- Бахшиш апаҷон, ҳақ бар ҷониби шумост. Инсоф кайҳо Тоҷикистонро тарк карда будааст ман ҳанӯз онро мечӯям.

ИНТЕРНЕТИ БЕ G

Дар шаҳри Панҷакент рафиқе аз сифати пасти интернети мобилӣ шикоят карда, гуфт:

- Чаро вазъи интернет дар мо он қадар бад аст, ки ҳатто ба оддитарин сайт даромада намешавад?

Пурсидам:

- Аз интернети кадом ширкат истифода мебарӣ ва 3G аст ё 4G?

Хандиду гуфт:

- Симкорти ҳама ширкатҳоро дорам ва аз интернети ҳамааш санҷидам. Ба фикрам дар ноҳияи мо ҳама ширкатҳо интернети бе G пешниҳод мекунанд.

ДУХТУРИ ЗӮР БУДАЙ, АКА!

Ҳангоми сафар аз шаҳри Панҷакент ба Душанбе ронандаи таксиамон ё тамбалӣ кард ва ё хасисӣ, ки дар Варзоб мошинро ношуста, вориди Душанбе шуд. Дар даромадгоҳи Душанбе мошини ӯро кормандони БДА манъ намуда, гуфтанд:

- Медонед, ки бо мошини чиркин ба шаҳр даромадан манъ аст?

- Бале медонам, ман мошиншӯӣ рафта истодаам,- гуфта, ронанда канори роҳро нишон дод, ки воқеан дар онҷо маркази шустушӯи мошинҳо ҷойгир буд ва корманди БДА ҳанӯз эроди нав нагирифта, илова кард:

- Аммо ман дарди дили шуморо фаҳмидам.

- Дарди дили ман чӣ будааст?,- ҳайрон шуда пурсид кормани БДА.

Ронанда 20-сомонаеро оҳиста зери коғазҳои рӯи капоти

мошин гузошта, гуфт:

- Ана дарди дили шумо.

Корманди БДА пулро ба ҷайб монда, ба рафиқаш нигариставу хандакунон гуфт:

- Воқеан духтури зӯр будааст. Дарда зуд ёфт...

ДАР ҲАҚИ МАН ТӮҲМАТ КАРДААНД

Субҳи барвақт рафиқе ба ман занг зада, баъд аз салому алейк гуфт:

- Муборакатон бошад! Шунидем, ки шаробнӯширо бас кардаед.

Гуфтам:

- Кӣ чунин хабари нохушро ба шумо расонд?

- Баъзе аз рафиқон.

Хандидаму гуфтам:

- Дар ҳақи ман тӯҳмат кардаанд.

МАН ПИЁДА

Бо устод Шоҳин Облоқулзода, Бобо Солеҳзода, Хуршед Фозилов якҷоя оши як ба яки Панҷакент фармудем. Ҳанӯз ба хӯрдани ош сар накарда, устод Солеҳзода қадаҳеро аз шароби Ҷоми Ҷами Панҷакент пур карда, ба ман дароз карданд. Ман аз рӯи эҳтиром дастҳоро пеши бар гирифта, гуфтам:

- Устод, бахшиш, ман пиёда.

Шоҳин Облоқулзода ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда, хандида гуфтанд:

- Бигир Холиқназар, ки мо фақат ба пиёдаҳо мерезем. Савораҳо нӯшанд, ҷарима мешаванд.

НАМАКА ХАЛТАША РЕЗӢ ҲАМ, БЕФОИДА

Чанд нафарро ҷамъ карда, ба буридани сафедорҳои калони атрофи хона шурӯъ кардам, то ин ки шамол онҳоро ба болои хона наафтонад. Нисфирӯзӣ хӯрок кашиданду даври дастархон ҷамъ омадем. Ҳама хеле хаста шуда буданд ва ман, ки то имрӯз кори вазнин накарда будам, аз ҳама бештар хастагиро эҳсос мекардам. Чун ба хӯрдани таом шурӯъ кардем, маълум шуд, ки ош каме шӯр омадааст. Ин вақт

Бахтиёри писари тағоям, ки ҷавони хеле шӯх аст, ба янгааш муроҷиат карда, пурсид:

- Янга, ба фикрам акоямро сахт ёд кардаед-а?

Ӯ ҳам бо шӯхӣ гуфт:

- Чаро не?

Бахтиёр хандида гуфт:

- Аммо акоям чунон хаста шудаанд, ки ба фикрам агар халтаи намакро ба дег резед ҳам, бефоида.

ШУКР, КИ ДУЗДИВУ ТОЗӢ ҲАМ ДОРАД

Бо волидайни ҷавоне ҳамсӯҳбат шудам, ки бачаашонро дар идорае ба кор мондаанд. Вақте аз маош пурсидам, маълум шуд, ки ҳамагӣ 680 сомонӣ моҳона мегирифтааст. Гуфтам:

- 680 сомонӣ магар кам нест?

Гуфтанд:

- Албатта кам аст, вале шукр, ки дуздиву тозӣ ҳам дорад.

Боз ҳам дар ҳайрат афтода, гуфтам:

- Магар падару модар аз «дуздиву тозии» фарзанд шукргузорӣ ҳам мекунанд?

Хандида гуфтанд:

- Чаро шукргузорӣ накунем? Агар дузиву тозиаш набошад, ин маблағ ба роҳпулии худаш ҳам намерасад.

БА ИН ПУЛ МО ҲАМ ҲАҚ ДОРЕМ
(Аз нақли корманди БДА)

Аз субҳ то бегоҳ дар роҳ навбатдор будам ва ба гуфти мардум, рӯзи бобароре доштам. Бегоҳ баъди кор ба хона баргашта, пулҳоро рӯи миз монда, ҳаммом даромадам. Аз ҳаммом баромадам, ки очаам пулҳои маро ҳисоб карда, онро се тақсим карда, як қисматашро ба назди завҷаам, қисмати дуюмро назди худ гузошта, қисмати сеюмро ба ман мондааст. Ҳайрон шуда, гуфтам:

- Модар, ман нафаҳмидам, чаро шумо ин пулҳоро се тақсим кардед?

Ҷиддӣ истода гуфт:

- Ба ин пулҳо мо ҳам ҳақ дорем.

- Ин пулҳои ман аст, шумо ба он чӣ ҳақ доред?,- гӯён,

эътироз кардам.

Табассумкунон маро ором карданӣ шуда, гуфт:

- Бачаҷон, фақат ту не. Мо ҳам ба он ҳақ дорем. Зеро ман боварӣ дорам, ҳар ронандае, ки ин пулҳоро ба ту дод, ҳатман дар дилаш “очаат” ё “занат” гуфта дашном додагист.

100 РӮЗ БИХӮР, ТАМОМ МЕШАВӢ

Яке аз бонувони ҳамкасбамон, ки ҳамагӣ 100 кило вазн доштааст, тасмим гирифт, ки хароб шавад ва бо ин ният ба истеъмоли нӯшдоруҳои харобкунанда оғоз намуд. Ӯ субҳи барвақт ба ман доруеро нишон дода гуфт:

- Арзишаш гарон аст, вале кафолат дорад, ки зуд хароб мекунад.

- Ин дору дар як моҳ чӣ қадар кафолати харобшавиро медодааст?,- суол додам ба ӯ.

Гуфт:

- Дар як рӯз як кило.

Хандидаму гуфтам:

- Зӯр-ку. 100 рӯз бихӯр, тамом мешавӣ.

ЗАНУ МАРДРО ЧӢ ХЕЛ ФАРҚ КУНЕМ?

Бо ҳамкорон нишаста сӯҳбат доштем, ки нафаре гуфт:

- Муштарие бо насаби Қобилзода меояд. Бояд ту ӯро қабул кунӣ ва ба саволҳояш посух диҳӣ.

Барои он ки зан ва ё мард будани Қобилзодаро аниқ кунам, номашро пурсон шудам. Гуфт:

- Муҳаббат.

Яқин кардам, ки зан аст. Зеро Муҳаббат номи занона аст. «Зан бошад, кор осонтар» гуфта, пешакӣ ду-се сухани ширин дар васфи занони зебову меҳрубон омода карда, омодаи сӯҳбат будам, ки Қобилзода омад. Вале тири ман хок хӯрд. Чунки Муҳаббат Қобилзода мард будааст.

Ба нафаре, ки дар рӯ ба рӯям менишаст, шӯхикунон гуфтам:

- Пештар аз рӯи насаб аллакай мефаҳмидем, ки Қобилов мард асту Қобилова зан. Акнун, ки ҳама насаби “зода” доранд, дигар зану мардро пеш аз вохӯрӣ чӣ гуна муайян

намоем?

Хандиду гуфт:

- Бо молиши даст.

МЕЪЁРИ НАВИ МУАЙЯН КАРДАНИ САТҲИ ГУНОҲ

Маро ба мачлиси падару модарон даъват карданд. Дар рафти мачлис муаллим хонандаеро фарёд карда, дар хузури хама ӯро сарзаниш карда, аз модараш хост, ки дар тарбияи ӯ хеле чиддӣ бошад.

Талаба худро сафед карданӣ шуда, гуфт:

- Муаллимчон, ман коре накардаам, ман хеч гуноҳе надорам.

Муаллим аз аспи ғазаб поён наомада, гуфт:

- Гуноҳи ту аз мӯйи сарат зиёд аст. Ту мӯйи саратро хисоб карда метавонӣ?

- Не.

- Ана хамин тавр, ман хам гуноххои туро хисоб карда наметавонам.

Барои он ки хам талаба ва хам муаллимро аз вазъият барорам, ман мавзӯро ба дигар самт гардониданӣ шуда, ба талаба мурочиат карда, бо шӯхӣ гуфтам:

- Муаллим рост мегӯянд. Гуноҳи одамро аз мӯйи сараш муайян мекунанд. Ту ки сермӯй хастӣ, бояд гуноҳат хам зиёд бошад. Бахшиш пурсу рафта ба чоят нишин.

Муаллими дигаре баланд хандида, сари кали мисли офтоб дурахшандаашро ба талаба нишон дода, гуфт:

- Сари одами бегуноҳ ана ин хел мешавад, фахмидӣ?

Ин вакт хама ғайриихтиёр ба сарашон даст бурданд. Ва чанд нафаре, ки офтобсар буданд, бо як овоз гуфтанд:

- Бале, факат калхо бегуноханд.

БА МАН САД ДОНА ДИҲЕД

Дар фурӯшгоҳи «Ашан» ду нафар духтар як навъ бастахои чойи хитоиро тарғиб мекарданд. Чун ба наздашон омадам, ба ман се бастаи гуногуни чойро дароз карда, гуфтанд:

- Ин чой сифати баланд ва лаззати хуб дорад. Марҳамат, ин се бастаро бигиред ва аз ҳар яке дар алоҳидагӣ, дар хона ва ё чойи кор чой тайёр карда нӯшед ва аз натичааш ба мо

хабар диҳед. Мо боварӣ дорем, ки ба шумо маъқул мешавад ва боз меоед.

Бастаи чойро ба даст гирифта, пурсидам:

- Қиматаш чанд аст?

Гуфтанд:

- Бепул.

- Агар бепул бошад, ба ман сад дона диҳед,- гуфта, якбора ба ҳама бастаҳои чойи дар наздашон буда даст дароз кардам. Духтарон аз тарси он ки ҳамаи қуттиҳои чойро нагирам, фавран аз ҳарду дастонам дошта, гуфтанд:

- Мо ҳоло ҳамагӣ якбастагӣ, ҳамчун реклама барои озмоиш медиҳем, агар маъқул шавад, баъдан омада чанд бастае, ки хоҳед, харидорӣ мекунед.

- Бубахшед, ки надонистам,- гуфта, дастонамро пас гирифтам ва чун аз онҳо дур шудам, садояшонро шунидам, ки «ин амакиро бин» гуфта, байни ҳам баланд механдиданд. Ба фикрам шӯхиамро чиддӣ қабул карданд.

МУРӢ ҲАМ, ДАР ЧУНИН ҚАБРИСТОН ГӮРАТ КУНАНД

Дар рӯзи ҷанозаи модари профессор Вафо Элбоев як гурӯҳ ҳамкоронашон, устодони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба деҳаи Яккахонаи шаҳри Панҷакент ташриф оварда, дар маросими дафн ширкат меварзанд. Дар қабристон, вақте аз як тараф садои форами қироати Қуръон, аз тарафи дигар чаҳ-чаҳи булбулону шарфаи оби равон ба гӯш мерасад, профессор Абдусамад Муллоев - устоди Донишгоҳи омӯзгорӣ ба атроф нигариста, ҳамаи зебоиҳои қабристонро наззора карда, гуфтанд:

- Баҳ-баҳ, чӣ табиати зебое, чи навои хуше. Мурӣ ҳам, дар чунин қабристон гӯрат кунанд.

МО ХОҲЕМ ҲАМ, БА ВАТАН ХИЗМАТ КАРДА НАМЕТАВОНЕМ

Бо ду нафар хатмкардаи факултаи «Нақлиёт»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон рӯ ба рӯ шудам, ки як сол аст дар ҷустуҷӯи коранд, вале ҳама гуна кӯшишҳояшон бесамар анҷом ёфтааст. Ин аст, ки ноилоҷ Русияро интихоб

кардаву мехоҳанд ба сафи беш аз 1 миллион муҳоҷир пайваст шаванд.

Онҳоро таскин дода, насиҳат карданӣ шуда, гуфтам:

- Боварӣ дорам, ки донишгоҳро чун мутахассисони хуби соҳа хатм кардаед, ҳаргиз ноумед нашавед. Фикри муҳоҷиратро як сӯ гузореду ҷустуҷӯи корро идома диҳед. Кори хубе пайдо кунеду ба халқу ватани худ хизмат кунед. Зеро ин ватан ба чун шумо ҷавонони мутахассис ниёз дорад.

Яке бо оҳанги ноумедона гуфт:

- Амакӣ, ба фикрам, агар мо хоҳем ҳам, ба халқу ватани худ хизмат карда наметавонем.

Ҳайрон шуда, пурсидам:

- Чаро?

Гуфт:

- Дар ватан кор набошад, мо чӣ тавр хизмат кунем?

- Мантиқан дуруст ҳам мегӯӣ,- гуфтам баъд аз андешаи дурудароз,- агар дар ватан кор надиҳанд, чӣ тавр хизмат мекунӣ?

ДАДААМ ДАР ДУШ ОББОЗӢ ДОРАД

Нисфирӯзӣ. Дар хона танҳо нишаста, матлаберо тарчума доштам, ки ба телефони дастиам занг шуд. Аз телефон ба ҷои занг мусиқии форам садо медод. Хеле гӯш кардам, вале гӯшакро набардоштам. Ӯ занг мезаду ман фақат мусиқӣ гӯш мекардам. Ниҳоят зангзанӣ хотима ёфту ба телефон паёмаке омад: «Дар куҷоӣ? Чаро ба занги ман ҷавоб намедиҳӣ?».

Боз ҳам хомӯшӣ ихтиёр кардам, ки паёмаки дигаре омад: «Ҳатман ҷавоб деҳ, ман туро дидан мехоҳам».

Навиштам: «Дадаам дар ванна аст. Оббозӣ дорад».

Дигар аз ӯ на занг омаду на паёмаке. Рӯзи дигар мо вохӯрдем, гарму ҷӯшон салому алейк кардем. Гуфт:

- Чаро ба зангҳоям ҷавоб надодӣ ва ба паёмакам низ?

Худро ҳайратзада вонамуд карда, гуфтам:

- Кадом занг? Кадом паёмак?

- Ку телефонатро бин,- гуфта, мачбур намуд, ки паёмакҳо ва зангҳои воридшударо бубинам, вале на дар рӯйхати зангҳои воридотӣ рақами ӯро пайдо кардему на дар

рӯйхати паёмакҳо паёмакашро. Яъне аз рақами ӯ на занге ворид шуда буду на паёмаке.

Он гоҳ ӯ телефони худашро гирифта, паёмаки худ ва ҷавоби маро нишон дода, гуфт:

- Бачаи доно доштаӣ. Ҳам бо ҷавобаш коре кард, ки ман дигар аз тарс ба ту занг назадам ва ҳам паёмакҳо ва ҷавоби додаашро тоза кардааст, ки ту ба ман занг назанӣ. Дар ҳақиқат бачаи шӯх будааст.

Дигар ҷавобе наёфта, аз «бачаам» ифтихор карда, табассумкунон гуфтам:

- Бача ба дадааш рафтагӣ дия.

АҶАБО, ДӮСТДОРИРО ҲАМ МАНЪ КАРДАНД-Е!

Ҳамкасбамон Абдураҳмон Раҳмонов афсӯсхӯрон дар бораи болоравии нархномаҳои интернет ҳарф зада, аз ман пурсид:

- Интернет гарон шуд, тарифҳо тағйир ёфтанд, акнун мо дӯстдоштаҳоро чӣ кор кунем?

Дар ҳайрат афтода, гуфтам:

- Дӯстдоштаҳои чӣ? Ман ба дӯстдоштаҳои шумо чӣ кор дорам?

Хандиду гуфт:

- Ман рақамҳои дӯстдоштаро дар назар дорам. Зеро ман 5 рақами дӯстдошта доштам ва бо онҳо арзонтар сӯҳбат мекардам. Барои дӯстдоштаҳо ҳоло ҳам имтиёзе вуҷуд дорад ё не?

Гуфтам:

- Тибқи муқаррароти нав, дӯст доштан манъ шуд ва ҳама гуна имтиёзҳо барои дӯстдоштаҳоятон барҳам хӯрданд. Акнун аз баҳри дӯстдоштаҳо гузаред.

Сарашро хорида - хорида гуфт:

- Аҷабо, дӯсториро ҳам манъ карданд-е!

МО ФАРЗАНДИ КӮҲҲОИ БАЛАНДЕМ

Аз дар даромадан замон, гӯё фоҷиае шуда бошад, занак ҳатто ба хона марҳамат нагуфта, якбора пурсид:

- Мардакҷон, рост аст, ки нархи интернет се баробар боло рафтааст? Акнун мо бо бачаҳои раҳдурамон чӣ хел дар

тамос мешавем? Ман минбаъд бо бачаҳоям чӣ гуна сӯҳбат мекунам?

Ӯро ором карданӣ шуда, гуфтам:

- Занак, парво накун, бо бачаҳоямон минбаъд ҳам ту ҳар рӯз сӯҳбат мекунӣ, вале бе интернет. Чун солҳои бетелефонӣ фақат садояшонро аз ҳисоби худашон мешунавӣ, вале симояшонро намебинӣ.

- Ваааах, безеб-ку,- гуфту саволашро идома дод:

- Намедонед, чаро нархи интернетро якбора ин қадар бераҳмона баланд бардоштанд?

Гуфтам:

- Барои он ки мо фарзанди кухҳои баландем, ба мо нархи пасти интернет намезебад.

ОРЗУИ МӮЪҶИЗАНОК

Дар телевизон тарғиби «Ҳафткӯл»-и Пачакент мерафт. Зебоиҳои гуногуни ин гӯшаи афсонавии Тоҷикистонро нишон дода, ровӣ ҳар замон аз мӯъҷиза будани онҳо ёдовар мешуд.

Ба рафиқам нигоҳ карда, гуфтам:

- Дидӣ, диёри мо чӣ мӯъҷизаҳое дорад? ТВ фақат мӯъҷизаҳои диёри моро нишон дода истодааст.

Ҷиддӣ истода, гуфт:

- Бигзор аз мӯъҷизҳои офаридаи худашон нишон диҳанд, на аз мӯъҷизаҳои табиат. Бигзор нишон диҳанд, ки дар ин диёр чанд корхонаву фабрика сохта, чанд нафарро бо кор таъмин кардаанд. Ана он гоҳ воқеан мӯъҷиза мешавад.

Пешониашро бо пушти даст пахш карда, ҳарорашро санҷида, ба солим будани ш бовар карда, гуфтам:

- Ҳамин суханҳо ва ҳамин пешниҳодат худ мӯъҷиза аст, офарин. Дар ин замона чунин орзуи мӯъҷизанокро на ҳар кас карда метавонад.

ШУМО БАХИЛЕД-КУ!

Фазлиддин Хоҷаевро дар саҳни беморхона дида, баъд аз ҳолпурсӣ илтимоскунон гуфтам:

- Устодҷон! Ба дохили шифохона даромадан мехоҳам, аммо бе шумо наметонанд. Илтимос маро ҳамроҳӣ кунед.

- Чӣ хел бе ман наметонанд, нафаҳмидам,- ҳайрон шуда пурсид аз ман.

- Бубинед дар даромадгоҳ чӣ навиштаанд?,- гуфта, эълони «Бе бахил даромадан манъ аст»-ро нишон додам.

- Ин эълон ба ман чӣ иртибот дорад?,- хандида пурсид Фазлиддин.

Гуфтам:

- Шумо бахилед-ку!

ҲОТАМИ ТОЙӢ АЗ ҲИСОБИ СОҲИБХОНА

Донишҷӯйи соли аввал будам. Падарам аз деҳа занг зада, хоҳиш карданд, ки ба хонаи хешовандон рафта, онҳоро зиёрат кунам ва бо фарзандонашон дӯст шавам. Рӯзе ба хонаи яке аз хешовандон рафтам, ки дар маҳаллаи 103 зиндагӣ мекард. Ин нафар дар синну сол агарчи аз падарам калонтар буданд, вале хеле шӯх буданд ва ҳатто бо кӯдакону ҷавонон ҳам шӯхиҳо карда, имкон намедоданд, ки дар назди эшон аз бузургиашон фикр карда, худро ноҳинҷор эҳсос намоӣ. Азбаски бори аввал ба хонаашон меҳмон мешудам, бе дастовез рафтан ба назарам нодуруст буд, вале пуле барои дастовез надоштам. Бинобар ин, тасмим гирифтам, ки чизе нахарам. Вақте ба дари даромади хонаашон наздик шудам, дидам, ки дар назди даромадгоҳ зане тарбуз ва харбуза мефурӯхт. «Худо дод» гуфта, вориди даромадгоҳ шудам ва бозпас баромада, ба фурӯшанда гуфтам:

- Маро янгаам аз фалон хона фиристоданд. Як дона тарбузи калон медодаед, меҳмонҳоро гусел кунанд, пулашро худашон оварда медодаанд.

Зан «фалонча фиристоданд?» гуфта, номи хонуми хешамонро гирифт ва ман ҳам дар ҷавоб «бале» гуфтам.

Як тарбузи калонро гирифта, хурсандона ба хона даромадам. Соҳибхонаҳо маро хуш қабул карданд, вале барои бо дастовез омаданам сарзанишкунон гуфтанд:

- Ту донишҷӯӣ. Минбаъд бо дастовез омаданатро набинем.

- Хуб, дигар такрор намешавад,- гуфтам ман дар ҷавоб ва дар дилам афзудам: «Ҳоло сабр кунед, баъди рафтани ман мефаҳмед, ки ман аз ҳисоби кӣ Ҳотами той шудаам».

Баъд аз чанд рӯз бо соҳибхона дар кӯча нохост рӯ ба рӯ шуда, гурехтанӣ будам, ки ӯ маро дошта, хеле хандида гуфт:

- Офарин ба ту ҷиян. Ман ки хеле шӯхам, чунин шӯхиҳоро хеле дӯст медорам ва бо одамони зиёде шӯхиҳои вазнинтар аз инро кардаам. Лекин ту аз ман ҳам гузаронидӣ.

Гуфтам:

- Чӣ тавр фаҳмидед, ки ман он тарбузро нахаридаам?

Гуфт:

- Баъд аз туро гусел кардан, янгаат поён фаромада, чизе хариданӣ мешаваду фурӯшанда пули тарбузро талаб мекунад. Танҳо ҳамон вақт фаҳмидем, ки ин шӯхии ту аст ва хеле хандидем.

Баъд аз он ман дигар ба хонаи хешовандон бе дастовез мерафтам.

СУХАНИ ХУБ МОРРО АЗ ХОНА БЕРУН МЕКУНАД

Бо ду нафар рафиқон дар ошхонае нишаста, хӯроки шом мехӯрдем. Бонуе аз дар даромад, дар мизи паҳлуи мо нишаст ва аз хизматрасонии масъулин норозигӣ карда, бо садои баланд ба ҳақорат додани пешхизмат шурӯъ кард. Ончунон суханҳои дағал мегуфт, ки ҳатто шуниданаш гӯшхарош буд. Ман тоқат накарда, ба наздаш омада, дохили шаҳодатномаи рӯзноманигориамро нишон дода, худро корманди милиса муаррифӣ карда, оҳиста ба гӯшаш гуфтам:

- Агар ҳозир аз ошхона берун наравӣ, барои вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ба шӯъба мебарамат.

Хонум ҳатто шаҳодатномаро нохонда, зуд аз ҷояш бархост ва ҷузвдонашро гирифта, аз тарабхона берун шуд. Пешхизмат аз ман пурсид:

- Ӯ аз он занҳое набуд, ки зуд таслим шавад. Чӣ гуфтед, ки зуд рафт?

Хандидаму гуфтам:

- Бехуда нагуфтаанд, ки сухани хуб морро аз хона берун мекунад. Ана дидӣ, як ширинсуханӣ кардам ва мор аз хона берун шуд.

Ӯ ҲАМ ҲОМИЛА АСТ

Дар дохили автобуси №13 ҷой на танҳо барои нишастан, балки барои рост истодан низ камӣ мекард. Дар паҳлуи ман ду зани тақрибан 55-60-сола низ рост истода буданд. Яке аз онҳо ба бонуи ҳомилаи ростистодае кумак карданӣ шуда, ба ҷавони нишаста мурочиат карда, мехрубонона гуфт:

- Додарҷон, намешавад, ки ба ҳамин зани ҳомила ҷой диҳӣ?

Зани дуввум ба ҷуссаи фарбеҳи ҷавон нигариста, бо писханд гуфт:

- Ба ӯ чаққа нашав. Намебинӣ, ӯ ҳам ҳомила аст.

ҶУФТИ МОКИЁН БО КАБКИ НАР

(Аз нақли Фарзона Камолова)

Додарчаи 10-солаам нисфирӯзӣ бо чеҳраи хандон мокиёне рӯи даст аз дарвоза даромад. Ман ин рафтори ӯро маҳкум карда, гуфтам:

- Ту мокиёнро чӣ кор мекунӣ? Чаро онро ба хона овардӣ?

Мокиён дар даст, ӯ ба сӯи қафаси кабк рафта, гуфт:

- Кабкат нар аст, апаҷон ва танҳо. Ман ин мокиёнро барои он овардам, ки бо кабки ту ҷуфт кунам, то зиқ нашавад.

Дар дил гуфтам: «Хайрият ин аз танҳоии худам бехабар аст, вагарна худо медонад, бароям кӣ ё чӣ меовард».

ШАБ ТОҚИАШРО ГИРИФТА ХОБ РАФТААСТ

(Аз нақли Фазлиддин Хоҷаев)

Шаб духтарчаам аз ман пул хост. Ба ӯ як дона панҷсомона дода, гуфтам:

- Зери болин руст карда хоб кун, ки касе нагирад.

Ӯ панҷсомонаро гирифта, хуб тамошо карда, зери болин монда хоб кард. Мо шаб панҷсомонаро гирифта, ба ҷояш яксомона гузошта, хоб кардем. Субҳ ӯ аз ҳама пеш бедор шуда, гирякунон гуфт:

- Дада, ин пули ман нест!

- Чӣ хел аз ту нест? Ин ҳамон пули худат аст.

- Не, ин мардак токӣ надорад. Бобояки пули ман токӣ дошт.

- Гуфтам:

- Ту шаб тоқиатро гирифта хоб мекунӣ-ку. Ӯ ҳам шаб тоқиашро гирифта хоб рафтааст. Бедор ки шуд, мепӯшад.

Ӯ бовар карда, пулро зери сараш монда, аз нав хоб кард ва ман фавран пули ӯро бо «бобои тоқидораш» дар ҷояш гузоштам.

ҲУШТАК НАКАШ, КИ ПУЛ НАМЕШАВАД

Дар хонаи як дӯстамон, ки корманди БДА буд, меҳмон шудем. Дар авҷи сӯҳбат ӯ занашро фарёд карданӣ шуда, дусе ҳуштаки дароз кашид. Занаш зуд ба назди ӯ омада, супоришро гирифта баргашт. Ман шӯхӣ карданӣ шуда, гуфтам:

- Ҳуштак накаш, ки пул намешавад.

Хандида гуфт:

- Акаҷон, ман ҳама пулҳоям, ин хонаву дар ва ҳатто занамро бо шарофати ҳамин ҳуштак ёфтам.

Аз ҷавобаш завқ бурда, гуфтам:

- Мо бошем, ба ин гапҳои дурӯғ бовар карда, аз пул маҳрум шудаем.

РИШТАРОШИИ СЕРӮЗА

Тариқи ІМО бо муҳоҷире сӯҳбат мекардем, ки билети бозгашт ба ватан дошту ришҳои расида. Ӯро насиҳат карда, гуфтам:

- Ришҳоятро тарошида ба ватан биё, ки дар ин ҷо ҷавонони ришдорро дӯст намедоранд.

- Агар вақти ришгирӣ надошта бошӣ, бемалол омадан гир. Даркор шавад, худашон бурда ришҳоятро метарошанд,- хандида гуфт ҳамроҳи дуввумамон.

Муҳоҷир гуфт:

- Ман як алкаши арақхӯрам, ба ман касе коре надорад.

- Ман ҳам ранги ту алкаш будам, вале риш доштам,- хандида гуфт нафари сеюм.- То пурсон карда, аз киву чӣ буданам огоҳ шуданд, се рӯз гузашт. Чунон тарошиданд, ки риш аз тарс дигар намебарояд.

- Ту ҳам агар хоҳӣ, ки маъракаи риштарошиат чанд рӯз идома накунад, кӯса шуда биё,- гуфтем мо.

МӮЪҶИЗАИ «ШОҲОНА»

Се нафар дар қаҳвахонае нишаста, таом ва як шиша шароби «Шоҳона» фармоиш додем. Бо шишаи шароб сӯҳбат гарм шуд. Ҳар сеямон баробар рехта нӯшидем, вале ҳамагӣ як нафар маст шуд.

Ба рафиқи нисбатан ҳушёртарам нигариста, гуфтам:

- Мӯъҷизаро дидӣ?

- Кадом мӯъҷизаро?

- Мо ҳама баробар нӯшидем, вале танҳо як нафар маст шуд. Ин магар мӯъҷиза нест?

- Албатта мӯъҷиза аст. Ё бояд ҳама баробар маст мешудем, ё касе маст намешуд,- дар ҳайрат монда, сухани маро шарики ҳушёрам тасдиқ кард.

ГАПТА ХОИДА ЗАН

Бо рафиқе дар баҳс шудем. Ӯ суханҳои маро беасос дониста, гуфт:

- Суханҳои бечо нагӯ акачон, гапта хойида зан.

Гуфтам:

- Маро бубахш, ки дандон надорам.

- Инчо дандон чӣ гуноҳ дорад?,- ҳайрон шуда пурсид.

Гуфтам:

- Ман, ки дандон надорам, гапро хоида наметавонам. Ана барои ҳамин, гапҳои нохоида мегӯям.

ДЕПУТАТРО ГРУЗИТ КАРДАМ!

Давраи интихоботи вакилон буд. Барои омода ва чоп намудани мақолаҳои тарғиботӣ вакиле ба идораи ҳафтаномаи «Фараж» муроҷиат карда, аз мо хоҳиш намуд, ки бо ӯ мусоҳибае ташкил карда, дар нашрия чоп кунем. Бо супориши сармуҳаррир масъалаи ташкили мусоҳибаро ман ба дӯш гирифтам. Баъд аз омода шудани матлаб ва мувофиқа намудан бо вакил ба редаксия баргаштам ва тариқи М.Агент ҳам бо вакил ва ҳам бо сармуҳаррир ҳамсӯҳбат шудам. Мусоҳиба бепул анҷом шуд. Маро зарур буд, ки бо баҳонаи паҳн намудани нашрия вакилро барои харидории якчанд нусхаи газета водор намоям. Баъд аз сӯҳбати дурудароз дар ниҳоят ба вакил як миқдор газетаро ба қавле «бор» кардаму ба сармуҳаррир ҳисобот додам:

- Вакилро грузит кардам. Маҷбур аст 500 нусха рӯзнома харидорӣ кунад.

Аммо навиштаро ман на ба сармуҳаррир, балки саросемавор ба худи вакил фиристодаам. Дигар «хато рафт»-гӯиҳо ва бахшишпурсиҳо фоида надошт. Вакил аз харидории газета даст кашиду ман аз даромади иловагӣ маҳрум шудам.

«МО ШӮХИРО НАМЕФАҲМЕМ»

Рӯзе қарибиҳои бегоҳ ба таксие савор шуда, ба самти Данғара равон шудам. Мусофирони ҳамроҳи банда ҳама аз Данғара буданд. Аз нақли латифаҳои рангин ва шӯхиҳои онҳо маълум буд, ки ҳама табъи закӣ доранд. Дар назди бозори шаҳри Ваҳдат мошин каме таваққуф кард ва яке аз мусофирон фаромада 4 шишаи нӯшокии кока-кола гирифа, бозпас ба мошин нишаст ва ба ҳар як нафар яктоӣ тақсим кард. Ман кока-коларо нагирифтам. Вақте сабаб пурсиданд, баҳонае наёфта, бо шӯхӣ гуфтам:

- Бубахшед, ман танҳо нӯшокиеро менӯшам, ки градусаш аз 50 боло бошад.

Ҳамсафари дар паҳлӯям нишаста хандакунон гуфт:

- Боке нест, меҳмон. Ташкил мекунем. Мо чунин ҳамсафар мекофтем.

Ҳама хандидему ман ин сухани ӯро шӯхии навбатӣ пиндошта, «хуб» гуфтам ва ба сафар идома додем. Баъд аз гузаштан аз роҳи Норак ронанда дар мавзее мошинро манъ кард, ки хӯрокҳои гуногун пухта мешуд. Дар ҳавои тоза мизеро интихоб карда нишастему пешхизмат баъд аз овардани таом як шиша шароб низ болои миз гузошт, ки воқеан градуси баланд дошт.

Ман нӯшиданро рад карда, гуфтам:

- Бародарон, бубахшед, ман шӯхӣ кардам. Ман шароб наменӯшам.

Яке аз онҳо, бо номи Саид, ки аз дигарон калонтар буд, чанд пиёларо пур карда, ба ман низ дароз карда, хандакунон гуфт:

- Мо шӯхиро намефаҳмем меҳмон, кани пиёларо гиред.

Пиёларо гирифта, шаробро нӯши ҷон карда, гуфтам:

- Хайрият, ки шӯхиро намефаҳмидаед.

ТАЗЗОД

Ба Хуршеди Атовулло гуфтам:

- Гапҳои навро шунидӣ?

Даст бар сари кали худ бурда, гуфт:

- Нагӯ, ки пашмҳои сарам мехезанд.

ТАСАВВУР КУН, КИ РАДИО ГАП МЕЗАНАД

Субҳи барвақт бо душворӣ ба автобуси рақами 7 савор шудам. Дар роҳ ронанда автобусро манъ карда, мардумро тела дода - тела дода, боз чанд нафари дигарро вориди автобус кард. Зани миёнсоле маро тела дода, бо як «мехрубонӣ»-и ба худаш хос гуфт:

- Эй мардаки хуб, ним қадам пештар рав, ки ман ҳам ҷой шавам. Намебинӣ, ки ба як по истодаам.

Ман ночории худро фаҳмониданӣ шуда, гуфтам:

- Апаҷон, ҳеҷ ҷойи рафт нест. Ин тараф агар мард мебуд, тела медодам, вале дар наздам духтарон истодаанд. Ман чӣ гуна онҳоро тела диҳам?

Зан на ором, балки дар ғазаб шуда, гуфт:

- Садқаи галстукат кунад, садқаи чунин сарулибосат кунад, мемурӣ, ки дар таксӣ шинӣ, то ба мо ҷой бештар расад!?

- Бубахшед! Ман барои таксӣ пул надорам ва бо Ситикорт фақат автобус савор мешавам. Агар ба шумо автобус маъқул набошад, марҳамат ба таксӣ нишастан гиред,- гуфтам дар ҷавоб.

Зан бештар асабӣ шуда, бо як суръати тез ҳарчӣ, ки аз даҳонаш омад, гуфтан гирифт. Ман баҳсро бенатиҷа дониста, хомӯшӣ ихтиёр кардам. Ин вақт ҷавони дар наздам истода гуфт:

- Амакӣ, ягон ҷавоби хубаш деҳ, ки ором шавад, вагарна ин зан ҳамаро ба дод меорад.

Гуфтам:

- Тасаввур кун, ки радио гап зада истодааст. Магар одам бо радио баҳс мекунад?

Ҳама дар ханда шуданду «радио» хомӯш шуд.

ВАЗИРОНИ АМРИКОӢ, ОЛМОНӢ ВА ТОҶИК

Вазири амрикоӣ, вазири олмонӣ ва вазири тоҷик роҷеъ ба маоши мансабдоронашон баҳс мекунанд.

Вазири амрикоӣ мегӯяд:

- Мансабдорони мо дар як моҳ 20 ҳазор доллар маош мегиранд. Хароҷоти моҳонаи онҳо 10 ҳазор доллар аст. Ман намедонам онҳо маблағи боқимондаро дар куҷо харҷ мекунанд.

Вазири олмонӣ мегӯяд:

- Мансабдорони мо дар як моҳ то 30 ҳазор евро мегиранд. Хароҷоти умумии онҳо на бештар аз 15 ҳазор еврост. Ман ҳам намедонам, ки онҳо 15 ҳазори боқимондаро ба куҷо харҷ мекунанду чӣ мехаранд.

Вазири тоҷик мегӯяд:

- Дар мо баръакс аст. Мансабдорони мо дар як моҳ муодили 300-400 доллар маош мегиранд, вале қасру кӯшкҳое месозанд, ки арзиши 200-300 ҳазор долларро дорад. Мошинҳое мехаранд, ки маоши 20-солаашон ба он намерасад. Ман ҳеҷ нафаҳмидам, ки онҳо маблағҳои иловагиро аз куҷо дастрас мекунанд?

МО НӮҲ МОҲ ҲОМИЛАЕМ, ШУМО ЯК УМР

Бо марди азимчуссае саргарми сӯҳбат будем. Ин вақт бонуи ҳомилае ба мо салом дода, баъд аз ҳолпурсӣ ба роҳаш идома доданӣ буд, ки рафиқам бо шӯхӣ гуфт:

- Роҳгардӣ азоб будагист? Хуб нест, ки дар хона шинед?

Зан ба шиками рафиқи ман ишора карда, хандиду гуфт:

- Дилатон ба ҳоли ман не, ба ҳоли худатон сӯзад. Мо бо чунин шикам ҳамагӣ 9 моҳ мегардем, войи шумо мардҳо, ки маҷбуред бо чунин шикам як умр гардед.

ХАБАРНИГОР Ё ХАБАРФУРӮШ?

Субҳи барвақт Муллораҷаб Юсуфӣ ба ман занг зада гуфт:

- Акоҷон, ягон хабари рустиву обнарасида доред?

Бо шӯхӣ гуфтам:

- Бале, дорам, аввал бигӯ, ки барои хабари тозаву обнарасида чанд пул медиҳӣ?

Бо қаҳқаҳа гуфт:

- Ако, хабарнигор буданатонро медонистам, нав фаҳмидам, ки хабарфурӯш будаед.

АРӮСТАЛБОН

Дар сури арӯсии Фарҳат ва Парвина ширкат карда натавонистам ва барои ба хонаашон рафтану табрик кардан низ вақт наёфтам. Бинобар ин, онҳоро ба хона даъват карда, ба қавле арӯсталбон кардем. Вақте дастархонро боз карда, меҳмононро марҳамат гуфтам, Гулрӯи хоҳари Фарҳат гуфт:

- Келини мо ягон чиз намехӯрад.

Модари Фарҳат низ гуфти Гулрӯро тасдиқ карда, «келини мо таом намехӯрад» гуфтанд.

Ба Парвина нигариста, пурсидам:

- Аниқ ягон чӣ намехӯрӣ?

Бо ишораи сар тасдиқ кард, ки намехӯрад.

Он гоҳ занакро, ки ба пухтупаз машғул буд, фарёд карда гуфтам:

- Занак! Биё назди меҳмонҳо бишин ва ягон ташвиш накаш, меҳмонҳо таом намехӯрдаанд.

Ҳама баланд хандиданд. Вақте сабаби хандаро пурсидам, маълум шуд, ки агар арӯс «намехӯрам» гӯяд, бояд шахси талбанда ягон чизи қиматбаҳо ваъда медодааст. Ман бошам, онҳоро аз таом ҳам маҳрум кардаам.

СИГОРИ ЗАНОНА

Рафиқам сигори борикеро даргиронида, ба дуд додан шурӯъ кард. Ман эрод гирифта, гуфтам:

- Ту ки мардӣ, чаро сигореро мекашӣ, ки барои бонувон пешбинӣ шудааст?

Норозиёна гуфт:

- Занҳо ҳама касбу кори мо, аз ҷумла мошинсаворӣ, раисӣ, устоӣ... ва ҳатто боданӯширо гирифтанд, ҳеҷ гапе нашуду акнун мо сигори онҳоро кашем, гап мешавад?

КОСТЮМИ ҲОФИЗПӮШ

Бо як нафар рафиқам барои харидани шиму костюм ба фурӯшгоҳи либосҳо даромадем. Ӯ аз фурӯшанда хоҳиш

кард, ки дар интихоби ягон шиму костюми хуб барояш кумак кунад. Фурӯшанда «хуб» гуфта, костюмеро нишон дода, афзуд:

- Акаҷон, ана ҳаминро бигир, охиринаш мондагӣ аст. Ин гарон ҳам бошад, сифати хуб дорад ва ҳама кормандони андоз аз ҳамин мехаранд.

Ӯ як ба костюм ва як ба фурӯшанда нигариста, гуфт:

- Чӣ қадар арзиш дорад?

- 3400 сомонӣ.

- Вааах, ин хеле гарон будааст. Ба ин зӯри ман намерасад. Охиринашро ҳам ба кормандони андоз те.

Ӯ худ костюми ялақҷосиеро ба фурӯшанда нишон дода, гуфт:

- Қимати ин чанд аст?

Фурӯшанда пурсид:

- Шумо ҳофизед, ака?

- Чаро ҳофиз?

- Чунинашро фақат ҳофизҳо мехаранд ва ҳамагӣ як рӯз дар ҷашну маърака мепӯшанду мепартоянд. Хеле арзон аст.

Ман хандидаму гуфтам:

- Ҳамон партофтагиашон дар кучост, ки мо гирем?

ОДАМ БУДАН ДУШВОР БУДААСТ

Бо як нафар собиқадори Вазорати корҳои дохилӣ ба сафар баромадем. Ҳанӯз ба мошин савор нашуда, ӯ пас гаштанӣ шуда, гуфт:

- Сабр кунед, ман удостоверениямро гирам, баъд меравем.

Ман ӯро зӯран ба мошин савор карда, гуфтам:

- Биё як рӯз чун одам, қатори одамҳо гард, канӣ бин, ин мардум чӣ дунёе доранд.

«Хуб» гуфту нишаст. Вақте дар роҳ кормандони БДА мошинро нигоҳ доштанд, ӯ аз мошин фаромада, бо онҳо дар баҳс шуд, вале ҳарфаш нагузашт, бозпас ба мошин нишаста, хандида гуфт:

- Чун одам зиндагӣ кардан душвор будааст. Бехтар, ки ҳамеша милиса бошам.

ТАРОЗУИ ЯКПАЛЛА

Вақте маводи «Манфиати халқ ва манфиати мақомот дар ду паллаи тарозу. Кадоме вазнинтар?»-ро мехондем, ҳамроҳам аз ман пурсид:

- Воқеан, чаро ҳангоми аксари баҳсҳо манфиати мақомоти давлатиро дар ҷои аввал мегузоранду манфиати халқро дар ҷои дуюм? Чаро ақаллан манфиатҳоро баробар ба ду паллаи тарозу намегузоранд, то адолат риоя шавад?

Хандидаму гуфтам:

- Барои он, ки тарозуҳои навбаромад якпаллаанд. Вақте як манфиатро болои тарозу мондӣ, хоҳиву нахоҳӣ, манфиати дуюм аз палла берун мемонад.

МИЗИ ОДАМҲО МАЪҚУЛ НАШУД

Дар ноҳияи Варзоб дар маъракае ширкат кардам. Маро аввал ба як миз шинониданд, вале ҳанӯз ба тановул оғоз накарда, соҳиби маърака ба пешхизмат гуфт:

- Меҳмонро ба назди прокурорҳо бар.

Ба «не, шарт нест»-гӯиҳои ман пешхизмат эътиборе надода, зуд аз ҷоям хезонд ва ба мизи дигар, ки ба таври махсус ороиш дода шуда буд ва дар он ҳама кормандони прокуратура нишаста буданд, кӯчонид. Ман нишастам, бо ҳама салому алейк карда, шӯхикунон гуфтам:

- Мизи одамҳо маъқул нашуд, моро ба мизи прокурорҳо оварданд.

Яке аз меҳмонон ҳайрон шуда, гуфт:

- Акамон чунон гап зада истодааст, ки гӯё мо одам набошем.

Муфаттиши шиносе хандакунон гуфт:

- Акам рост мегӯяд, мо одам нестем, мо прокурорем, вале ӯ худаш ҳам одам нест. Барои ҳамин ба назди мо оварданд.

Гуфтам:

- Чӣ хел ман одам нестам?

Гуфт:

- Ту одам нестӣ, ту журналистӣ.

СИЁСАТ ФОҲИША АСТ. СИЁСАТМАДОР ЧӢ?

Ба сиёсатмадоре дар боби сиёсат чанд суол додам. Аввал хуб гӯш карду насиҳаткунон гуфт:

- Ба сиёсат машғул нашавед. Сиёсат - ин фаҳш асту сиёсатбозӣ фоҳишагарист.

Гуфтам:

- Агар сиёсат фаҳш аст, пас шумо кистед?

Хандиду гуфт:

- Ман сиёсатмадорам.

БЕФАРҲАНГ

Бо нафаре дар роҳ сӯҳбаткунон мерафтем, ки маънои калимаеро аз ӯ пурсидам.

Гуфт:

- Намедонам. «Фарҳанг»-ро бояд дид, аммо ман «Фарҳанг» надорам.

Гуфтам:

- Пас ту бефарҳангӣ?

Гуфт:

- Худат бефарҳангӣ!

Телефонамро дар рӯ ба рӯяш кушода, 2 ҷилди электронии «Фарҳанги забони тоҷикӣ»- ро нишон дода, гуфтам:

- Ман «Фарҳанг» дорам, ана дидӣ, ду ҷилд, аммо ту надорӣ. Пас ту бефарҳангӣ.

САРИ КОМПЮТЕРБА НАШИН

Ба Фазлиддин Хоҷаев матлаби навбатиро фиристода, занг задам:

- Маводро ба почтаи электронӣ фиристодам. Метавонед бигиред ва дар шумораи навбатӣ ҷой намоед.

Гуфт:

- Устод, ман ҳозир дар берунам, ба ҷойи кор омада, сари компютер шинам, ҳатман мегирам.

Гуфтам:

- Устод, сари компютерба нашинед, ки компютер вайрон мешавад. Дар паҳлуи компютер курсӣ ҳаст, ҳамонба шинед.

НАТАРСЕД ДАДАҶОН, ОНҶО ҲАМАГӢ ДУ ПУРСАНДА МЕОЯНД

Дар шифохонаи Ёрии таъҷилӣ бо Интизор Умарова, корманди маҷаллаи «Сирдош» рӯ ба рӯ шудам. Аз сӯҳбат бо ӯ маълум шуд, ки падарашро омода карда истодаанд ва баъд аз чанде бояд ҷарроҳӣ кунанд. Ӯ ҳатто пеш аз ҷарроҳӣ бо падар шӯхӣ кардаву ӯро механдонид. Ҳангоме, ки падарро ба ароба савор карда, ба ҷарроҳӣ бурданӣ шуданд, падар гуфт:

- Духтарам, ман мемирам.

- Натарсед дадаҷон, намемуред,- гӯён, падарро дилбардорӣ кард.

- Агар мурам чӣ?

Ӯ боз хандида, ба болои сари падараш хам шуда, гуфт:

- Аз мурдан ҳам натарсед, дадаҷон, онҷо ҳамагӣ ду пурсанда меоянд. Ман боварӣ дорам, ки шумо ба ҳама саволҳояшон ҷавоб мегӯед.

- Саволҳо мушкил будагист, ман омода нестам.

- Агар хоҳед, шпаргалка навишта медиҳематон.

- Не, духтарам, онҷо шпаргалка бурда намешавад.

- Мешавад дада, ҷавобҳоро дар кафи дастатон менависему мурдашӯйҳоро огоҳ мекунем, ки дастҳоятонро нашӯянд.

Падар ба бемориаш нигоҳ накарда, баланд хандида, гуфт:

- Ай духтари донояки ман. Гуноҳҳоям бас набуданд, ки боз ту маро ношуста гӯр кардан мехоҳӣ?

МАН ГАЛСТУКДОРҲОРО БАД МЕБИНАМ

Бо шиму костюм, куртаи сафед ва галстукҳои сахт басташуда вориди фурӯшгоҳе шудем, ки маҳсулоти хӯрока мефурӯхтанд. Баъд аз салому алейк, фурӯшанда бо дили нохоҳам фармоиши додаамонро омода карда, ба покет гузошт. Агарчи хеле харид кардем ва ба таври нақд маблағи гуфтаашро додем, вале дар лабони фурӯшанда ҳатто табассуме пайдо нашуд. Ҳамроҳам дар ҳайрат афтода, гуфт:

- Эй акаи ҷон, ақаллан як табассум кун ва бо чеҳраи кушода моро гусел намо. Мо аз ту бепул чиз нагирифтаем-ку!

Фурӯшанда оромона пулро ба хазина гузошта, гуфт:

- Бубахш ака, ки ман галстукдорҳоро бад мебинам.

- Чаро?,- боз ҳам дар ҳайрат афтода, пурсидем.

- Як галстукдор ҳар ҳафта аз ҳамин дар даромада, худро аз хадамоти санитарӣ муаррифӣ карда, баъзе хӯрокворихоро санҷида, «акаҷон, маро бубахш, маҷбурам як протокол кунам» гуфта, то 40-50 сомониамро нагирад, аз дар намебарояд. Ҳар ҳафта ин рафтораш такрор мешавад. Галстукҳои шуморо дида, гумон кардам, ки аз ягон хадамот ҳастед. Ба ҳамин хотир, муносибатро сард кардам ва худро бадҳол нишон додам, ки аз бепул чиз гирифтан худдорӣ кунед.

Ҳамроҳам хандида, гуфт:

- Мебахшию, агар корманди ягон хадамот мешудем, на ба муносибати сардат нигоҳ мекардему на ба қошу қавоқат.

Қоҳ - қоҳ хандида, гуфт:

- Инро медонам. Ба онҳо на димоғи гирифта асар мекунаду на лабҳои пур аз ханда.

САҒИРИ КУЛЛ

Як рафиқи 52-солаам барои гирифтани маълумоти дуюм ба яке аз донишгоҳҳои кишвар муроҷиат мекунад. Чун нархи таҳсил барояш гарону дастнорас менамояд, ба хонуми қабулкунандаи ҳуҷҷатҳо муроҷиат карда, мегӯяд:

- Наход барои калонсолон ягон тахфиф вуҷуд надошта бошад?

Хонум мегӯяд:

- Мо фақат ба онҳое, ки сағири кулл ҳастанд, 50 дарсад тахфиф дода метавонем. Шумо бояд 100 фоиз маблағро супоред.

«Довталаб» хандида, мегӯяд:

- Пас ба ман бояд 50 дарсад тахфиф диҳед, зеро ман сағири кулл ҳастам. Бовар кунед, на падарам дар ҳаёт ҳастанду на модарам...

МО КАМБИЗОАТ НЕСТЕМ?!

Бо як нафар аз дӯстон роҷеъ ба вазъи вазнини иқтисодии Тоҷикистон ва сабабҳои сол ба сол бештар ба муҳоҷират рӯ овардани сокинони кишвар баҳсе доштем. Вақте

ман аз паст будани сатҳи зиндагии мардум, афзоиши сафи бекорон ва камбағалию камбизотӣ ҳарф мезадам, гуфт:

- Мо камбизоат нестем.

Ба саволи «Чӣ хел мо камбизоат нестем?» гуфт:

- Мо чӣ хел қашшоқем, ки мардуми Тоҷикистон баландтарин андозро дар ҷаҳон месупоранд (тибқи гузоришҳои расмӣ, Тоҷикистон аз ҷиҳати баландии андоз дар ҷаҳон баъд аз Аргентинаву Боливия ҷойи сеюмро ишғол мекунад), ҷаримаҳои нестандарҷаҳонро пардохт мекунанд, гаронтарин чиптаҳои тайёраҳоро харидорӣ мекунанд, бузургтарин боҷи гумрукиро барои ашёҳое, ки ҳатто худ истеҳсол намекунанд, месупоранд, дар гаронтарин мактабҳо таълим мегиранд, нархи чиптаҳои роҳи оҳанаш болотар аз нархи чиптаҳои ҳавопаймои кишварҳои ҳамсояш аст, шиносномаи хориҷиву дохилиашон дах баробар гаронтар аз шиносномаҳоест, ки кишварҳои ҳамсояшон доранд, шоирону нависандагонаш аз ҳисоби худашон китобҳояшонро чоп мекунанд. Пас чӣ гуна ин мардум камбизоат будаанд? Ё ман хато мекунам?

- Не! Ин мардум камбизоат нестанд. Ин мардумро ба қатори миллионерҳои шоҳигарии Монако номнавис бояд кард,- гуфтам дар посух.

АНА ИНРО ХУШКСОЛӢ МЕГӮЯНД
(Аз сӯҳбати ду нафар)

- Ҷӯраҷон, имсол хушксолии вазнин омад. Ҳама навъи маҳсулот қимат шуд.

- Бале, хушксолӣ ки шуд, камчинӣ мешавад, камчинӣ бошад, қиматӣ меорад. Ин қонуни табиат аст. Ана, тарбузу харбузаро бин, камчин ки шуд, нархаш чанд баробар боло рафт.

- Мегӯянд, ки симкарта ҳам 250 сомонӣ мешудааст. Симкарта ҳам камчин шуд мегӯӣ?

- Ба фикрам дар кишваре, ки симкорт истеҳсол мешуд, хушксолии боз ҳам вазнинтар омадааст.

- Пас чаро симкарта дар ҳамон кишвар неву дар мо якбора қимат мешавад?

- Чунки танҳо дар мо, бо боло рафтани нархи сӯзишворӣ,

нархи хизматрасонии троллейбус ҳам боло меравад.

- Вах, ана инро хушксолӣ мегӯянд.

БАЛОТ ЗАНАД-Е!

Супориши нафареро ба зудӣ ичро карда, фармоишашро ба дасташ дода, аз чӣ гуна ичро шудани супориш ҳисобот ҳам додам. Ӯ маро бо изҳори қаноатмандӣ гӯш карда, таҳсинкунон ба китфам зада, гуфт:

- Балот занад-е!

Гуфтам:

- Бало худатро занад! Чаро чунин дуои бад мекунӣ?

Хандиду гуфт:

- «Балот занад» дуои бад нест, ин офарин гуфтан аст.

- Ин тавр бошад, «балот занад»,- гуфта, ман хам ба китфи ӯ задам.

МАН ТУРО СУМКА НАМЕКУНАМ

Дар боғи Рӯдакӣ сайр доштам. Пеш - пеши ман духтари зебое бо сумкачаи зарҳалӣ равон буду ҷавоне гаппартоён дар паҳлуи ӯ мерафт ва ба духтар ҳар гуна суханҳои навозишӣ мегуфту ӯро тавсифҳо мекард. Маълум буд, ки ҳарду ҳанӯз якдигарро намешинохтанд. Духтар гоҳ - гоҳ ба ҷавон нигариста, ҷавоби сазовор доданӣ мешуд, вале худдорӣ мекард. Писар бошад, аз ин хомӯшӣ ба вачд омада, мадҳу ситоишро бештар мекард. Тасмим гирифтам, ки каме токат мекунам, вале агар хирагии ҷавон бештар шавад, ҳатман аз рафтораш эрод гирифта, духтарро аз чанголаш халос мекунам. Вале вокунише шуд, ки на духтар, балки ҷавон ба халосгар зор шуд.

Ҷавон баъди чанд ситоише ҷузвдони духтарро ситоиш карда, гуфт:

- Мехоҳам сумкача шавам, маро дар гарданат овезон кунӣ.

Духтар як назаре ба сару тани ҷавон карда, бо заҳрханда гуфт:

- Ман туя сумкача намекунам.

- Чаро?,- гуфт ҷавон худро ҳайратзада вонамуд карда.

Духтар сахт карда гуфт:

- Чунки ту сӯрох дорӣ, ручка монам, ручкаам аз сӯрохиат меафтад.

Аз ин ҷавоб ман бо садои қаҳқаҳа чунон баланд хандидам, ки ҷавон дигар ҷавобе наёфта, суп-сурх шуда, рӯ ба фирор овард ва духтар ба ман нигариста, бо ханда гуфт:

- Таға будав, ки сумкаи ман фирор кард.

Гуфтам:

- Офаринат. Дигар ӯ ба ҳеҷ духтаре сумка намешавад.

РОСТИРО ЗАВОЛ НЕСТ. РОСТГӮЙРО ЧӢ?

Аз нафаре, ки ҳамеша дурӯғ мегуфт, пурсидам:

- Мегӯянд, ки ростиро завол нест. Пас ту чаро ҳамеша дурӯғ мегӯӣ?

Хандиду гуфт:

- Ай гумроҳ, ба мисоли овардаат дурусттар таваҷҷӯҳ кун. Панддиҳанда «ростиро завол нест» гуфтааст, на ин ки «ростгӯйро».

- Яъне?

- Яъне, ин маънои онро дорад, ки сухани ростро завол нест, вале ба соҳиби сухани рост дар ин замона ҳатман завол мерасад,- гуфту аз ростгӯӣ фирор кард.

ОРЗУИ ДОВТАЛАБ

Аз довталабе пурсидам:

- Дар дил чӣ орзуе дорӣ?

Гуфт:

- Мехоҳам ба донишгоҳ қабул шуда, мутахассиси хуб шуда, ба муҳоҷират сафар кунам, шаҳрвандии Русияро соҳиб шуда, пул кор карда, ба Тоҷикистон фиристам ва ба халқу ватанам хизмат кунам.

Гуфтам:

- Чаро ба муҳоҷират, магар дар ҳаминҷо кор карда, ба ватан хизмат карда намешавад?

Бо ишораи «не» сар ҷунбонида, ҷиддӣ гуфт:

- Не, намешавад!!!

Ба саволи «Чаро намешавад?» гуфт:

- Чунки дар ватан бо диплом ҳам ба мо кор намедиҳанд.

БАЧАМ, ЗИРАКИИ СИЁСИРО АЗ ДАСТ НАДЕҲ

Дар тӯйи арӯсие ширкат доштем. Ҳамдеҳаамон бачаашро хонадор мекард. Тӯй ба итмом расиду ҳама ба хонаҳои худ рафтанд. Вақти ба хона даровардани домод ҳам фаро расид. Ҷӯраҳои домод ӯро то назди дари хонаи хоби арӯс оварданду падари домод ба китфи писар зада гуфт:

- Зиракии сиёсиро аз даст надеҳ, бачам.

Ҷӯраҳо ҳам қоҳ-қоҳ хандида, гуфтанд:

- Бале ҷӯраҷон, мабодо зиракии сиёсиро аз даст дода, занкалон нашавӣ.

«ЗИРАКИИ СИЁСИРО АЗ ДАСТ ДОДЕМ»

Субҳи барвақт дар Институти гастроентрологӣ барои қабули духтури ташхиси ултрасадоӣ (УЗИ) навбат гирифтем. Пеш аз ман яке аз устодони Донишгоҳи миллӣ меистоданд ва ман баъд аз эшон навбат гирифтам. Мо саргарми сӯҳбат будем, ки ду бону пешдастӣ карда, навбатро вайрон карда, пеш аз устод ба қабули духтур даромаданд.

Ман ба устод муроҷиат карда, гуфтам:

- Устод, зуд бархезед, ки навбатро аз даст додед.

Устод аз ҷо бархоста, сарашонро хорида, норозиёна гуфтанд:

- Ин аст натиҷаи гӯш накардани насиҳат. Ҳар рӯз тариқи ТВ ва радиову газетаҳо огоҳ мекунанд, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳед, вале мо бошем, зиракиро аз даст додем.

Хандидаму гуфтам:

- Ана натиҷаи аз даст додани ҳушёриву зиракии сиёсӣ. «Душманони миллат» моро ғофилгир карда, навбатро гирифтанд.

ДОНОҲО ДАРИ «ФЕЙСБУК»-РО БО ҚУЛФИ ХИТОӢ БАСТААНД

Дар «Фейсбук» ҳама ба суоли гузоштаи ҳамкасбамон Хуршед Фозилов - «Ҳамин баъзе аз чиновникҳо, бахусус кормандони Хадамоти алоқа чӣ мехӯрда бошанд, ки ин қадар «доноянд???» ба ҳар навъе ҷавоб медоданд. Яке ин доногиро аз бисёр хӯрдани каду донад, дигаре аз бисёр хӯрдани пиёз медонист. Як ҳамкасбамон ба ман навишт:

- Акаи Холиқназар! Ман ҳам мехоҳам доно шавам. Чӣ бояд хӯрам?

Гуфтам:

- Ту доно нашав!

Гуфт:

- Чаро?

- Агар ту дар нодониат ҳамин хел бошӣ, доно шавӣ, чӣ гуна мешуда бошӣ?

Ҳайрон шуда, пурсид:

- Манзуратонро нафаҳмидам.

Гуфам:

- Масалан ту бо ҳамин нодониат дари бастаи «Фейсбук»-ро кушодай, агар боақл мешудӣ, дар пешат ҳеҷ сомонаи баставу дари бастае наемонд.

Хандиду гуфт:

- Доноҳо дари «Фейсбук»-ро бо қулфи хитоӣ баста бошанд, айби мо нодонҳо чӣ?

АЗ ОИЛАДОРИ БОАҚЛ МУЧАРРАДИ БЕАҚЛ БЕҲТАР

Яке аз бонуҳои ҳамкасбамон зиндагии маро муҳокима карда, бо лабханд гуфт:

- Чаро шумо шаш моҳ мисли мучаррадҳо мегардеду шаш моҳ мисли оиладорҳо? Оё хуб нест, ки шаш моҳи умратонро дар танҳоӣ нагузаронида, боз як зани дигар гиред?

Гуфтам:

- Инро чун ишора қабул кунам ё насиҳат?

Гуфт:

- Чӣ гуна, ки хоҳед, қабул кунед.

Хандидаму гуфтам:

- Ин тавр бошад, биё худат ба мӯҳлати шаш моҳ зани ман шав. Қабул мекунӣ?

Бо қаҳр гуфт:

- Шумо беақлед?

- Чӣ, фақат марди беақл шавҳари ту мешавад?,- гуфтам бо ханда.

Тамасхуре карду гуфт:

- Аз оиладори боақл мучарради беақл беҳтар.

ДОДОҶОН, ХЕЗЕДУ МАРО САРЗАНИШ КУНЕД

Озодмеҳр ҳамеша вақте ба хона маст меомад, ҳатман падараш даҳони ӯро бӯй кашида, сахт сарзаниш мекарданд. Ҳатто хушёр ояд ҳам, ҳатман даҳонашро бӯй мекашиданд, то ин ки ба хушёриаш эътимод банданд. Ин аст, ки ҳамеша пеш аз ба хона омадан кӯшиш мекард бо ҳар гуна усул даҳони худро аз бӯйи арақ раҳо кунад. Рӯзе ҳангоми авҷи нӯшидан ба ӯ хабар медиҳанд, ки падараш вафот кардааст. Тозон ба сари ҷанозаи падар омада, фиғону нола бардошта, тарафи ҷасад пуф карда, гуфт:

- Додоҷон, додоҷон. Додоҷони ширинам. Ҳар вақте бӯи арақро ҳис мекардед, маро ҷанг мекардед, вале чаро имрӯз чизе намегӯед? Додоҷон, хезеду маро сарзаниш кунед, ман дигар наменӯшам.

Ман, ки дар паҳлуяш истода нолаашро мешунидам, ба гӯшаш гуфтам:

- Акнун бас накунӣ ҳам мешавад. Бемалол тарафашон пуф кардан гир. Он кас дигар ҳеҷ гоҳ бӯйи арақи туро эҳсос намекунанд.

ҲАМИН ҲАМ ТОҶИКРО ШИНОХТ-Е!

(Аз нақли ҳамсабақам Маъруф)

Дар яке аз фурудгоҳҳои хориҷӣ ба таҳоратхона даромада, дастонамро шустанӣ шудам. Ҷои дастшӯӣ буд, вале ҳарчанд кӯшиш кардам, аз ҷумак об наомад. Дар як гӯшае истода, наззора кардам, ки дигарон чӣ гуна аз он истифода мебаранд. Ин вақт нафаре омада, ба дасташ собуни моеъ молида, дасташро зери ҷумаки об дошт, ки об омад.

Ба ҳайрат афтода, худ ба худ гуфтам: «Ҳамин ҳам тоҷикро шинохт-е! Ман ҳозир онҷо даст бурдам, об надод, вале ин нафар вақте дасташро гузошт, об омад».

Фақат баъди рафтани мард ва ба даст молидани собуни моеъ фаҳмидам, ки то ба даст собун назанӣ, об намеомадааст.

ЯК МАОШ, ЯК ФОТЕҲА?

(Аз нақли Интизор Умарова)

Маош гирифта, ба хона омадам ва дар ҳузури падарам

онро ҳисоб карда, ба гӯшае гузоштанӣ шудам, ки падарам гуфтанд:

- Пулро ба ман деҳ!

Гуфтам:

- Шумо пулро чӣ кор мекунед? Ман модари танҳоям, ман бояд пул захира кунам, то ин ки оянда фарзандамро ба по рост кунам, хононам ва таълим диҳам.

Падарам гуфтанд:

- Пулро ба ман деҳ, ман ба ту як фотеҳа медиҳам.

Гуфтам:

- Бо ҳамин қадар пул, фақат як фотеҳа?

Гуфтанд:

- Бале, фотеҳа медиҳам, оянда корат пурбарор мешавад.

Хандидаму гуфтам:

- Агар ба чӯгӣ 5 сум диҳам, даҳ фотеҳа медиҳад, шумо бо як маош як фотеҳаи хурд доданӣ? Не, намешавад.

ПАДАРАТ ЧӢ КУШТ?

Ба хонаи яке аз хоҳаронам меҳмон шуда, аз писарчааш пурсидам:

- Маро кӣ зиёфат мекунад?

Гуфт:

- Падарам.

- Барои зиёфати ман падарат барра кушт?

- Не!

- Буз кушт?

- Не!

- Чӣ кушт?

- Тарбуз!

ШОЯД БЕКОРОНРО ҲАМ ҶАРИМАБАНДӢ КУНАНД

Дар шаҳри Панҷакент як ҳамдеҳаам бо ман рӯ ба рӯ шуда, муаллими шиносеро нишон дода, гуфт:

- Фалончаро дидӣ?

Гуфтам:

- Дидам.

Гуфт:

- Ӯ одамони бекорро дар деҳа рӯйхат карда истодааст. Аз

ман ҳам пурсид, ки «дар ягон ҷо кор мекунӣ ё не?». Ман бекор гуфтам, аммо ӯ «падарат ҷӯраам» гуфта, маро ба рӯйхати бекорон ворид накард.

Гуфтам:

- Чаро худро номнавис накардӣ? Шояд супориш шудааст, ки одамони бекорро рӯйхат карда, бо кор таъмин кунанд ё ягон кумак расонанд.

Гуфт:

- Рӯйхат мекунанд, аммо кор намеёбанд.

- Агар кумак накунанд, пас чаро рӯйхат мекунанд?,- боз ҳам дар ҳайрат афтода, пурсидам ман.

Хандиду гуфт:

- Шояд бекоронро ҳам ҷаримабандӣ кунанд.

НАҒЗ ШУДА РАФТАНД

Дӯстам Озодмеҳрро баъд аз як сол дар пойтахт дидам. Медонистам, ки падараш чанд сол боз аз беморӣ азият мекашанд. Бинобар ин, баъд аз салому алейк нахуст аз аҳволи падараш пурсон шуда, гуфтам:

- Падарат нағз шуданд?

Гуфт:

- Нағз шуда рафтанд.

Ҳайрон шуда, гуфтам:

- Ба куҷо рафтанд?

Гуфт:

- Ба он ҷое, ки ҳама «нағз» шуда мераванд.

Ҳамдардӣ карда, гуфтам:

- Ман нав фаҳмидам, ки нағз шуда рафтан чӣ маъно доштааст.

АҚЛИ СОЛИМ НАМЕГИРАД...

Аз як нафар дӯстам дар бораи сабаби ба муҳоҷират фиристодани писараш пурсон шуда, гуфтам:

- Чаро бачаатро нахонондӣ?

Гуфт:

- Ақли солим намегирад, ки чаро одам дидаву дониста, пул харҷ карда, фарзандашро дар донишгоҳҳои Тоҷикистон мехононад, вақте медонад, ки фарзанди ӯ баъди хатми до-

нишгоҳ дар ҳеҷ куҷо кор намеёбад ва маҷбур мешавад рӯй ба муҳоҷират орад.

Гуфтам:

- Чаро кор намеёфтааст? Агар мутахассиси хуб шавад, ҳатман кори хуб меёбад.

Чанд мутахассиси варзидаро ном гирифта, гуфт:

- Агар кор меёфтанд, ҳаминҳо меёфтанд. Ба таҳсили писарам дар хориҷ аз Тоҷикистон розиям, вале дар дохил не. Аксар хатмкунандаҳои донишгоҳҳои мо дар ниҳоят ҷуз муҳоҷир чизе намешаванд.

Наход бекорӣ мардумро ҳамин қадар ноумед карда бошад, ки хондан дар Тоҷикистонро дигар бефоида ва харҷи беҳуда медонанд?

ТО ГУРУНҶ, БО ГУРУНҶ ВА БАЪДИ ГУРУНҶ

Дар шаҳри Хуҷанд меҳмони як ҳамсабақамон шудем. Чун хеле сол якдигарро надида будем, аз дидори ҳамдигар шодмонӣ мекардему қадаҳҳо бардошта, ба ҳамдигар таманниётҳо менамудем. Вақте табақи ош рӯи дастархон омад, соҳиби хона шишаҳои арақро, ки ҳанӯз холӣ нашуда буданд, аз дастархон гирифт. Ман ҳадафи ӯро нафаҳмида, гуфтам:

- Шишаҳоро ҳанӯз холӣ накардаем, чаро мегирӣ?

Гуфт:

- Дар мо арақро то гурунҷ менӯшанд.

Ман бардоштани арақро манъ карда, гуфтам:

- Агар дар Хуҷанд арақро то гурунҷ нӯшанд, дар Панҷакенти мо онро то гурунҷ, бо гурунҷ ва баъди гурунҷ ҳам менӯшанд.

СЕЗОНИ ФУТБОЛ АСТ, ХУРШЕДҶОН, ФУТБОЛ!

Субҳи барвақт Хуршеди Атовулло занг зада, шикоят кард, ки сомонаи «Фараж» кор намекунад. Ман «мебинам, Хуршедҷон» гуфтам ва маслиҳат додам, ки ба фалон рақам занг зада, ба техникҳо ҳам муроҷиат кунад.

Гуфт:

- Баҳманёр аллакай ба ин рақам занг зад. Техникҳоятон ӯро ба ҳар тараф футбол карда истодаанд, вале касе муш-

килро ҳал намекунад. Худат ҳал кун.

Хандидаму гуфтам:

- Сезони футбол аст, Хуршедҷон, футбол!

СУРАТИ МАРО АҚАЛЛАН ДАР ЗЕРИ «ҶОМ» НАМОНДЕД?

Ҷавони донишҷӯ дар рӯзи мавлуди модараш ду ҷоми булӯрин (бакал) бо акси худашу модараш фармоиш дода, онро ба модар тӯҳфа мекунад ва бегоҳ ҳангоми ҷашн тасмим мегиранд, ки модару писар ба воситаи ҳамон ҷомҳо нӯшоба нӯшанд. Ин вақт падар акси якҷояи модару писарро дар ҷомҳо дида, мегӯяд:

- Бачаҷон, мефаҳмам, ки имрӯз рӯзи таваллуди модарат аст. Вале ҳама зиндагиро ман таъмин мекунам, ман пули таҳсил медиҳам ва ман барои касб омӯхтани ту кӯшиш мекунам. Чаро фақат акси худату модаратро дар ҷом ҷой кардай? Чаро акси ман дар ҷом нест?

Писар иштибоҳашро фаҳмида, вазъро ислоҳ карданӣ шуда, мегӯяд:

- Дадаҷон, ҷом хурдӣ кард, сурати шумо ҷой нашуд.

Падар хандида, мегӯяд:

- Намешуд, ки сурати маро ақаллан дар зери бакал ҷой мекардӣ? Шояд он вақт адолат зери по намешуд.

Модар ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда, писарро аз вазъияти ба амал омада раҳо карданӣ шуда, мегӯяд:

- Мо тасмим гирифтем, ки на сурати шумо, балки худатонро тоҷи сар кунем.

ЗИНДАГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ХУД ЛАТИФА АСТ

Аз хотираҳои худ аз чанд вохӯриҳо ва ҷаласаҳо чанд хотираи хандаоварро ба Абдумалик Қодиров пешниҳод кардам. Хотираҳо кӯтоҳу рангин буданд. Ба Абудмалик Қодиров гуфтам:

- Устод, инҳо латифа нестанд, хотираҳои зиндаанд, вале латифамонанд шудаанд.

Абдумалик хандиданду гуфтанд:

- Зиндагӣ дар Тоҷикистон худ латифа аст.

ХАРИ БАДАЙ!

Субҳ бо яке аз дӯстон рӯ ба рӯ шуда, баъд аз салому алейк пурсидам:

- Чӣ ҳол дорӣ, зиндагиат чӣ хел аст?

Бо рӯҳи болида посух дод:

- Зиндагӣ харай ака, харай!

Гуфтам:

- Ман нафаҳмидам, хар - ин хуб аст ё бад?

Гуфт:

- Хари бадай, ака. Хари бадай!

Аз вокуниши қаноатмандонаи ӯ дарёфтам, ки хар будан нишонаи хубӣ аст, бинобар ин, гуфтам:

- Зиндагиат ҳамеша ҳамин хел хари бад бошаду худат хари хуб.

ДАР ҚИШЛОҚАТ БУЗ «БУКСОВАТ» МЕКУНАД

Бо Маҳмадносири Усто Нурулҳақ мо дӯстии хеле наздик дорем. Ӯ агарчи 2 сол аз ман хурд аст, вале мо ҳамсабақем у дар хобгоҳ низ дар ҳамсоягии ҳамдигар зиндагӣ мекардем. Якҷоя хӯрок мепухтем, якҷоя дастархон мекушодем ва якҷоя дарс тайёр мекардем. Дар деҳа низ ман хеле зиёд ба хонаи онҳо омада, падари бузургвораш Усто Нурулҳақро зиёрат мекардам. Усто маро ҳамеша мисли фарзанди худашон қабул мекарданд ва вақте аз он кас мепурсидем, ки чаро Маҳмадносирро зан намедиҳед, «Носири ман фариштахӯй аст, парвои зан надорад» гуфта, механдиданд.

Боре дар фасли зимистон, ман ба деҳаи Атуч ба хонаи Носирҷон меҳмонӣ омадам. Ҳарду пеш аз ба хона даромадан, рӯи курсии назди дарвозаашон нишаста, аз ҳар боб сӯҳбат кардем. Ӯ деҳаи Артучро хеле таъриф карда, аз боду ҳаво, чашмасорон, баландиву пастиҳояш сухан карда, ба арши аъло мебароварад, ки ин вақт бузичае аз назди мо гузашта, ба болои бом баромаданӣ шуд. Вале бинобар он ки атроф ҳама ях буд, бузича мувозинатро гум карду бо вуҷуди чолокӣ, пуштнокӣ афтид ва аз боми дарвоза ба пойин сарозер шуд.

Ман хандида, гуфтам:

- Дар қишлоқат ҳатто буз «буксоват» мекунаду боз ту ин қадар таъриф дорӣ.

ҲОФИЗААМ ПУР ШУДААСТ

Баъди нифирӯзӣ мавзӯеро ба ҳамсӯҳбатам фаҳониданӣ шуда, бо овардани мисолҳои ҳархела шарҳ додам, вале ӯ чизеро нафаҳмид. Ба назарам маро умуман намешунид. Ба ғазаб омада, гуфтам:

- Намедонам кар шудаӣ, ё чизи дигар, ки гапамро умуман намешунавӣ.

Гуфт:

- Айби ман чӣ? Каллаам қабул намекунад?

- Чаро қабул намекунад, - гуфта, ҳайратомез пурсидам.

Гуфт:

- Ҳофизаам пур шудааст.

БДА «АМОНАТБОНК»

Дар рафти имтиҳон дар факултаи молия ва қарзи ДМТ муаллим аз хатмкунандаи ихтисоси фаъолияти бонкӣ пурсид:

- БДА «Амонатбонк» чӣ гуна бонк аст?

Хатмкунандаи ҳозирҷавоб гуфт:

- Бозрасии давлатии автомобилии Амонатбонк.

ҲОФИЗ ДУ ШАҲРА БАХШИД, ГУНАҲКОР НАШУД-КУ!

Шарифхон Тағоймурод бо шавқ аз даврони донишҷӯияш нақл карда, гуфт:

- Даврони донишҷӯӣ отаам 4 танга мефиристод, ман бо он бӯса мехаридаму духтарҳоро «Мерве» мебурдам.

- Ҳайфи чунин бӯсаи чортангаӣ! Наход бӯсаро ҳам бихаранд,- гуфта, ӯро мазаммат кардам.

Хандиду гуфт:

- Эҳеее, Ҳофизи Шерозӣ ба як холи ҳиндӣ Самарқанду Бухороя «фурӯхт», гунаҳкор нашуд, ман бо пули чанд роллтон як бӯса харидам, гунаҳкор шудам?!

ПУЛ ДОДА БОШӢ, ЧАРО РАҲМАТ МЕГӮӢ?

Бегоҳ хушам наомад, ки барои ифтор хӯрок пазам. Бинобар ин, тасмим гирифтам, ки аз ягон ошхона хӯроки тайёре харидорӣ карда, ба хона оварда, бемалол рӯзаамро

кушоям. Дар моҳи Рамазон ёфтани ошхонае, ки рӯзона фаъолият кунад, кори осон набудааст. Баъд аз ҷустуҷӯ ниҳоят дар маҳаллаи 82 ошхонаеро бо номи «Афсона» пайдо кардам, ки оши як ба як тайёр мекардааст. Хурсандона як ош фармоиш дода, пулашро пардохт карда, каме интизор шудам. Вақте пешхизмат ошро оварда ба дастам дод, ба ӯ миннатдорӣ карда, гуфтам:

- Додарҷон, ҳазор раҳмат. Дар ин моҳи Рамазон хеле савобро гирифтӣ. Худо баракати коратро диҳад. Барои зуд омода кардан сипосгузорам.

Гуфт:

- Раҳматро чӣ кор кунам ака, пули ошамро бите.

Дар ҳайрат афтода, гуфтам:

- О ман аввал пули ошро дода, баъд фармоиш додам-ку!

Гуфт:

- Агар пули ошро дода бошӣ, чаро боз дуо медиҳӣ?

ЭЪТИРОФИ ШАЙТОН

Шайтонро дидам, ки аз Русия ихроҷ шудааст ва баҳузур хобида буд. Маро диду аз ҷой бархост.

Пурсидам:

- Чаро бекор нишастай? Имрӯз инсонҳо нисфи рӯзашонро бидуни ту гузаронидаанд.

Қошу қавоқ андохта, ба сӯям нигоҳи пур аз қаҳре карда, гуфт:

- Пеш аз вақт ба нафақа баромадан мехоҳам.

Кунҷковӣ кардам:

- Магар вичдонат бедор шудааст, ё мехоҳӣ бандагии Худоро ба ҷой орӣ?

Гуфт:

- Ин тавр нест. Баръакс, ман дигар он Иблиси пешинаи тавоно нестам. Он чӣ ман шабона бо садҳо васвасаи пинҳонӣ анҷом медодам, инсонҳо дар рӯзи равшан бо ҳазорҳо дасисаи ошкор анҷом медиҳанд. Дигар ба ман дар ин кишвар ниёзе намондааст. Хостам тарки ин кишвар кунам ва ба Русия равам, аммо ба Русия роҳ надоданд, зеро мамнуъулвуруд шудаам.

Баъд кӯрпаву болишташро гирифту дар гӯшае барои

худаш ҷои хоб омода кард. Ҳангоме ки ба ҷояш дароз мекашид, зери лаб ғур-ғуркунон мегуфт: «Эй Одам, агар медонистам, ки фарзандони ту ин қадар чиноятқору фиребгаранд, дар ҳамон рӯзи аввал ба ту саҷда мекардам. Аммо ҳоло мебинам, ки ҳама корамро фарзандони ту аз ман гирифтаанду фақат бадномиаш ба ман мондааст. Намедонистам, ки насли одам дар дурӯғу хиёнату бадӣ ин қадар пеш меравад. Агар инро мефаҳмидам, аввалин шуда, ба ту саҷда мекардам».

Гуфтам:

- Афсӯс, ки пушаймонӣ дигар суде надорад!

Гуфт:

- Алами ман аз он аст, ки шумо - инсонҳо, ҳама коро мекунед, аммо бадномиаш насиби ман мешаваду шиоратон ин аст, ки «Шайтон аз роҳ зад».

Инро гуфту кӯрпаро ба сараш кашид. Дилам ба ҳолаш сӯхт.

МАН ДИПЛОМАТИЯРО ХАТМ КАРДАМ-КУ!

Дар боғи ба номи Рӯдакӣ бо яке аз шогирдонам вохӯрдам, ки дар даст дипломате дошту ба сайру саёҳат машғул буд. Баъд аз салому ҳолпурсӣ гуфтам:

- Бо дипломати калон сайр дорӣ, ба хайр аст? Ягон вазифаи калонат доданд чӣ?

Хандиду гуфт:

- Устодҷон, ман дипломатияро бо дипломи сурх хатм кардам. Дар ҳеҷ куҷо ба кор намегиранд, аз бекорӣ акнун маҷбурем дипломро дар дохили дипломат монда, бардошта гардем-да.

БОЗ ЯГОН СӮРОХИИ ДИГАР ҲАСТ, КИ ЧАКОНӢ?

Дар деҳа аллергия чунон сахт азиятам дод, ки баъд аз атсаи зиёд чашмонам сурху биниям маҳкам шуд ва гӯшҳоям қулф заданд. Бо маслиҳати духтур якто диазолин хӯрда, нахуст ба биниам нафтизин чаконидам. Баъдан аз доруи дигар ба чашм ва гӯшам низ чанд чакра чаконида, дароз кашидам. Модарам, ки ин ҳама рафтори маро назорат мекарданд, хандида гуфтанд:

- Бачаҷон, бо ягон сӯрохии дигар монд, ки чаконӣ ё тамом?

САРИ БАЧАИ МО ПОЙҲОЯШРО АЗОБ МЕДИҲАД

Ба деҳа ба зиёрати падару модар рафтам. Баъди хеле нишастану сӯҳбат кардан, тасмим гирифтам яке аз мӯйсафедони деҳаро, ки бемор буданд, зиёрат кунам. Аз падар рухсат пурсидаму баромадам. Баъди зиёрати он кас ба хона баргаштам ва каме нишаста, боз барои фотиҳа баромадам ва ба ҷои дигар рафтам. Ҳамин тавр, то бегоҳ якчанд нафарро зиёрат кардам. Бегоҳ, вақте ки боз рухсат пурсида, ба дидани нафаре рафтанӣ шудам, падарам гуфтанд:

- Чаро вақте баромадӣ, ҳамаро якбора зиёрат карда барнагаштӣ? Ҳар вақт омадаву боз рафтан азиятат намедиҳад? Пойҳоят дард намекунанд?

Очаам ба баҳс ҳамроҳ шуда, хандон - хандон гуфтанд:

- Ин бачаи мо бо сараш дӯстӣ надорад. Барои ҳамин ҳам сараш пойҳояшро азоб медиҳад.

ЧӢ ХУШБАХТИЕ! БО САНГИ ВАТАН БА ОН ДУНЁ

Як ҳамкасбамонро дарди гурда сахт азият медиҳад ва ӯ ноилоҷ ба духтур мурочиат мекунад. Баъд аз гузаронидани ташхисҳои зарурӣ духтур мегӯяд:

- Ҷаноб, гурдаи шумо ду дона санг дорад ва ин сангҳо дар айни замон боиси нороҳатии шумо шудаанд.

Бемор:

- Ҳеҷ гап не, табобат мекунем. Сангҳоро меафтонем, то ин ки дигар маро азият надиҳанд.

Духтур ҷуз ҷарроҳӣ дигар ҳама навъи табобатро бефоида арзёбӣ карда, мегӯяд:

- Сангҳо калон шудаанд, ҷуз ҷарроҳӣ дигар ҳеҷ роҳи афтонидани онҳо вуҷуд надорад.

- Барои ҷарроҳӣ тақрибан чанд сомонӣ зарур меояд?

- Шояд 4-5 ҳазор сомонӣ басанда бошад.

Баъд аз шунидани нархи ҷарроҳӣ бемор аз ҷой бархоста, мегӯяд:

- Духтурҷон, медонед чӣ? Ман сангҳои ватанамонро чунон дӯст медорам, ки онҳоро дар гурдаҳоям гирифта ме-

гардам ва ҳеҷ гоҳ аз худ дур намекунам.

- Агар ин сангҳо боиси аз кор мондани гурда шаванд чӣ? Агар боиси марг шаванд чӣ?,- мепурсад духтур.

Бемор нимшӯхию нимҷиддӣ мегӯяд:

- Ман ин сангҳоро чун хотира аз кӯҳсори ватан бо худ ба он дунё мебарам.

ГУРЕЗЕД, КИ ТАНЗИМ ОМАД

Рӯзи шанбе буд. Бегоҳирӯзӣ ҳамроҳи гурӯҳе аз дӯстон ба тӯйи як ҳамсабақамон ба ноҳияи Шаҳринав рафтем. То ба тӯйхона расидан шом шуд. Ба бахти мо, борон борида, роҳ лой шуд ва мошини мо дар роҳ монд. Хонаи соҳибҷашн дар заминҳои нав будааст ва роҳҳо ҳанӯз қумфарш набудаанд. Мо ноилоҷ мошини Мерседес-Спринтерро дар роҳ монда, шимҳоро то зону бардошта, аз заминҳои шудгоршуда пиёда гузашта, то ба тӯйхона наздик шудем. Ба тӯйхона расидан замон баркро хомӯш ва дарвозаҳоро пӯшида дидем. Гумон кардем, ки шояд лимит бошаду баркро қатъ карда бошанд ва ё шояд суроғаро иштибоҳ гирифта бошем. Вале ин тавр набудааст. Соҳибтӯй ва меҳмонҳо аз дур омадани моро дида, бо гумони он ки кормандони танзим меоянд, ҳамаи чароғҳоро хомӯш карда, дарвозаҳоро пӯшонидаанд. Мардум низ, ба хотири он, ки соҳибтӯй ҷарима нашавад, аз маърака «фирор» кардаанд.

Баъд аз қабул соҳибҷашн хандида гуфт:

- Мо шумо галстукдорҳоро аз дур дида, «гурезед, танзим омад» гуфта, аз тарс ҳама чароғҳоро хомӯш кардем ва меҳмонҳоро ҷавоб дода, дарро бастем.

Ман ҳам хандида гуфтам:

- Мо маҷбурем акнун «ҳайф нашавад» гуфта, то кафидана таомҳои пухтаи шуморо хӯрем.

БА ҲОЛИ ШУМО ХАНДИДАМ

Бо шавқ ба Интизор Умарова латифаеро нақл карда, худам хандидам, вале ӯ ҳатто табассуме накард. Ҳайрон шуда, гуфтам:

- Чунин латифаи хандаовареро ба ту нақл кардам, ту ҳатто табассуме накардӣ?

- Ман ба ҳар латифа як маротиба механдам, ин латифаро бошад, шумо сеюм маротиба нақл мекунед,- гуфта, ваҳ - ваҳ хандид.

Гуфтам:

- Ана боз хандидӣ-ку!

Гуфт:

- Ин ханда ба ҳоли шумо буд.

ШУМОРО ОПЕРАТОРҲО ФИРЕБ ДОДААНД

Ба Алиҷон чанд маротиба занг задам. Телефонаш ҳамеша банд буд. Чунин амал аз субҳ то бегоҳ идома ёфт. Бегоҳ вақте ба зангам ҷавоб дод, гуфтам:

- Алиҷон! Аз субҳ то шом чандин маротиба ман ба ту занг задам. Чаро телефонат ҳамеша банд буд?

Гуфт:

- Ман имрӯз умуман ба касе занг назадаам ва телефонам ҳам банд набуд.

Гуфтам:

- Агар ман дурӯғ гӯям, оператор дурӯг намегӯяд-ку. Ҳамеша ба зангҳои ман оператор ба ҷои ту ҷавоб дода, мегуфт: «Муштарӣ банд аст!».

Хандиду гуфт:

- Шуморо операторҳо фиреб додаанд.

МАН ШАБҲО ДАР ТАНҲОӢ МЕТАРСАМ

Падару модар фарзанди муҷаррадашонро шабона дар хона бо хонуме дастгир карда, аз пайи муҳокимаи ӯ мешаванд. Модар шиквакунон ба шавҳараш мегӯяд:

- Ваааҳ, шарманда шудем. Бачаи мо духтарбоз шудааст. Шабона ба хона бева меорад. Отааш, коре кун, ки бачаро аз ин роҳ гардонем, вагарна оқибатамон бад мешавад.

Падар фарзанди худро аз хиҷолат баровардан шуда, занро ором карда, мегӯяд:

- Занакҷон, ором шав, бачаи мо духтарбоз нест. Бачаи мо тарсончак аст. Ӯ аз танҳо хоб рафтан метарсаду барои ҳамин, шаб ҳамхоба овардааст. Роҳи ягона ин аст, ки бояд фавран ӯро зан диҳем.

Бачаи аз хиҷолат сурхшуда гуфтаҳои падарро тасдиқ

карда, мегӯяд:

- Бале модарҷон, ман шабҳо дар хобам метарсам.

БЕРУН АЗ ДАФТАР, ДАР ДОХИЛИ КИТОБ

Бо Муллораҷаб Юсуфӣ нишаста сӯҳбат доштем, ки ҳамкоронаш ба ӯ занг зада, гуфтанд:

- Зуд маводатро омода намуда, супор.

Муллораҷаб гуфт:

- Ман ҳоло бурун аз дафтар қарор дорам. Баргардам, ҳатман месупорам.

- Хандида, гуфтам:

- Бале, ӯ берун аз дафтар, вале дар дохили китоб аст. Аз китоб берун омада, ба дафтар ворид шавад, матлабашро зуд месупорад.

БАЧАИ МАН ИСОНАФАС МЕШАВАД

Дар яке аз шӯъбаҳои САҲШ-и шаҳри Душанбе бо бонуе вохӯрдам, ки мехост фарзанди сенздаҳсолаашро, ки дар вақташ ному насабашро дунома ба расмият даровардаааст, сенома кунад. Вақте ба шаҳодатномаи таваллуди фарзандаш нигаристам, ҷои номи падарро холӣ дида, ҳайрон шуда, бо шӯхӣ пурсидам:

- Чаро ҷои номи падар холӣ аст? Магар фарзанди шумо бепадар ба дунё омад?

Хандиду гуфт:

- Бале, ман ҳам мисли ҳазрати Марям бепадар бача ба дунё овардам. Фарзанди ман дар оянда Исонафас хоҳад шуд.

Вақте аз ҷузъиёт пурсидам, гуфт:

- Бо падараш ҳамагӣ 6 моҳ зиндагии якҷоя доштем. Никоҳи мусулмонӣ доштем, вале никоҳамонро дар САҲШ ба расмият надароварда будем. Ин тифл баъди ҷудо шудани мо ба дунё омад. Вақте шаҳодатномаи таваллудашро гирифтанӣ шудем, падараш расман гуфт, ки ин писари ӯ нест. Он вақтҳо дар Тоҷикистон муайян кардани падарӣ номумкин буд ва ташвишу даводави зиёд мехост. Бинобар ин, ман дигар даъвое накарда, худро модари танҳо донистам ва тифлро чун фарзанди бепадар ба расмият

даровардам.

Ҳарфе барои таскин наёфта, гуфтам:

- Чунин падарҳо ҳам будаанд-а? «Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад» мегӯянд. Агар дар оянда ин падару писар ба ҳам рӯ ба рӯ шаванд, падар чӣ гуна ба рӯи фарзандаш менигариста бошад?

СӮФИИ АРАҚХӮР, МУЛЛОИ «ПИЁН» ВА ПОКИ ДАР ГУНОҲ ҒАРҚ

Хилватшоҳи Маҳмуд вақте маро танқид мекард, гуфтам:

- Ман ба гуруҳи фариштаҳо ва сӯфиҳо дохил мешавам, мулло ҳастам ва аз гуноҳ покам. Чаро маро танқид мекунӣ?

Хандиду гуфт:

- Бале, ту аз сӯфиҳои арақхӯр, муллоҳои пиён ва покҳои дар гуноҳ ғарқӣ.

- Магар бузургӣ то ин ҳад мешавад?,- гуфтам дар посух.

«АРӮСҲОИ ЁВОН ДУБЛИКАТ ДОРАНД?»

Модаре ба идораи ҳафтаномаи «Фараж» мурочиат карда, аз шӯъбаи САҲШ-и ноҳияи Ёвон шикоят кард ва иброз дошт, ки бе иштироки духтари ӯ қайди раиси САҲШ никоҳи фарзандашро бо домодаш бекор кардааст ва ӯ мехоҳад мо рӯзноманигорон ин масъаларо тадқиқ кунем. Бо супориши раиси МТЖТ Хуршеди Атовулло банда барои дақиқ кардани асли кор ба ноҳияи Ёвон сафар кардам.

Дар маркази шаҳр нахуст бо роҳбари шӯъбаи САҲШ вохӯрдам. Ӯ маро қабул кард, бо ариза шинос шуд ва дар рафти сӯҳбат даъвои тарафи арӯсро рад карда, иброз дошт, ки ҳам арӯс ва ҳам домод дар рафти чудошавӣ ҳузур доштанд ва ҳарду ариза карданд, ки нисбат ба якдигар даъвое надоранд.

Пурсидам:

- Оё шумо ҳангоми чудо кардани арӯсу домод ба рӯйи арӯс нигоҳ карда будед?

Гуфт:

- Арӯс сатрпӯш буд, рӯяшро надидам, вале шиносномаҳоро дидам.

Гуфтам:

- Агар хушдоман ба ҷойи арӯс ягон нафари дигарро сатр пӯшонида, назди шумо оварда бошад чӣ?

Гуфт:

- Агар ин тавр бошад, бигзор худи хушдоман ҷавоб диҳад. Ман воқеан ба рӯи арӯс нигоҳ накардаам.

- Шояд дубликаташро оварда бошанд?,- бо заҳрханда ба пурсишам идома додам.

Гуфт:

- Арӯсҳои Ёвон дубликат надоранд.

ТУ КАЛОН ШАВӢ, ЧӢ ХЕЛ МЕШУДА БОШӢ?

Моҳи сентябр буд. Тақрибан дар синфҳои 3 ё 4 мехондам. Рӯзе падарам маро бо худораҳматии бобои Розиқ, ки аз мӯйсафедони нуронии қишлоқи Мадовра буданд, ҳамроҳ карда, ба овули Уреҷ ба назди бибиам Майрума (худо раҳматашон кунад) фиристоданд. Дар роҳ раҳматии бобои Тӯхсан аз деҳаи Артуч ҳамроҳ шуданд. Бобои Розиқ ва Бобои Тӯхсан харсавор пеш - пешу ман аз паси онҳо мерафтам. Агарчи хеле хурд будам, ба сӯҳбатҳояшон кунҷковона диққат дода, аз шӯхиҳояшон лаззат мебурдам. Гоҳе аз гузаштаҳо ёд карда, дунёро «наҳанги одамхӯр» мегуфтанд, гоҳ аз бевафоии дунё сухан ронда, ҳасрати онро мекарданд.

Дар мавзее бо номи Рӯйи об, ки Чомоқи Ҳалим низ мегӯянд, чанд нафар аз кӯҳнавардони хориҷӣ аз наздамон салом дода гузаштанд. Бобои Тӯхсан русзани хеле зебоеро нишон дода, гуфтанд:

- Ба қудратот мурам худо. Ту инро чӣ хел сохтай, ки аз ҷурғот ҳам сафедтар-е.

Бобои Розиқ «ҳай - ҳай, чашматро дар ҷояш мон, ки ҳавасат рафта, аз хар наафтӣ, ки ман нерӯи бардоштану кашолакунии ҷасади туро надорам» гуфта, хандиданд.

- Аллакай ҳавасам рафта бошад-чӣ...,- гуфта, бобои Тӯхсан бо ханда посух доданд.

Бобои Розиқ, гӯё кӯдакеро насиҳат мекарда бошанд, гуфтанд:

- Ту аз ҳозир ҳамин хел шӯхӣ, калон шавӣ, чӣ хел мешуда бошӣ?

- Калон шавам, бисёр одами хуб мешавам,- гуфта, бо-

бои Тӯхсан боз бо ханда посух доданд.

Ман ҳам гӯё чизеро фаҳмида бошам, баланд хандидам.

Ҳарду ба ман нигоҳ карда, пурсиданд:

- Ту чаро механдӣ?

Ман якбора аз ханда бозистода, дасту по гум карда, аз бобои Тӯхсан пурсидам:

- Бобоҷон, шумо боз калон мешавед?

Хандиданду гуфтанд:

- Бале ҷони бобо, ман ҳоло калон мешавам. Хеле калон мешавам, вале дар дохили гӯр. Ту калоншавии маро намебинӣ.

ҲАМИН КӮДАКҲО РУСИРО МЕДОНАНДУ МАН НЕ

Дар лагери сайёҳиву алпинистии Уреҷ кӯдакони рус бозӣ доштанд. Онҳо гурӯҳи сайёҳони навро дида, ба наздашон омада, бо русӣ байни ҳам чанд сухане радду бадал карданд. Ин вақт мӯйсафеде, ки бо мо сӯҳбат дошт, бо русӣ ҳарф задани онҳоро шунида, ҳайратомез гуфт:

- Ба амрат мурам худо, ҳамин кӯдакҳо русиро медонанду ман не-е.

ЛУТФАН, БА НАЗДИКТАРИН ТЕРМИНАЛ МУРОҶИАТ КУНЕД!

Нав ба ҷойи кор омада будам, ки яке аз дӯстон занг зада, гуфт:

- Холиқназар, ба ман як хизмати фаврӣ даркор аст, вале ба офисатон рафта наметавонам. Кумакам мекунӣ?

Гуфтам:

- Бифармоед, бароятон чӣ хизмат кунам?

Гуфт:

- Ба як рақам 15 сомонӣ пул гузаронидан даркор.

Хандидаму гуфтам:

- Лутфан, ба наздиктарин терминал мурочиат кунед!

МАН ДАР ДОНИШГОҲИ ШУМО НАМЕХОНАМ

Дар як маъракае бо проректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон дар як миз нишастем. Чанд нафар ҳамкоронашон низ буданду 2 - 3 нафар шогирдонашон

ҳам. Вақти баромадан устод дар ҳузури ҳама ба ман муроҷиат карда, гуфтанд:

- Ту кай ба ман симкартаи нуқрагин меорӣ?

Хандидаму гуфтам:

- Устод, мебахшед, ба фикрам шумо маро бо ягон донишҷӯи қарздор иштибоҳ кардед. Ман дар донишгоҳи шумо намехонам.

Устод бо хандаи қаҳқаҳа гуфтанд:

- Аз мурда кафан мерӯяду аз ту не.

БА ВИТРИНА ДАСТ НАРАСОН

Ба яке аз муридон риши ҳазрати Эшон хеле маъқул мешавад. Дар ҳар вохӯрие ӯ аз Эшон хоҳиш мекунад, ки як тори ришашро канда, ба ӯ чун хотира диҳад. Эшон ҳамеша бо баҳонае хоҳиши ӯро рад мекунад. Вале рӯзе дар ҳузури мардум муриди ӯ ба ҷону ҳоли Эшон намонда, мегӯяд:

- Ҳазратам, илтимос мекунам, иҷозат диҳед як торе аз ҳамин ришро канда гирам.

Эшон роҳи дигари халосиро наёфта, «наздиктар биё, гӯшатро дор» гуфта, дар гӯшаш мегӯяд:

- Ман розиям. Лекин он чӣ дар рӯй аст, витрина аст. Ту аз витрина нагир, ки вайрон мешавад. Аз поёнтар гир.

ДУРӮҒЕ, КИ ДУРӮҒГӮЙРО ҲАЙРАТЗАДА КАРД

Якуми апрел Бахтиёр Ҳамдамов - сармуҳаррири нашрияи «Минбари халқ» корманди нашрияи «Сирдош» Интизор Умароваро фиреб доданӣ шуда, ба ӯ занг зада, мегӯяд:

- Дар назди дари идора туро ду нафар интизоранд. Зуд бархезу ҷойи кор биё.

Интизор Умарова шӯхии якуми апрелӣ будани онро фаҳмида, мегӯяд:

- Бахшиш устод, ки ман омада наметавонам, зеро дар ҷаноза сармуҳаррирамон Эрматов қарор дорам (Эрматов аз наздиктарин дӯстони Бахтиёр Ҳамдамов аст).

Бахтиёр Ҳамдамов хеле афсӯсхӯрон мегӯяд:

- Ман хабар наёфтаам-ку. Ба ӯ чӣ шудааст? Ҷаноза дар куҷост? Ман бояд ҳатман дар ҷаноза иштирок кунам.

- Эшон ба садама дучор шудаанд, ҷаноза соати 2 аст,-

гуфта, ӯ суроғаеро ҳам медиҳад.

Ҳамдамов зуд гӯшакро монда, аз дар мебарояд. Танҳо дар берун баъди дидани «марҳуми зинда» мефаҳмад, ки ин шӯхии якуми апрелӣ будааст. Худ ба худ хандида, мегӯяд:

- Ана инро дурӯғ мегӯянд. Дурӯғе, ки ҳатто дуруғгӯйро ғофилгир кард.

МАРДАК ГАПРО БОЯД ДАР «ФЕЙСБУК» ГӮЯД
(Аз нақли Шарифхони Тағоймурод)

Барномаи як нафар дӯстамро дар радиои Ватан гӯш карда, ба ӯ занг зада, табрик кардам. Ӯ ба ман гуфт:

- Барномаро гӯш кардӣ, акнун камбудиҳояшро бигӯ, то ин ки ислоҳ кунам.

Гуфтам:

- Камбудие надошт.

Гуфт:

- Дурӯғ нагӯ. Ҳоло агар ягон бегона бошад, дар «Фейсбук» даб - далаша мебарорӣ. Ман розиям, ки камбудиҳои барномаамро дар рӯ ба рӯям гӯӣ. Чаро намегӯӣ?

Гуфтам:

- Мардак гапро бояд дар «Фейсбук» гӯяд, на дар сӯҳбати рӯ ба рӯ!

ЗАНАК РӮЗАМ НАМЕТА

Бо як рафиқам нишаста сӯҳбат доштем, ки занаш занг зад. Ӯ баъди сӯҳбат ва баҳси кӯтоҳе бо занак, гӯшакро монда, гуфт:

- Ҳамин занак рӯзам намета, ҷӯрачон.

Ман ӯро тасаллӣ доданӣ шуда, гуфтам:

- Зиқ нашав ҷӯрачон, рӯз ки надод, ҳатман шаб медиҳад.

ҲАЙВОНҲОИ ЗООПАРК ТАМОШОБИНОНРО ЛАТУКӮБ КАРДАНД
(Аз нақли Шарифхони Тағоймурод)

Ҷашни Наврӯзӣ буд. Мо як намоиши ҳаҷвӣ доштем. Ҳама нақши ҳайвонотро бозӣ мекардем. Яке мурғ, яке хурӯс, дигаре саг ва ғайра, ҳатто шер. Намоиш сар шуду аз толор 2-3 ҷавони тамошобин нисбати мо вожаҳои таҳқи-

ромез истифода карданд. Як бачаи хеле пуркувват доштем, ки нақши шерро мебозид. Чун дар нақш буд, қаҳрашро пинҳон дошта, токат кард ва баъди намоиш ҷавонҳои таҳқиркардаро бо баҳонае ба толори алоҳидае даъват кард. Мо ҳамакаса бо ҳамон либосҳои саҳнавӣ ба ин ду ҷавон ҳуҷум карда, латукӯб кардем. Нафаре ба халоскунии мо омада, ҳамаро ором карда, пурсид:

- Инҷо чӣ гап шуд?

Ман гуфтам:

- Ҳайвонҳои зоопарк тамошобинонро латукӯб карданд!

ХАРТӮЙ

Шарифхони Тағоймурод нияти зангирӣ дошт. Вақте ман аз ӯ пурсидам, ки моро низ ба тӯй даъват мекунад ё не, гуфт:

- Ака, зиқ нашав, як хартӯй карда, ҳамата даъват мекунам.

Ман, ки чунин тӯйро нашунида будам, пурсидам:

- Хартӯй, яъне арӯсу домода харсавор ба никоҳ бурда меоранд-а?

Хандиду гуфт:

- Не. Хартӯй, яъне ҳамаи бевагалара мебарам. Онҳо хар ворӣ мехонанд, худмон хар ворӣ мераҳсем.

ДАР «БАҲОРИЁТ» ҲАЙВОНҲО РАЗБОР ДОРАНД, ДАДА

Шаб дарсҳои тайёркардаи писарчаамро тафтиш кардам. Вақте навбат ба дарси адабиёт расид, нахуст аз мавзӯъ пурсон шудам.

Гуфт:

- Мазмун ва мундаричаи идеявии «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ.

Гуфтам:

- Канӣ нақл кун. Дар «Баҳориёт» дар чӣ бора сухан меравад?

Гуфт:

- Дар «Баҳориёт» ҳайвонҳо разбор доранд, дада.

УШТУРРО БО ҚОШУҚ ОБ ДОДА ИСТОДААНД

Баъд аз бозгашт аз Маскав ба Маркази тадқиқоти журналистӣ ба кор омадам. Хуршед маро якбора Директори иҷроияи марказ таъин кард. Ҳамроҳи Хуршед дар ҷои кор нишаста будем, ки очаи бачаҳо занг зада, аз кору бор ва даромади ман пурсон шуда, гуфт:

- Мардак, маош чӣ хел? Ба зиндагӣ мерасад?

Ман садои гӯширо баланд карда, дар ҳузури Хуршед хандакунон гуфтам:

- Ту аз ман хавотир нашуда, ғами худату бачаҳоро хӯр. Ман инҷо як бало карда худамро таъмин мекунам. Ту ҳам онҷо як бало карда, худату бачаҳоро таъмин кун.

Гуфт:

- Чӣ хел?

- Инҷо уштурро бо қошуқ об дода истодаанд,- гуфтам хандакунон.

ФАРДО КОР ОЯМ Ё НЕ?

Дар ҳафтаномаи «Фараж» кор мекардам. Баъд аз кор ҳамроҳи Хуршед ва Абдувоҳиди Зевар аз маҷмааи «Шарқи озод» баромада, ба самти Гулистон равон шудем. Дар ҷайби ман ҳамагӣ 1 сомонӣ пул буду халос. Ин маблағ барои то хона рафтан басандагӣ мекард, вале барои бозгашт ба кор намерасид. Натавонистам, ки аз Хуршед роҳпулӣ пурсам, бинобар ин, дар ҳузури Абдувоҳид гуфтам:

- Хуршедҷон, ман фардо ба кор оям ё дигар ба омадани ман зарурат нест?

Ӯ ҳайрон шуда, пурсид:

- Чӣ, ягон гап шуд, ки дигар омаданӣ нестӣ? Ягон кас хафаат кард?

Ман яксомониро нишон дода, гуфтам:

- Не, касе хафа накардааст. Пули ман фақат барои як тараф мерасад, барои ҳамин пурсидам.

Хуршед бо садои қаҳқаҳа баланд хандиду як панҷоҳсомониро дароз карда, гуфт:

- Ана ин роҳпулии якмоҳаат. То моҳи дигар пул напурсӣ.

ТАРҒИБИ ГУЛИ ЗАРД АЗ ТАРАФИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОН

Дар назди бинои «Сафина» як нафар дӯстамро вохӯрдам ва ӯ аз ман пурсид:

- Китобҳои шоира ва нависанда Гули Зардро аз кучо пайдо кунем?

Гуфтам:

- Ана дар он тарафи роҳ якчанд дӯкони фурӯши китоб ҳаст. Аз фурӯшандаҳо пурсон шав, ҳатман пайдо мекунӣ.

Гуфт:

- Аллакай пурсидам, «ягон китоби ӯ дар фурӯш нест» гуфтанд.

Ҳисси кунҷковиам боло гирифту пурсидам:

- Ту чаро ин қадар мухлиси навиштаҳои Гули Зард шудӣ? Ту ӯро мешиносӣ?

Гуфт:

- Ростӣ, ки намешиносам. Ҳамкорҳо гуфтанд, ки Иттифоқи нависандагон ӯро барои як китоби зӯраш аз Иттифоқ хориҷ кардааст. Хостам ҳамон китобро пайдо кунам.

Хандидаму гуфтам:

- Ана инро реклама мегӯянд, рекламаи ройгони Иттифоқи нависандагон.

ВАҚТЕ МАНСАБДОР ҲАТТО СУРХ НАМЕШАВАД

Рӯзи 11-уми март буд. Ҷашни матубот дар «Театри ҷавонон» бо як шукӯҳу шаҳомат идома дошт. Ман дар паҳлуи сармуҳаррири ҳафтаномаи «Тоҷикистон» Абдумудассир Аҳмадзода менишастам. Ҳангоми баромади яке аз мансабдорон, ки ҳатто аз рӯи варақ бо душворӣ мехонд, гуфтам:

- Устод, рост аст, ки ҳар шахси ба минбар бароянда вақте эҳсос мекунад, ки саводи ӯ аз атрофиёнаш камтар аст, шарм медорад, ӯро воҳима пахш мекунад ва сухан аз даҳонаш меафтад?

Аҳмадзода гуфтанд:

- Чунинҳо на шарме мекунанд, на эҳсосоте доранд ва на масъулияте нисбат ба атрофиён ҳис мекунанд.

ДАРСИ ОШПАЗӢ АЗ БОБОҶОН МИРЗОЕВ

Рӯзе Бобокалон Мирзоев аз ман пурсиданд:

- Ту ош пухта метавонӣ?

Гуфтам:

- На он қадар.

- Агар ошпазиро ёд гирифтан хоҳӣ, як рӯз моро ба хонаат даъват кун, мо ба ту ошпазиро ёд медиҳем.

Ман хуб гуфта, як рӯзи истироҳат гурӯҳе аз дӯстонро ҳамроҳи он кас ба хона даъват кардам. Бобоҷон қабл аз омадан гуфтанд:

- Ҳозир ман рӯйхатро медиҳам, то рафтани мо маҳсулоташро харида биёр. Мо ки рафтем, худамон мепазем, ту ёд мегирӣ.

Ман варақу ручкаро гирифта, гуфтам:

- Бифармоед. Чӣ харидорӣ кунам?

Гуфтанд:

- 4 кило гӯшти гӯсфанд, 4 шиша арақ, 2 кило картошка, 1 кило пиёз, 1 кило чакка, баъдан каме аз хӯришҳову кабудӣ.

Ҳайрон шуда, пурсидам:

- Бобоҷон, шумо чӣ гуна ош мепазед, ки дар рӯйхат сабзиву биринҷ нест?

Хандида гуфтанд:

- Мо аввал зиёфатро мехӯрем, баъд ретсепти ошро навишта ба ту медиҳем.

ХУДРО ДАР БИҲИШТ ЭҲСОС КАРДА ИСТОДААМ

Бо маслиҳати ҳамсинфам Алишери Қаноат барои табобати дандонҳо ва мондани дандонҳои нав ба духтури дандон Раҳматулло, ки дар назди дарвозаи бинои Донишкадаи исломӣ кор мекард, мурочиат кардам. Тақрибан баъди як соати пармакуниву пломбамонӣ ман ба хонаи писари холаам шодравон Бобо Бекмуродов омадам, то ду-се соат дам гирам. Оши палови панҷакентӣ болои дастархон гузошта шуда, бо хӯришҳои гуногун дастархон зиннат дода шуда буд. Бобо «хушдоманат дӯст медоштааст, пеш биё» гуфта, худашон ҳамроҳи акои Икром ба хӯрдани таом сар карданду ба се қадаҳ арақ ҳам рехтанд. Ман гуфтам:

- Хушдоманам маро дӯст доранд ҳам, ман чизе хӯрда наметавонам. Зеро духтур то ду соат хӯрдани таомро манъ кард.

Онҳо хуб гуфтанду ба хӯрдани таом сар карданд. Ман ба онҳо ва ба ошу қадаҳи пур нигариста, гуфтам:

- Ман худро дар биҳишт эҳсос карда истодаам.

Гуфтанд:

- Чӣ хел?

Гуфтам:

- «Дар биҳишт дидан ҳасту хӯрдан нест» мегӯянд.

Онҳо «дуруст, дуруст, ту дар биҳишт сайр кардан гир, мо хӯрокро хӯрдан мегирем» гуфта, боз қадаҳҳоро пур карда, нӯшиданду ба хӯрдани ош идома доданд.

Тоқати ман тоқ шуду қадаҳеро бардошта, пурра холӣ карда, гуфтам:

- Чизе нашуд-ку, канӣ ошро ҳам санҷам.

Чанд луқма ошро низ нохоида фурӯ бурда, гуфтам:

- Бобоҷон, резед, духтур номаъқул гуфтааст. Ошу арақ ҳеҷ зарареба дандон надоштаанд.

Бобо гуфтанд:

- Духтур аз куҷо буд?

Гуфтам:

- Аз Ёрӣ.

Гуфтанд:

- Не, вай аз Ёрӣ (деҳае дар Панҷакент) набудааст. Зеро ҳеҷ ёригие нӯшидани арақро манъ намекунад.

Рӯзи дигар вақте қазияро ба доктор гуфтам, хандида, гуфт:

- Воқеан рост гуфтаанд. Ёригиҳо ҳама шаробиянду арақро ҳеҷ гоҳ манъ намекунанд. Танҳо манам, ки арақ наменӯшам ва нӯшиданӣ ҳам намемонам.

ДАР ШАҲРИ ШУМО САРРО БА ОФТОБ ДОШТА НАМЕШАВАД

Бобо Бегмуродов (худо раҳматашон кунад) дар хона нишаста будаанд, ки Мулло Маҳмаднасиб (равонашон шод бод) аз дар медароянду ба Бобо муроҷиат карда, мегӯянд:

- Дар Душанбеи шумо ҳатто сарро ба офтоб дошта наме-

шавад-е. Ин чӣ гуна шаҳр аст, нафаҳмидам...

- Амакҷон, тинҷӣ аст?,- гуфта, вақте Бобо аз тафсилот пурсиданӣ мешаванд, Маҳмаднасиб мегӯянд:

- Хостам сарамро ба офтоб дорам. Бо ин мақсад дар назди Опера ва балет саллаамро аз сарам гирифта, дар паҳлуям монда, болои курсӣ нишастам. Лаҳзае нагузашта, як нафар омада, ба дохили саллаам пул партофт. Пулашро баргардонида, «хайр, нодуруст фаҳмидааст» гуфта, нишаста будам, ки боз як марди дигар низ пул партофта, гузаштанӣ шуд. Ман ӯро нигоҳ дошта, гуфтам:

- Ман гадо нестам. Ман сарамро дар офтоб гарм карда истодаам.

Бобо ваҳ-ваҳ хандида мегӯянд:

- Афсӯс, ки ду - се соат тоқат накардаед, вагарна саллаатон пури пул мешуд.

ПИСАРИ МАН ШОЯД ГЕОЛОГ ШАВАД
(Аз нақли Мумин Аҳмадӣ)

Модарам ҳангоми сӯҳбат аз Каёнуш - писари панҷсолаам шикоят карда, гуфт:

- Писарат ҳар рӯз дар рӯи ҳавлӣ бо бел чуқурӣ мекобад. Дар чуқуриҳои кандааш поям печида, меафтам. Агар белро пинҳон кунем, аз кучое ӯ оҳан ёфта, чуқуриҳои нав мекобад. Дар ҳавлӣ ҷои обод намонд.

Ман ҳамчун падар бо пуштибонӣ аз писар ин амали ӯро ба ояндааш рабт дода, гуфтам:

- Модарҷон, шояд писари ман оянда геолог шудан мехоҳад, монеъ нашавед, монед кандан гирад.

Гӯшии телефонро ба Каёнуш доданд. Гуфтам:

- Бачам, чаро дар ҳавлӣ чуқурӣ меканӣ?

Гуфт:

- Дада, туалети инҳо дур аст, барои худ туалети наздиктар меканам.

ҲАМИН «ОН ДУНЁ» ДАР ЧЕХИЯ АСТ?
(Аз нақли Мумин Аҳмадӣ)

Писарам Каёнуш як филм тамошо кардааст. Қаҳрамони филм - кӯдаки ҳамсоли писарам аз модараш мепурсад:

- Модарҷон, падарам кай меояд?

Модари қаҳрамони филм гуфтааст:

- Бачам, падарат он дунё рафтааст, аз он ҷо дигар роҳи бозгашт нест. Бинобар ин, падарат омада наметавонад.

Каёнуш баъди ин ҷавоб ба модараш нигариста, мегӯяд:

- Оча, ҳамин «Он дунё» дар Чехия аст, ки дадаам омада наметона?

БРА ГУМ ШАВ, ЗАН БИГИР!
(Аз нақли Шарифхони Тағоймурод)

Ҳаво хунук шуд, лабҳоям кафиданд. Ба назди Дашаи ҳамкорам рафта, гуфтам:

- Дашаҷон, памадаи беранг дорӣ? Лабҳоям кафиданд. Мехоҳам ба лабҳоям бимолам.

Гуфт:

- Не.

Гуфтам:

- Памадаи боранг чӣ?

Гуфт:

- Не.

Гуфтам:

- Лабот сурханд-ку!

Гуфт:

- Ман дар хона лабҳома сурх кардам, ҳамроҳам косметика намегардонам.

Гуфтам:

- Хай биё як бӯса те, ки лабҳоям соз шаванд.

Дар қаҳр шуда, гуфт:

- Бирав, гум шав, зан бигир!

ДАДАШ, СПОРТИВКАИ БАЧАМ ЧӢ ХЕЛ?

Дар хона нишаста будам, ки писарчаи хурдиам бо либоси нав ба наздам омада, гуфт:

- Либоси варзишии навам чӣ хел аст? Мезебад?

Гуфтам:

- Хеле зебидааст. Инро очаат харид?

Гуфт:

- Не, шумо харидаед.

Ба ҳайрат афтода, ба либоси пӯшидаи ӯ нигаристам, ки очааш ба баҳс ҳамроҳ шуд:

- Мо инро аз ҷевон пайдо кардем. Агар шумо нахарида бошед, росташро гӯед, аз кӣ аст? Кӣ ба хонаамон омада буд?

Ба либос нигаристам, ки ҳанӯз нархномааш ноканда аст. Ин аст, ки гапҳои занакро шӯхӣ гумон карда, гуфтам:

- О, нав аст-ку. Худат харидиву маро ғам медихӣ-а?

Гуфт:

- Не, дар ҷевон ёфтем. Ё худатон харидаед, ё ягон меҳмонро бо бачааш овардаеду бачааш либоси навашро фаромӯш карда рафтааст.

- Не, худам барои бачаам харида будам, - гуфтаму ба баҳс хотима додам.

Баъдан ба тоҷирзане, ки як замон ба хона омада буд, занг зада, пурсидам:

- Дар хонаи ман либоси бачагонаеро фаромӯш накарда будӣ?

Гуфт:

- Бале, фаромӯш карда будам, вале ман гумон кардам, ки дар бозор фаромӯш шудааст, барои ҳамин напурсидам. Ҳоло дар куҷост?

Гуфтам:

- Акнун дер кардӣ, ман аз номи худам ба бачаам додам.

Гуфт:

- Боке нест, ӯ бачаи ман ҳам ҳаст.

МАН ХОМӮШ МЕШИНАМ, КИ ТУРО КОРЕ НАКУНАНД

Ҳангоми сафар ба шаҳри Панҷакент дар ноҳияи Варзоб кормандони БДА таксии моро манъ карда, аз ронанда 5 сомонӣ гирифта, ҷавоб доданд. Ман хостам фаромада эътироз кунам, ки ронанда гуфт:

- Акаҷон, мон, ки бебало гардем. Ту дар як сол як маротиба аз ин роҳ мегузарӣ, мо бошем, ҳар рӯз. Баъди ту, фардо маро қапанд, медонӣ чӣ кор мекунанд?

Дар ҷои худ нишаста, гуфтам:

- Фаҳмидам. Ман имрӯз хомӯш мешинам, ки фардо туро коре накунанд.

АРАҚРО БИРЕЗЕДУ ДЕГРО СОҲИБ ШАВЕД

Солҳои 1994-95 буд. Ман дар мактаби деҳа муаллим будам. Миёни ҳамсинфон бо он фарқ мекардам, ки арақхӯриро тамоман бас кардаву 5 вақт намозам дар масҷид мегузашт ва гоҳ-гоҳ муаззинӣ ҳам мекардам. Имомхатиби деҳа дар ҳар чорабинӣ ба ҳамсинфон насиҳат карда, ишора мекард, ки аз ман ибрат гиранд. Ҳатто волидайни ҳамсинфон низ маро чун намунаи ибрат ба онҳо нишон дода, насиҳат мекарданд, ки арақхӯриро бас кунанд.

Як рӯз пеш аз якуми май ҳамсинфон ба хонаи мо меҳмон шуда, хоҳиш карданд, ки якҷоя бо онҳо ба «маёвка» равам. Он солҳо фарорасии якуми майро аксар хеле ҷиддӣ ҷашн мегирифтанд ва он ҷашнро «маёвка» меномиданд. Ман розӣ шуда, ҳамроҳи Абдувакил, Ҳамзақул, Озодбахт, Қосимҷон, Маҳатмурод, Фаррух, Қиёмиддин ва Хуҷақул ба Лагери истироҳатии Уреҷ рафтем. Пеш аз шурӯъи ҷашн ман гуфтам:

- Ман имрӯз чун пазанда хизмат мекунам. Ҳама хӯрокҳоятонро тайёр мекунам. Шумо нӯшед, истироҳат кунед ва фақат маро ба нӯшидан маҷбур накунед.

Онҳо «хуб» гуфта, ҳанӯз хӯрок омода нашуда, ба нӯшонӯшӣ оғоз карданд. Ман зуд гӯштбирёнро тайёр карда, ба пухтани хӯроки дигар оғоз кардам. Онҳо маст шуда, ба қавли худашон ба «гонять» кардани ман сар карданд:

- Гӯшта биёр, шӯрборо биёр, газакро биёр...

Ҳарчӣ мепухтам, онҳо зуд табақҳоро холӣ карда, «боз биёр» мегуфтанд. Дидам, ки агар вазъ чунин идома ёбад, ман бегоҳ гурусна ба хона бармегардам. Ин аст, ки хӯроки навбатиро кашида, рӯи миз гузошта, гуфтам:

- Ба ман ҳам арақ резеду худатон дегу табақатонро соҳиб шавед.

«Ураааа» гӯён, зуд ба ман ҳам шароб рехтанд. Бинобар он, ки чанд сол нанӯшида будам, сахт маст шудам. Бегоҳ маро ба мошин бор карда, ба деҳа оварданд ва дар вақти намози шом, дар назди масҷиди деҳа вақте фаровардаанд, ки намозхонҳо аз масҷдид берун меомаданд. Ман калавида - калавида бо хеле душворӣ аз назди масҷид дур шуда, худро ба хона гирифтам ва бо ҳамин аз нав «рӯй ба майкада

овардам».

Баъд аз чанде имомхатиби деҳаро дар кӯча дидам, ки мегуфт:

- Хостем ҳамсинфҳоятро насиҳат кунем, ки аз ту ибрат гиранд, кор баръакс шуд-ку!

МО ДАР ХИЗМАТИ ГОВИ ЗАРД

Дар дараи Уреч, дар бӯстонсарои Исроил бо Аслонбек ва Дустмурод рӯ ба рӯ шудем, ки ҳарду ба ҷамъоварии алаф ва кашонидани он машғул буданд. Баъд аз салому алейк ва «хаста набошед»-гӯиҳои ману Маҳатмурод Дӯстмурод гови зарди зери арчаеро нишон дода, гуфтанд:

- Холиқназар, ин гови алоро бин, думашро ҷунбонида, хомӯшакҳоро аз худ дур карда, бо роҳат мехобаду истироҳат мекунад. Парвое надорад, ки зимистон чӣ мешавад. Мо бошем, ғами имрӯзу фардои вайро хӯрда, заҳмат мекашем.

Аслонбек ҳам хандида гуфтанд:

- Нигоҳ кун, бо чӣ ишваю ноз дум меҷунбонад. Бахудо, ин гови зард ҳеҷ парвое надорад, ки зимистон алаф мешавад ё не. Мо бояд ба ҷои ӯ заҳмат кашем.

Хандида гуфтам:

- Ҳама мавҷудоти олам барои инсон офарида шудаанд ва аз ҷумла ин гови зарди шумо низ. Шумо ба ӯ алаф медиҳед, ӯ ба шумо шир.

Дӯстмурод хандида гуфтанд:

- Не, ба фикри ман, мо барои ин гови ало офарида шудаем, на ӯ барои мо. Як пиёла шир медиҳад ё не, тамоми сол мо дар хизмати ин говем.

САФИ ИХТИЁРИЁНРО БО ТАШВИҚОТ ЗИЁД КАРДЕМ

(Аз нақли як корманди комиссариати ҳарбӣ)

Бо як нафар дӯстам, ки дар комиссариати ҳарбӣ кор мекунад, сӯҳбат доштам. Вақте сухан дар бораи ҷалби ҷавонон ба хизмат рафт, ман аз ӯ пурсидам:

- Ба назарам солҳои охир кори шумо хеле осон шуд, зеро сафи ихтиёриён ба хизмат афзоиш ёфта, «облава» кам шуд.

Баланд хандида, гуфт:

- Сафи ихтиёриёнро мо бо ташвиқот афзоиш додем.

Гуфтам:

- Чӣ гуна?

Гуфт:

- Вақте ҷавонҳоро аз кӯча дастгир карда меорем, ба онҳо мефаҳмонем, ки агар аризаи ихтиёрӣ ба хизмат рафтанро нависанд, мо онҳоро ба қисмҳои ҳарбии наздиктар мефиристем, дар акси ҳол, ба қисмҳои ҳарбии хеле дур фиристода хоҳанд шуд. Онҳо зуд аризаи ихтиёрӣ ба хизмат рафтанро менависанду сафи ихтиёриён худ аз худ афзоиш меёбад.

ДАР ҲАҚИ МАН НОСАЗО НАГӮЕД, КИ ПЕШПО МЕХӮРЕД

Дар деҳа, дар хонаи падарам маъракаи хатнасури ҷиянҳо идома дошт. Гурӯҳе аз мӯйсафедон, аз ҷумла Ҳоҷӣ Муродилло, Бобои Муртазо, тағои Акрамбой, Алибек, Усторасулбердӣ ва чанд нафари дигар дар хонаи алоҳидае ҷамъ омада, ба бачаҳои хатнашаванда либос мепӯшониданд. Ин вақт дар кушода шуду Бобои Қаробек даромаданд. Он кас бо ман оғӯшкунон салом карда, «ваҳ, ту шаробӣ ҳам дар ҳаминҷоӣ?» гуфта, ба тарафи дигар гузаштанӣ буданд, ки пешпо хӯрда афтиданд. Мо зуд он касро бардошта, ба тарафи дигари хона раҳнамоӣ кардем ва ман шӯхӣ карда гуфтам:

- Бобои Қаробек, дар ҳақи ман ҳарчӣ нагӯед, ки пешпо мехӯред. Зеро номи ман Холиқназар аст ва ман назаркардаи худоям.

Он кас ваҳ-ваҳ хандида, боз суол карданд:

- Шумо шаробиҳо ин қадар бузургед, ки ҳар нафари дар ҳақатон носазо гуфта пешпо мехӯрад?

Усто Расулбердӣ табассумкунон ба баҳс ҳамроҳ шуда, гуфтанд:

- Ҳозир худат бо як сухани ноҷо пешпо хӯрда афтидиву боз ба бузургии Холиқназар шак мекунӣ?

Ҳама дар ханда шуданд. Баъди ин, Бобои Қаробек, агар дар кӯча маро маст ҳам медиданд, шаробӣ намегуфтанд.

ХОЛААТ МУРАД

Ҳангоми сафар ба ноҳияи Айнӣ, дар роҳи деҳаи Такфон зани калонсолеро дидем, ки пиёда равон аст. Мошинро нигоҳ дошта, гуфтем:

- Холаҷон савор шавед, то хонаатон мерасонем.

Ӯ хуб гуфта, ба мошин савор шуд ва дар наздикии шаҳраки Сарвода мошинро нигоҳ дошта, гуфт:

- Бачаҷон, ман ҳаминҷо мефароям.

Аз мошин фаромада, баъд аз дуо гуфт:

- Холаат мурад, ҷони хола, хеле савоб гирифтӣ.

Ман дар ҳайрат афтода, гуфтам:

- Холаи худатон мурад. Чаро дуои бад мекунед? Холаи ман ба шумо чӣ бадӣ кардааст, ки мурданашро мехоҳед?

Зан узр пурсида, гуфт:

- Ман холаат гуфта, худамро дар назар дорам, бачаҷон. Ин як навъ навозиш аст, ту наранҷ.

НОСИРИ ХУСРАВ ДЕКАНИ ФИЗИКҲОСТ

(Аз нақли корманди комиссариати ҳарбӣ)

Даъвати тирамоҳӣ мерафт. Як рӯз субҳи барвақт як гурӯҳи панҷнафара ба «облава» (боздошт ва ҷалби ҷавонон ба хизмати аскарӣ) баромадем. Дар гардиши роҳи Бохтар як гурӯҳ ҷавононро нигоҳ доштем, ки дар пушт ҷузвдон доштанд. Вақте фаҳмиданд, ки барои ба хизмат фиристодан онҳоро нигоҳ доштаем, яке аз онҳо дилпурона гуфт:

- Сардор, мо донишҷӯем. То хатми донишгоҳ моро ҳеҷ кас ба хизмат намебарад.

Гуфтам:

- Дар кучо мехонӣ?

Гуфт:

- Дар Донишгоҳи Носири Хусрав.

Рост ё дурӯғ будани суханашро фаҳмиданӣ шуда, пурсидам:

- Росташро гӯй, Носири Хусрав шуморо дарс медиҳад ё не?

Гуфт:

- Не, моро дарс намедиҳад. Ӯ ба гурӯҳи физикҳо дарс медиҳад.

Боз ҳам худро ба нодонӣ зада, пурсидам:

- Ман нафаҳмидам, ҳамин Носири Хусрав ректор аст ё декан?

Донишҷӯ бо дили пур гуфт:

- Не, ӯ ректор нест. Ман ректорамонро мешиносам. Ба фикрам ӯ декан аст, декани физикҳо.

Ҳама баланд - баланд хеле хандидему донишҷӯёнро ҷавоб додем. Як нафар аз ҳамкоронамон аз хандаи мо ҳайрон шуда, пурсид:

- Чаро ин қадар механдед? Хайр, Носири Хусрав деканшон будааст, баъд чӣ? Ин сухан чӣ ҷои ханда дорад?

Гуфтам:

- Мо ба ҳоли донишҷӯ механдидем, ту аз ӯ ҳам гузаронидӣ-ку!

БЕ БИНӢ ҲАМ МЕШАВАД!
(Аз нақли корманди комиссариати ҳарбӣ)

Чанд нафар аз ҷавононро боздошт карда, ба комиссариати ҳарбӣ овардем. Дар комиссариат як нафар аз ҷавонон аз саломатиаш шикоят карда, гуфт:

- Муҳтарам сардор! Ман бо биниам нафас кашида наметавонам, зеро биниам шикастагӣ аст. Ба ман духтурон гуфтанд, ки маро ба хизмат намебаранд.

Ба духтури комиссариат муроҷиат карда, бо шӯхӣ гуфтам:

- Доктор, рост аст, ки бинишикастаҳоро ба хизмат намегиранд?

Доктор гуфт:

- Ба қисми сохтмонӣ мефиристем. Онҷо бе бинӣ ҳам мегиранд.

ДОДОВУ БОБОЯМ ҚАРЗ НАГИРИФТААНД, КИ МАН ГИРАМ

Профессор Вафо Элбойзода дар шифохона бемореро нигоҳубин мекарданд. Эшон ба куҷое занг заданӣ шуда, мебинанд, ки тавозуни телефонашон холӣ шудааст, бино-

бар ин, имконияти занг задан ва ботафсил суҳбат кардан вуҷуд надорад. Он кас фавран ба ҷиянашон Муқбилҷон занг зада, мегӯянд:

- Муқбилҷон, бояд ба нафаре фавран занг занам, аммо тавозуни телефонам холӣ шудааст. Ба телефони ман 10 сомонӣ гузарон.

Муқбилҷон «хуб» гуфта, ба роҳ мебарояд, аммо гузаронидани маблағро фаромӯш мекунад. Баъд аз ним соат Вафо Элбойзода боз ба Муқбилҷон занг зада, мепурсанд:

- Ту куҷо шудӣ? Чаро пул намондӣ?

Муқбилҷон худро сафед карданӣ шуда, мегӯяд:

- Тағоҷон ман 10 сомонӣ мондам. *120#-ро гиред, пул ба телефонатон мегузарад.

Вафо Элбойзода ташаккур гуфта, *120#-ро ворид мекунанд ва воқеан ба телефонашон 10 сомонӣ мегузарад.

Баъд аз чанд рӯз, вақте ба телефонашон 10 сомонӣ мемонанд, «Тселл» ҳамаи пулро якбора мегираду тавозун холӣ мешавад. Он кас фавран ба хадамоти иттилоотии ширкати «Тселл» занг зада, ба куҷо ғайб задани 10 сомониро пурсон мешаванд. Оператор мегӯяд:

- Шумо санаи фалон аз ширкат қарз гирифта будед, мо маблағи қарзро аз тавозунатон гирифтем.

Вафо Элбойзода ба ғазаб омада, мегӯянд:

- То ба имрӯз додову бобоям аз касе қарз нагирифтаанд, ки ман гирам, беҳуда дар ҳақи ман тӯҳмат накунед.

Муқбилҷон ки ҳамонҷо будааст, зуд фош шудани сирро фаҳмида, мегӯяд:

- Тағоҷон, бахшиш, рӯзе, ки маро «пул мон» гуфтед, натавонистам. Барои ҳамин рамзеро додам, ки бо ворид кардан ширкат ба шумо 10 сомонӣ қарз дода буд.

ТӮҲФА: ЯК ШАБИ БЕХОБӢ

Рӯзе бонуе маводеро ба ман дода, гуфт:

- Илтимос, маводи мазкурро фавран тарҷума карда, то саҳар ба ман супоред, ки хеле зарур аст.

Чун тарҷумаи он кори яксоатаву дусоата набуд, заҳмат кашида, тамоми шаб нахобида, тарҷума кардам ва субҳи дигар тарҷумаро ба ӯ супорида, шӯхикунон гуфтам:

- Ман имшаб умуман хоб накарда, то саҳар заҳмат кашидам. Бинобар ин, шумо як шаби бедорхобӣ ба ман қарздор шудед.

- Боке нест, ман як шаби бехобӣ аз шумо қарздор,- гуфта, бону хурсандона тарҷумаро қабул кард ва изҳори сипос намуда, рафт.

Рӯзи дигар занг зада, гуфт:

- Акаи Холиқназар. Ман қарздориамро имшаб ҳисобӣ мекунам.

Хурсандона пурсидам:

- Чӣ тавр?

Гуфт:

- Ба почтаатон нигаред, ман тарҷумаи нав фиристодам. Инак, боз як шаби бехобӣ аз ман ба шумо туҳфа.

БИЁР, КИ ДАР ЗИНДАГИАМ БИХӮРАМ

Мӯйсафеди 90-солае як чорвои калони шохдор баста монда будааст, ки дар рӯзи дафнаш бачаҳояш онро кушта, ба меҳмонони аз дуру наздик омада таом бидиҳанд. Рӯзе тариқи оинаи нилгун мӯйсафед мебинад, ки танзим ҷорӣ шуда, забҳи чорворо дар рӯзи фавт, фотиҳаи ҳафту чил ва ҳатто сол манъ кардаанд. Ин маъракаҳо ҳама бояд бе додани таом ва забҳи чорво баргузор шаванд.

Мӯйсафед ба бачааш муроҷиат карда, мегӯяд:

- Бачаҷон, канӣ зуд буққаро аз оғил барор!

- Чаро падарҷон, тинҷӣ аст?

- Забҳи чорворо дар рӯзи ҷаноза ва баъди он манъ кардаанд, биёр акнун бикушему дар зиндагиам якҷоя бихӯрем.

РИШИ ЛЕНИНӢ - КОММУНИСТӢ

Бо Бахтиёр Ҳамдамов ва ду нафари дигар аз ҳамкасбон ба самти маҷмааи «Шарқи озод» равон будем, ки дар рӯ ба рӯямон Хилватшоҳи Маҳмуд бо риши кӯтоҳу зебо баромад. Ман гуфтам:

- Чаро то ҳанӯз риши шуморо натарошидаанд?

Бахтиёр Ҳамдамов ҳам ин суолро такрор карда, чунин

нақл карда:

- Рӯзе ду нафар аз ҳамшаҳриҳоямро дар Истаравшан бе риш дида, ҳайрон шудам. Зеро ҳарду қаблан ришдор буданд, вале он рӯз бо мӯйлабҳои кӯтоҳкардашудаву рӯйҳои чун сари Хуршеди Атовулло тоза тарошидашуда мегаштанд. Ман аз дидани онҳо ҳайрон шуда, пурсидам:

- Куҷо шуд ришҳои зебову кӯтоҳатон?

Яке аз онҳо хандида, гуфт:

- Як ҳафта пеш дар назди бозори Истравшан моро 3 нафар аз милисаҳо дар ҳолати ниммастӣ нигоҳ дошта, пурсиданд:

- Шумо узви кадом ҳизбед?

Гуфтем:

- Узви Ҳизби коммунист.

- Намоз мехонед?

- Не, баръакс, ҳар рӯз шароб менӯшем.

Милиса ба ришамон эрод гирифта, гуфт:

- Шумо, ки на мусулмони комиледу на намоз мехонед, чаро риш мондаед? Зуд ришҳоятонро тарошед!

Ман риши кӯтоҳамро бо шӯхӣ шона карда, гуфтам:

- Рафиқ сардор, охир, ман коммунистам ва ин риши ман риши ленинӣ аст. Бовар кунед, ҳеҷ иртиботе ин риш ба ислом надорад. Чӣ зарурате дорад, ки онро бигирам?

Милиса гуфт:

- Фарқ надорад, риши шумо чӣ гуна риш аст: ленинӣ, комунистӣ ё дигар. Ҳатман бояд бигиред.

Ҳамин тавр, мо аз риши ленинивву коммунистиамон даст кашидем.

Хилватшоҳ хандида, гуфт:

- Аз ман на коммунистӣ асту на ленинӣ, вале ман аз риш даст намекашам.

ШАРОИТ ДОРӢ?

Яке аз дӯстонам зимни вохӯрӣ хеле хуб ҳолпурсӣ карда, гуфт:

- Шароит дорӣ?

Гуфтам:

- Бале, ҳама шароитро дорам ва аз зиндагӣ ҳеҷ шикояте

надорам.

Гуфт:

- Ман аз шароити телефонат пурсидам.

Гуфтам:

- Шароити телефонам ҳам бад нест. Хуб кор мекунад.

Боз гуфт:

- Ман аз барномаи SHAREit пурсидам. Барномае, ки дар телефон барои интиқол ва қабули суратҳо истифода мешавад.

Хандидаму гуфтам:

- Боз хурсанд шудам, ки дӯстам аз шароити зиндагиам ман мепурсад. Ана инро ҳолпурсӣ мегӯянд.

РАЗМЕРИ ШУМО ЧАНД?

Меҳмони Хуршеди Атовулло шудам. Ӯ аз ман пурсид:

- Чой менӯшӣ ё қаҳва?

Гуфтам:

- Қаҳва.

Ӯ котибааш Дилошӯбро фарёд карда, гуфт:

- Барои меҳмон як қаҳваи хуб омода кун.

Дилошӯб обчӯшро гиронида, бакалро ба даст гирифт ва ба ман нигариста, пурсид:

- Размери шумо чанд ба чанд?

- Ба Хуршед нигариста, гуфтам:

- Хуршедҷон, ин котибаи ту аз ҳама меҳмонҳо размер мепурсад?

Хуршед бо садои баланди қаҳқаҳа ба хандидан шурӯъ карду котибааш бакалро партофта, аз дар баромада гурехт. Ман, беқаҳва мондам.

БЕРУНОБОДИ ДАРУНВАЙРОН

Рӯзе ба ҷои кори Дилошӯб омадам, ки кабинети кориашро бо гилем ҷиҳозонида, хеле зебо кардааст. Чун аз дар даромаданӣ шудам, гуфт:

- Туфлиҳоятонро кашида, баъд дароед.

Туфлиҳоро кашида, ба дохил даромаданӣ будам, ки ин вақт як ҳамкасби дигарамон аз дар даромаданӣ шуд. Дилошӯб ба ӯ ҳам дастур дод, то пойафзолашро кашад. Ӯ коми-

лан муқобилият нишон дод ва аз дар надаромада баргашт. Баъди ӯ нафари дигар даромад ва ӯ ҳам туфлиҳояшро накашид. Вақте сабаб пурсидем, гуфт:

- Ман пойафзоламро намекашам, чунки чӯробҳоям даридаанд.

Дилошӯб гуфт:

- Ман нав фаҳмидам сирри онҳоеро, ки намехоҳанд туфлиҳояшонро кашанд. Маълум мешавад, ки чӯробҳои ҳамаашон дарида будааст.

Он вақт Хуршед, ки ин ҳамаро назорат мекард, хандида, гуфт:

- Хайрият, ки куртаҳоятонро кашед нагуфтӣ, вагарна медидӣ, ки чӣ майкаҳои даридае дорем мо.

Дилошӯб хандида, гуфт:

- Эҳеееее, мо журналистҳо ҳама берунободи дарунвайронем гӯед!?

ЗАБОНИ ЗОҒРО ЗОҒ МЕДОНАД

Тобистон ҳамроҳи як нафар дӯстам дар назди дарёчаи кӯҳие нишаста истироҳат доштем, ки зоғе аз гӯшаи рост ба самти мо парвоз карда, ба болои сари мо омада, хеле қаркар кард. Мо зуд «ло ҳавла ва ло қуввата»-ро хонда, ӯро аз худ дур кардан шудем, вале дур нашуда, қар-қари худро идома медод. Ҳамраҳам ба ин хирагии зоғ тоқат накарда, бо забони тоҷикӣ «гум шав аз инҷо» гӯён ба сӯяш санг партофт. Зоғ ба ҳамон самте парвоз кард, ки аз онҷо омада буд. Мо нав ба нишастан сар кардем, ки ин зоғи хира аз нав бошиддат парвозкунон ба сӯи мо омада, ба қар-қар шурӯъ кард ва ин амалаш якчанд маротиба давом кард. На «ло ҳавла» ба ӯ таъсир мекарду на сангпартоии мо.

Тоқати ман тоқ шуда, ба ҳамраҳам гуфтам:

- Биё, ба ҳамон самт рафта бубинем, ки чӣ гап аст. Ҳатман бояд ҳодисае рух дода бошад.

Зоғ бо ҳавою мо бо замин, якҷоя зуд ба ҳамон самт рафтем. Чун наздик шудем, ду нафар кӯдакони тақрибан 8-10-солае чӯҷаи зоғро дошта буданду бо он бозӣ мекарданд. Мо бачаҳоро сарзаниш карда, аз онҳо хоҳиш кардем, ки чӯҷаро сар диҳанд. Баъд аз сар додани чӯҷа, зоғ чӯҷа-

ашро соҳиб шуда, ором шуду мо ба ҷои худ баргаштем.

Ҳамраҳам гуфт:

- Ҳамин зоғи беақл аз хирдманд будани ту огоҳ шуду ман не-йе.

Ва бо ханда илова кард:

- Ҳатто ту забони кумакхоҳии ӯро фаҳмидиву ман не. Ана инро бузургии ҳазрати Сулаймон мегӯянд.

Ман ҳам бо табассум гуфтам:

- Кӣ беақл будааст? Зоғ ё ту?

- Ӯ боз ҳам паст наомада, гуфт:

- Забони зоғро зоғ хубтар мефаҳмад, ман не-ку.

СЮРПРИЗ КАРДАНӢ БУДАМ, СЮРПРИЗ ШУДАМ

Ман зиндагии аҷибе дорам. Ба қавли ҳамкоронам, дар як сол шаш моҳ оиладораму шаш моҳ муҷаррад. Фасли тирамоҳ ба зиндагии муҷаррадонаам хотима дода, аҳли оиламро ба Душанбе овардам ва бо ҳамин давраи оиладоршавиам аз нав шурӯъ шуд. Шаб аҳли оила дар хона нишаста будем, ки дар тақ-тақ шуд. Бачаи хурдиам дарро кушода, ба берун нигарист ва зуд бозпас гашта, гуфт:

- Дадаҷон, як занак шуморо мепурсад.

Ба берун баромадам. Дар назди дар бонуи шиносе меистод. Ӯ, ки аз оғози марҳилаи нави оиладоршавии ман бехабар мондааст, баъд аз салом, кӯшиши даромадан ба хонаро кард. Зуд ӯро дар назди дар нигоҳ дошта, чашмакӣ зада, бо овози баланд гуфтам:

- Мебахшед хонум, ман барои хонарӯбӣ касеро даъват накардаам. Мумкин шумо суроғаро иштибоҳ гирифта бошед.

Ӯ ҳам маро фаҳмида, «ҳо, ба фикрам суроғаро иштибоҳ гирифтаам» гуфту зуд баргашт.

Баъди гусели ӯ занак пурсид:

- Тинҷӣ аст? Ин зан чаро дар нисфишабӣ ба хонарӯбӣ меомадааст?

Гуфтам:

- Кадом хонуме суроғаро иштибоҳ гирифтааст, занак.

Рӯзи дигар занг зада, аз «хонарӯб» пурсидам, ки чаро пеш аз омадан занг назадӣ?

Гуфт:

- Сюрприз карданӣ будам, сюрприз шудам.

ТАРҒИБИ ЛИБОСИ МИЛЛИИ МАРДОНА

Як субҳ Муллораҷаб Юсуфиро бо ҷомаи зебои тоҷикӣ дида, гуфтам:

- Хайр аст, бо ҷомаву токӣ мебинамат?

Гуфт:

- Чӣ кор кунем аку, либосҳои миллиро тарғиб мекунем.

Гуфтам:

- Воқеан, чаро либосҳои миллиро барои занон таблиғ мекунанд, сатри эшонро фарҳанги бегона гӯён аз сарашон мегиранд, вале дар қонуни танзим ҳатто банде барои либосҳои миллии мардона ворид накардаанд? Масалан метавонистанд таблиғ кунанд, ки мардон дар ҷашну маъракаҳо бо тоқиву ҷома оянд, ё либосҳои махсусе пӯшанд, ки фарҳанги миллии либоспӯшии мардонро тарғиб кунад...

Гуфт:

- Ана мавзӯъ, бояд мо журналистҳо инро пешниҳод кунем.

ДАДА, МУЛЛОИ ҶӮРАТОНА БИЁРЕД, ОЧАМА ХОНАД

Хуршед дар телефонаш номи маъшуқаашро Мулло ҳифз карда буд ва ҳамеша ҳангоми сӯҳбат ба ӯ Мулло гӯён муроҷиат мекард, мулло гуфта ҳолпурсӣ ва хайрухуш мекард. Рӯзе очаи бачаҳо бемор шуда, аз Хуршед хоҳиш мекунад, ки муллое оварда, ӯро хононад. Хуршед хеле фикр мекунад, ки аз кучо мулло ёфта биёрад. Ин вақт писарчааш кори ӯро осон карданӣ шуда, мегӯяд:

- Дадаҷон, ҳамон муллои ҷӯраатонро даъват кунед, очама хонад.

- Кадом муллои ҷӯраамро?,- ҳайрон шуда мепурсад Хуршед.

- Ҳамоне, ки ҳар рӯз бо ӯ бо телефон сӯҳбат мекунед-ку!

- Э ҳа, рост гуфтӣ, ҳамонро меорам,- гуфта, Хуршед барои фош нашудани асрораш ба масҷид рафта, имомхатибро оварда, мегӯяд:

- Ана, бачам, муллои ҷӯраамро овардам.

РИШИ РЎДАКИВУ ФИРДАВСИРО ҲАМ ТАРОШЕМ?

Дар кӯча бо муаллиме рӯ ба рӯ шудам, ки қаблан риш дошт ва бо зарурат ришашро тарошидааст (анд).

Гуфтам:

- Устод, муборак шавад, бе риш хеле ҷавонтару зеботар шудаед. Мешудааст-ку.

Бо тамасхур гуфт:

- Бале, мешудааст.

Аз чеҳрааш маълум буд, ки норозӣ аст ва худро таҳқиршуда меҳисобад.

Гуфтам:

- Муаллимҷон, чаро зиқ мешавед ва норозигӣ мекунед? Гуфтаанд ку, «риш аз мо нест», пас маълум мешавад, ки аз мо набудааст. Шумо ҳам дуруст кардед, чизе, ки ба мо тааллуқ надошт, гирифта партофтед.

Гуфт:

- Агар риш аз мо набошад, пас тавсия диҳед, ки аз ҳама ришдорони класики худ даст кашем. Ҳама аксҳои шоирону мутафаккирони гузашта - Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Ҷомиву Ҳилолӣ ва ҳазорҳо нафари дигарро бе риш дар плакатҳо гузоранду дар асбобҳои аёнии мактабҳо низ шогирдон онҳоро бе риш бинанд ва бе риш шиносанд. Ҳатто аз ҳайкалҳои эшон ришҳоро барчинед.

Гуфтам:

- Воқеан, пешниҳоди аҷиб. Агар мо риши ҳамаи онҳоро тарошем, чӣ гуна мешуда бошанд?

МАН БАРАҲНА МЕГАШТАМ

Бачаам Размоншоҳ аз Малайзия занг зада, гуфт:

- Дадаҷон, Малайзия чунон гарм аст, ки ман ҳар рӯз аз саҳар то бегоҳ банан мехӯрам ва бо як шорт мегардам.

Хандидаму гуфтам:

- Бачаҷон, агар ман ҳар рӯз аз саҳар то бегоҳ банан мехӯрдам, тани бараҳна мегаштам.

МОЛКУШӢ ВА ТАНЗИМ

Яке аз ҳамдеҳагонам духтарашро ба шавҳар доданӣ

шуда, тасмим гирифтааст, дугонаталбон кунад. Зеро духтараш хеле хостааст, ки пеш аз тӯй дугонаҳояшро даъват намуда, дар хурсандиаш шарик созад. Мард бо ин ният се - чор нафар ҳамдеҳагонашро даъват карда, чорвои як сол поидашударо забҳ мекунад. Ҳангоми куштани мол ду нафар намояндагони танзим, ки яке аз ҳамон деҳа ва дигаре аз деҳаи ҳамсоя будааст, аз соҳиби мол мепурсанд:

- Усто, шунидем, ки духтаратонро ба шавҳар медиҳед, вале чаро ҳанӯз иҷозаи маъракаро нагирифта, чорворо забҳ карда истодаед?

Соҳиби мол ба хотири он, ки ҷарима нашавад, аз тарс мегӯяд:

- Не, ман тӯйро ҳанӯз оғоз накардаам. Бепул мондам, тасмим гирифтам, ки буққаи дусолаамро кушта, гӯшташро фурӯшаму камбудиҳои тӯйро буд кунам.

Ба яке аз танзимгарон гӯшт даркор будааст. Ӯ ба ҳамраҳаш нигоҳ карда, мегӯяд:

- Ана гӯшти тайёр, чаро мо ба қассобхона равем!? Моли фарбеҳ будааст. Биё як пояшро мегирем.

Як по гӯштро намояндаи танзим харидорӣ карда, пулашро пардохт мекунад. Дигар роҳгузарон ва аҳли деҳа низ ба гӯшт ҳуҷум мекунанд ва дар як лаҳза гӯшти буққаи ба нияти дугонаталбон кушташуда тамом шуда, ба соҳиби мол фақат каллаву поча боқӣ мемонад. Ӯ пули ҷамъшударо ба назди духтараш гузошта, мегӯяд:

- Ана духтарҷон, дугонаталбон ҳам гузашт. Ин пулро бигиру ҳарчӣ мехоҳӣ, барои худат бихар. Зеро, агар мо ҳозир ягон ташкилӣ кунем, аз ин пул маҳрум мешавем.

АГАР ТАНҲО НӮШАД, БАЪД БА ШУМО ХАБАР МЕКАШАМ

Хуршеди Атовулло ба аҳли оила ва падараш ваъда кардааст, ки дигар шароб наменӯшад ва воқеан як муддат аракхӯриро бо дигарон бас карду фақат гоҳ - гоҳе бо ман як шишаро холӣ мекарду халос. Рӯзе қиблагоҳаш, шоир Ато Карим ба хонааш меҳмон шуданду ман низ ба зиёраташон рафтам. Падари Хуршед ба ман муроҷиат карда, гуфтанд:

- Як чӣ мепурсам, фақат рост ҷавоб деҳ.

Гуфтам:

- Ваъда медиҳам, ки ҳарчӣ пурсед, рост ҷавоб медиҳам.

Гуфтанд:

- Ҳамин Хуршеди мо шароб менӯшад ё не?

Дигар гапе наёфта, гуфтам:

- Амакҷон, агар ягон вақт танҳо нӯшиданашро бинам, баъд ба шумо хабар мекашам.

КОРТИ БОЭЪТИМОДТАРИН

Рӯзе яке аз дӯстонам, ки азми сафари хориҷа дошт, аз ман пурсид:

- Мехоҳам корте бигирам, ки ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ касе аз он ғайриқонунӣ истифода карда натавонад ва боэътимод бошад. Ба назари ту корти кадом бонк аз ҳама кортҳо хубтару боэътимодтар аст?

Гуфтам:

- Дар айни замон ба назари ман кортҳои аз ҳама боэътимодтарин кортҳои «Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк»-анд. Аз ин кортҳо на дар дохил ва на дар хориҷ касе на бо роҳҳои қонунӣ ва на ғайриқонунӣ пул ситонида наметавонад, ҳатто соҳибони кортҳо.

Хандиду гуфт:

- Не, чунинашро намехоҳам.

МАН «УРУС» ШУДАМ

Рӯзи иди Рамазон буд. Чун дар хона ҷуз худам касе зиндагӣ намекунад, дарро маҳкам карда, ба намози ид рафтам. Баъди бозгашт аз роҳрав аллакай эҳсос мешуд, ки кӯдакони зиёде идгардак омадаанд. Дар ошёнаи панҷум гурӯҳе аз бачаҳоро дидам, ки аз назди хонаи ман аллакай бозгашт мекарданду гурӯҳи дигар дарро мекӯфтанд. Як нафар, ки аллакай аз кӯфтани дар ноумед шуда, ба дари дигар рӯ оварда буд, ба нафаре, ки дари маро мекӯфт, гуфт:

- Ин дарро беҳуда тақ - тақ накун. Ин хонаи «урус» аст.

Ман дарро кушода, ба ҳама яктоӣ конфет дода, гуфтам:

- Бачаҳо инҷо хонаи урус нест, хонаи тоҷик аст. Фақат вақти кӯфтани шумо дар хона касе набуд.

Яке гуфт:

- Амакӣ, дарро дар рӯзи ид қушода мон, зеро дар ин рӯз ҳар кӣ дарашро намекушояд, мо «урус» мегӯем.

Дигар то бегоҳ дарро кушода мондам, то мабодо «урус» нашавам.

ФАРҚАМОН ФАҚАТ ДАР МӮЙЛАБ МОНД

Риши як нафар шиносамро тарошиданду муйлабҳояшро монданд. Ӯ вақте бе риш ба хона омад, занаш, ки чанд вақт боз «ришатро гир» гуфта мегашт, якбора ӯро дида, хурсанд шуда, ба истиқболаш баромада, гуфт:

- Мардакҷон, нав як ҷавони зебо шудед. Гоҳ - гоҳ ҳамин хел ба суханҳои мо ҳам гӯш диҳед, мешудааст-ку.

Мард дар ҷавоб хандакунон гуфт:

- Ана ришамро гирифтам занак, акнун ту хурсандӣ?

Занак:

- Албатта хурсандам, мардакҷон. Агар ҳамин мӯйлабҳоро ҳам мегирифтед, боз хурсандтар мешудам.

Мард, ки ришашро на бо хоҳиши худаш тарошида буд, дар ғазаб шуда, мегӯяд:

- Акнун фақат ҳамин мӯйлаб монд, ки ман аз ту фарқ кунам. Ба ягон милиса мурочиат кун, он вақт мӯйлабҳоро ҳам тарошанду миёнамон дигар фарқе намонад.

ХАЙРИЯТ, КИ БОНКҲО МУФЛИС ШУДАНД

Дар назди банкомати «Тоҷиксодиротбонк» якчанд нафар навбат истода, пул мегирифтанд. Ҳама аз он шикоят мекарданд, ки чӣ гуна бо азоб пулҳои ҷамъкардаашонро ба ин бонк ба амонат гузоштаанду акнун ҳар рӯз бо чӣ қадар сарсониву саргардонӣ роҳи дарозро тай намуда, ба назди бонк омада, ҳамагӣ 200 сомонӣ мегиранд.

Ман ба хонуми тақрибан 35-солае, ки пештар аз ман меистод, мурочиат карда, гуфтам:

- Бонкҳо воқеан мардумро сарсону саргардон карданд. Баъд аз ин, ба фикрам, мардум дигар ба ҳеҷ бонке эътимод нахоҳанд кард ва пул нахоҳанд гузошт.

Ғайри интизори ман, хонум хандида, гуфт:

- Хуб шуд, ки ҳамин бонкҳо муфлис шуданд.

Ҳайрон шуда, сабаб пурсидам.

Гуфт:

- Ҳар вақте ба шавҳарам мегуфтам, ки биё барои хона ин ё он чизро харидорӣ кунем, «пул надорам» мегуфт. Ё «ҳанӯз маош нагирифтаам» гуфта, бо баҳонае харидро ба рӯзҳои баъдӣ мепартофт. Ман ҳам ба бечораҳолии ӯ бовар карда, дигар барои харид мачбураш намекардам. Хайрият, ки ин бонкҳо муфлис шуданду ман аз пулдории ӯ огоҳ шудам, вагарна ҳаргиз хабар намеёфтам. Акнун ӯ вақт надорад, пулҳоро худам мегираму ҳар чӣ хоҳам, мехарам.

МАН ДАР ХОНА ПАДАРАМ

Баъд аз чопи маводи «Эпидемияи чорво дар Панҷакент», ки боиси ташвиши зиёди якчанд мансабдор мешавад, гурӯҳи духтурони байторӣ ба деҳа ба назди падарам омада, мегӯянд:

- Амакҷон, дар ҳама хоҷагӣ молҳо мурда истодаанд. Мо ҳам мефаҳмем, ки вазъ воқеан ташвишовару фавти чорво зиёд аст. Як хабари пахшкардаи писари шумо сабаб шуд, ки 11 нафар аз маркази вилоят ва ноҳия ба деҳа ташриф оранд. Илтимос, ба хотири ба мо гап нарасидан, ба писаратон дастур диҳед, ки дигар нанависад. Ё ақаллан дар хабар ё мақолааш қайд кунад, ки «фавти чорво пешгирӣ карда шуд».

Падарам табассум карда, мегӯянд:

- Ман дар хона падарам, дар берун аз хона хонандаи газета.

МАҚОЛАҲОЯМРО БАЪД АЗ ЧОП ХУДАМ ҲАМ НАМЕШИНОСАМ

Дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» матлабе бо унвони ««Вабо»-и чорво дар Панҷакент, «воҳимаи журналист ё ҳақиқати ҳол?»» чоп шуд, ки дар он Фарзона Муродӣ аз забони сарбайтори шаҳри Панҷакент Қурбонбой Шодмонов маро «журналасти воҳимачӣ» номидааст. Рақами телефони Фарзонаро аз сармуҳаррири нашрия Аҳмадзода гирифта, ба ӯ занг задам:

- Салом.

- Салом.

- Фарзона Муродӣ шумоед?

- Бале, ман. Шумо кӣ?

- Ман журналисти воҳимачиям!

- Нафаҳмидам, кадом журналисти воҳимачӣ?

- Ман Холиқназар, ҳамон журналисте, ки шумо дар матлаби худ дар шумораи имрӯзаи «Тоҷикистон» «журналисти воҳимачӣ» номидаед.

Фарзона гуфт:

- Ман ҳоло дар Душанбе нестам. Газета ҳанӯз ба мо нарасидааст. Газетаро бинам, баъд фикрамро мегӯям.

Гуфтам:

- Шумо магар навиштаатонро дар хотир надоред?

Гуфт:

- Ростӣ, баъзан мақолаҳоямро баъд аз таҳрир ва чоп худам ҳам намешиносам. Ман як чӣ менависаму онҷо дигар чӣ чоп мешавад. Ҳоло ки на сарлавҳаашро дидааму на худашро, чизе гуфта наметавонам.

БИЁ КИ, КУШТАНД!!!

Нисфишабӣ ҳамкасбамон Дилшоди Абдулмаҷид занг зад. Ба соат нигаристам, ки нав аз се гузашта истода буд. Хавотир шуда, зуд гӯшакро бардошта, гуфтам:

- Дилшодҷон, тинҷӣ аст, дар ин нисфишабӣ?

Пурсишамро тамом накарда, гуфт:

- Тинҷӣ нест Холиқназар. Куштанд, куштанд. Мурд.

- Дилшодҷон! Киро куштанд, ки мурд? Оромона гап зада метавонӣ?,- хавотир шуда пурсидам.

Гуфт:

- Интернет мурд. Вавилон кушт.

Лаҳзае худро ба даст гирифта, гуфтам:

- Дилшодҷон, агар имконият мешуд, ҳозир рафта интернети туро мегирондам, вале наметавонам. Ту медонӣ, ки ман дар куҷоям?

Гуфт:

- Дар куҷо?

Гуфтам:

- Дар паҳлуи янгаат. Интернет он тараф истад, агар ҳозир худатро кушанд ҳам, ӯ ҷавоб намедиҳад!

Бо хандаи баланд гуфт:

- Хайр як прикол кардем-да.

ДАР НАЗАРАМ ШУМ ТОФТӢ

Бо бонуе бе иҷозати ӯ ҳамсӯҳбат шудам. Баъди шунидани чанд «меҳрубониҳо»-и ман гуфт:

- Аз наздам бирав, ки дар назарам шум тофтӣ.

Гуфтам:

- Ту бошӣ, ба назарам занам тофтӣ

Баланд хандида, гуфт:

- Ба назар шум тофтан - ин мисли шӯ намудор шудан нест, балки мисли бало тофтан аст.

- Бахшиш, нодуруст фаҳмида, беҳуда хурсанд шудаам,- гуфта, аз наздаш дур шудам.

ОИЛАИ БЕМАСЪУЛИЯТ

Бо хонуме ҳамсӯҳбат шудам, ки бо ду тифл аз шавҳараш ҷудо шудааст ва шавҳараш ба кӯдакони ӯ ҳеҷ алименте пардохт намекунад. Вақте сабаби пардохт накардани алиментро пурсидам, гуфт:

- Мо дар вақташ оиладоршавиамонро ба расмият надаровардем, акнун барои он ки даъво кунам ва алимент рӯёнам, бояд хеле даводав кунам, адвокат гирам, дар суд падарии ӯро собит кунам, вале барои ин ҳама ман пуле надорам.

Гуфтам:

- Маълум, ки духтари босаводӣ, маълумоти олӣ дорӣ, чаро ҳангоми оиладоршавӣ аз қайди САҲШ нагузаштӣ ва ё шавҳаршавандаатро маҷбур накардӣ, ки никоҳатонро ба расмият дарорад?

Гуфт:

- Худам нахостам ва шавҳарам низ розӣ шуд.

- Чаро нахостӣ?

- Нахостам, ки масъулиятам зиёд бошад. Хостам бе қайди давлатӣ зиндагӣ кунем ва ман худро озодтар эҳсос кунам.

- Гуфтам:

- Хафа нашав, вале аз нақли ту чунин бармеояд, ки аз як зани бемасъулият ва як марди бемасъулият як оилаи бемасъулият ба вуҷуд омадааст.

КЕФИРИ МӮҲЛАТАШ ГУЗАШТАРО БИХӮР

Фазлиддин вақтҳои охир фақат кефир истеъмол мекард. Вақте сабаб пурсидем, гуфт:

- Духтурҳо тавсия доданд, ки барои харобшавӣ ҳар рӯз бояд на камтар аз 2 литр кефир истеъмол кунам.

Ӯ кефири навбатиро кушоданӣ шуда, ба санаи истеҳсоли он нигарист, то эътимод ҳосил кунад, ки мӯҳлати истеъмолаш нагузашта бошад.

Гуфтам:

- Кефири мӯҳлаташ гузаштаро бихӯр, зудтар хароб мешавӣ.

САБАҚИ ШАРОБНӮШӢ АЗ ШОИР ГУЛНАЗАР

Дар оши наҳоре бо Гулназар Келдӣ ва Сайидалӣ Маъмур дар атрофи як миз нишастем. Устод Гулназар шишаи шаробро ба ман нишон дода, гуфтанд:

- Шароб нӯшида метавонӣ?

Гуфтам:

- На.

Гуфтанд:

- Ақаллан рехта метавонӣ?

Гуфтам:

- Бале.

Гуфтанд:

- Бирез.

Ман зуд шаробро ба пиёлаҳо рехтаму назди он кас ва чанд нафари дигар гузоштам.

Гуфтанд:

- Ба худат ҳам бирез!

Гуфтам:

- Устод, ман нӯшида наметавонам.

Гуфтанд:

- Бирез, ҳозир ёд медиҳем.

Ба худ ҳам рехтам. Ҳама нӯшиданду ман ҳам «ноилоҷ»

нӯшидам. Дигарон зуд аз болояш помидор ё чакка хӯрда, ба қавле газак карданд. Ман бошам, аз болояш чизе нахӯрдам. Устод Гулназар гуфтанд:

- Ту газак намекунӣ?

Гуфтам:

- Не, ҳоло ёд нагирифтаам.

- Ин тавр бошад, як бори дигар бирез, то газаккуниро ҳам ёд диҳем,- гуфта хандиданд.

Ҳамин тавр, ман шаробнӯшӣ ва газаккуниро ёд гирифтам.

НАВБАТИ ЗАНГИРӢ

Хуршеди Атовулло ҳамроҳ бо ду нафар ҳамкасбон меҳмони банда шуд. Ӯ чун ҳамеша аз шӯхиҳои дузанагиву чанд фарзанд доштани ман сухан гуфту писари калониамро наздаш даъват карда, гуфт:

- Ту медонӣ, ки дадаат зани дуюм гирифтанӣ аст? Ӯ як духтари хеле зеборо дӯст медорад. Мо аллакай хостгорӣ ҳам кардем ва ба наздикӣ онҳоро хонадор мекунем. Ту зид нестӣ?

Дигарон ҳам бо ишораи сар «рост»-гӯйии дурӯғи Хуршедро тасдиқ карданд.

Бачаам хандида, гуфт:

- Акаи Хуршед, акнун зангирӣ навбати ману бачаи шумо аст, на ин ки шумову дадаам. Аввал ҳардутон мо бачаҳоро хонадор мекунед, ана баъд агар навбат расад, мо шумову падарамро зан медиҳем.

Ҳама хандидему Хуршед гуфт:

- Ин маънои онро дорад, ки дигар мо бояд фикри зангириро аз сар дур кунем.

АГАР ЭЙНШТЕЙН ҲАМ РИШ МЕДОШТ...

Дар яке аз мактабҳои ноҳияи Ҳисор нозирони шуъбаи маориф санҷиш мегузаронанд. Дар рафти санҷиши дарси физика онҳо мебинанд, ки муаллими 54-солаи фанни физика, ки ҳоҷӣ ҳам будааст, риш дорад. Агарчи риши муаллим кӯтоҳкардашуда бошад ҳам, намояндаи маориф эрод гирифта, мегӯяд:

- Бо риш ба шогирдон дарс гузаштан мумкин нест. Лутфан, ришатонро тарошед.

Муаллим нозиронро муътақид карданӣ шуда, мегӯяд:

- Риш мондани ман на ба ҳоҷигиам, балки ба касби интихобкардаам рабт дорад. Ҳар як нафаре, ки ба ихтисоси физика рӯ меорад, бояд риш дошта бошад, зеро қариб ҳама физикҳои машҳури олам риш доштанд. Масалан Джеймс Клерк Максвел, Анри Беккерел, Антониус Ван Ден Брук, Галилео Галилей ва ҳоказо ҳама риш доштанд.

Ҳамин тавр, муаллим номи якчанд физики оламро мисол меорад. Нозири маориф то охир ӯро гӯш карда, мегӯяд:

- Далелҳои хуб овардед, муаллим. Вале бовар кунед, агар Эйнштейн ҳам риш медошту алъон дар ҳамин ҷо мебуд, мо ришашро метарошидем.

АНӮШЕРВОНИ ОДИЛ ВАЗИРИ МАОРИФ БУД

Чун анъана ҳар бегоҳ, рӯзномаи духтарчаамро, ки дар синфи панҷ мехонад, тафтиш кардам. Аз фанни адабиёт панҷ гирифта буд. Чун ба мавзӯъ диққат кардам, навишта шудааст: «Анӯшервони одил».

Аз духтарчаам пурсидам:

- Баҳои панҷ гирифтай, канӣ ҷавоб деҳ, Анӯшервони одил кӣ буд?

Духтарам бе ҳеҷ дудалигӣ посух дод:

- Анӯшервони одил вазири маориф буд, дада.

Офарин гуфта, ба муаллимааш занг зада, баҳои мондаашро ситоиш кардам. Муаллима гуфт:

- Ӯ хато фаҳмидааст, ман вазири одил гуфта будам.

Хандида, гуфтам:

- Замоне, ки мо мехондем, Анӯшервонро «подшоҳи одил» муаррифӣ мекарданд-ку.

Муаллима ҳам баланд хандида, гуфт:

- Шояд дар интихоботи баъдина нагузашта бошад.

МУТТАҲИДШАВИИ ЗАНҲО

Абдулазиз ба дӯсти наздикаш дарди дил мекунад, ки вазъият дар хона басо муташанниҷ аст. Дӯсташ ҳайрон шуда, мепурсад:

- Барои чӣ?

Абдулазиз:

- Занҳои якуму дуюм бо ҳам муттаҳид шудаанд.

- Акнун чӣ мешавад, каппаат дуд?,- ҳайрон шуда мепурсад ӯ.

- Не, каппаи ман нею каппаи зани сеюм аниқ дуд мекунад.

- Ваааааах, ту зани сеюм ҳам дорӣ?

МАН БА ОН КАС КОРЕ НАДОРАМ, ОН КАС БА МАН

Дар роҳ мӯйсафеде автобусро интизор буд. Ба худ гуфтам, ки моҳи Рамазон асту барои кори савоб ӯро то манзилаш бирасонам. Зеро ҳаво хеле гарм буд ва ба назарам мӯйсафед аз таъсири гуруснагӣ хеле афтода менамуд. Мошинро дар наздаш манъ карда, гуфтам:

- Бобоҷон, шинед, ман шуморо ба манзилатон мерасонам.

Муйсафед «раҳмат писарам» гӯён, ба мошин нишасту мо ҳаракат кардем.

Дар роҳ аз мӯйсафед пурсидам:

- Бобоҷон, хеле афтода менамоед. Ба фикрам рӯза азобатон додааст?

Муйсафед гуфт:

- Писарам, моҳи Рамазон моҳи хеле мубораканд ва ҳеҷ гоҳ маро азоб намедиҳанд. Он кас ҳар сол меоянду мераванд. Ман ба он кас коре надорам, он кас ба ман.

ОТАИ МАН КАЛАЙ!

Дар қабулгоҳи ҳафтаномаи «Фараж» дар ҷои Хуршед нишаста будам, ки садои занги телефон баланд шуд. Гӯшакро бардоштан замон, аз тарафи дигар садои бачаи Хуршед омад, ки мепурсид:

- Падари маро фарёд кунед.

Пурсидам:

- Падарат кист?

Гуфт:

- Падари ман Хуршеди Атовулло аст. Шумо ӯро мешиносед?

Гуфтам:

- Бале, мешиносам. Мӯйи сараш ҷингила аст-а?

Писарчаи Хуршед бо овози баланд хандида, гуфт:

- Дурӯғ гуфтед. Намешинохтаед. Отаи ман калай!

ЗАНГ БА ДУГОНАҲОИ ЗАНАК

Абдураҳмон субҳ аз хоб бедор шуда, мебинад, ки занаш телефони дастиашро дар хона фаромӯш кардааст. «Ана, худо дод, рақамҳои якчанд дугонаи занакро гирифта, ба онҳо гап мепартоям» гӯён, ӯ зуд рӯйхати номҳои дар телефон сабтшударо аз назар мегузаронад. Нахустин шуда ба назараш номи Салима меафтад. «Номи зебо аст ва соҳибаш низ зебо будагист» гӯён, зуд рақамашро ба телефони худ чида, занг мезанад. Чун аз тарафи дигар гӯшаки телефон бардошта мешавад, ӯ ҷавобро интизор нашуда, мегӯяд:

- Салом Салимахон! Чи ҳол дорӣ? Шинохтӣ маро?

Аз тарафи дигар муштарӣ бо овози дағали мардона ҷавоб медиҳад:

- Эй ҳариф, гапатро дониста зан, номи ман Салима не, Абдусалим аст.

Абдураҳмон дар ҳайрат афтода, мегӯяд:

- Бахшиш акаҷон. Ман гуноҳе надорам. Номи ту дар телефони зани ман Салима навишта шудааст.

«Шояд хато шуда бошад» гуфта, ӯ кофтани номҳоро идома медиҳад. Ба назараш номи Ноъима меафтад. «Ку ба инаш ҳам занг занам» гуфта, рақамҳоро аз телефони худ мечинад:

- Ноъимахон, чихелӣ? Созӣ? Маро шинохтӣ?

Боз аз он сӯ овози ғулғуладори марде баланд мешавад:

- Ман Ноъима нестам, номи ман Нӯъмон аст.

Мард боз ҳайрон шуда, мегӯяд:

- Мебахшӣ, занаки ман номи туро дар телефон Ноъима навиштааст. Маълум мешавад, ки ӯ туро мард наҳисобидааст.

Ҳамин тавр, ба якчанд дугонаи занак занг мезанад ва маълум мешавад, ки ҳама «дугонаҳо» мард будаанд. Ин аст, ки гӯшакро мемонаду мегӯяд:

- Ман гумон мекардам, ки фақат мо мардҳо номҳои маъ-

шукаҳоямонро ба ҷойи Таманно Табараливу ба ҷойи Садафа Сӯфибой ва ким-чиҳои дигар менависем, ки занамон нафаҳмад. Лекин занакҳо аз мо ҳам мегузарондаанд-ку.

ЧАШМИ МАН АЛОВ НАДОРАД

Як рафиқи навзангирам бо телефон баланд - баланд ҳарф мезад ва маълум буд, ки бо касе дар баҳс аст. Баъд аз чанд ҳарфи пасту баланд ниҳоят боғазаб гӯшакро гузошта, гуфт:

- Модари арӯсам аллакай дахолатро ба зиндагии мо сар кардааст. Шояд мехоҳад маро тарсонидаву алови чашмамро гирад, аммо наметавонад.

Гуфтам:

- Ту боварӣ дорӣ, ки ӯ алови чашми туро гирифта наметавонад? Эҳтиёт шав, агар модару духтар муттаҳид шаванд, на танҳо алов, ҳатто худи чашматро ҳам канда мегиранд.

Ӯ хандакунон, бо як табассуми аҷибе гуфт:

- Алов набошад, чиро мегиранд аз ин чашм?

ВАҚТИ САРХОРӢ НАДОРАМ

Дар синфи панҷ ё шаш мехондам. Падарам ба ман супориш доданд, ки ба хонаи Бобои Муртазо (худо раҳматашон кунад) рафта, он касро ба хона даъват кунам. Ман зуд ба наздашон рафта, гуфтам:

- Амакҷон, ба хона, ба назди падарам омада, ба корашон ёрдам мекардаед.

Гуфтанд:

- Ба падарат гӯ, ки ман вақти сархорӣ надорам, рафта наметавонам.

Ман илтимос карданӣ шуда, гуфтам:

- Амакҷон, шумо омада ба кори падарам ёрдам диҳед, ман сари шуморо хоридан мегирам.

Он кас баланд хандиданду ҳарду якҷоя омадем. Дар хона сухани маро ба дигарон нақл карда, ҳар вақт табассумкунон мегуфтанд:

- Канӣ биё, ту сари маро хоридан гир, ман ба кори падарат ёрдам медиҳам.

АНДЕШАИ НОНУ НАМАКИ РЎЗНОМАНИГОР

Боре барои гузаронидани тадқиқоте ба ноҳияи Ёвон рафтам. Баробари ба итмом расидани тадқиқот зиёфати махсусе бароям доир намуданд. Дар рӯи дастархон ҳама чиз аз хӯрданиву нӯшиданиҳо муҳайё буд. Коняку аракҳои қимматбаҳо, чанд намуди таом. Чун қадаҳҳоро пур намуданд, яке хоҳиш кард, ки сухани аввал ба меҳмон дода шавад. Меҳмон онҷо ман будам ва ин қадар зиёфат барои ман муҳайё шуда бошад ҳам, вале натиҷаи тадқиқот пурра бар зарари зиёфатдиҳанда анҷом ёфта буд. Далелу санадҳо ҳама муқобили ӯ буданд. Хӯрдани зиёфат аллакай маънои забонкӯтоҳ шудан, вале даст кашидан аз зиёфат маънои беэҳтиромиро дошт. Ин аст, ки қадаҳро ба даст гирифта, гуфтам:

- Пеш аз он, ки ман зиёфати шуморо хӯрам, бояд ба шумо фарқияти рӯзноманигор аз намояндаҳои ҳуқуқро шарҳ диҳам. Агар онро қабул кунед, зиёфататонро мехӯрам, агар не, не.

Соҳиби зиёфат гуфт:

- Бале, қабул мекунем.

Гуфтам:

- Фарқияти рӯзноманигор аз намояндаҳои ҳуқуқ дар он аст, ки агар онҳо нону намакатонро хӯранд, шояд андешаи нону намак карда, ба шумо гузашт кунанд. Вале рӯзноманигор нону намакатонро хӯрад хам, андешаи онро намекунад. Зеро, агар андешаи нону намак кунад, маҷбур аст ноҳақро ҳақ ва ҳақро ноҳақ гӯяд. Рӯзноманигоре, ки андешаи нону намак мекунад, рӯзноманигорӣ карда наметавонад. Ман ин қадаҳро мебардорам, барои ҳақиқат.

Соҳиби зиёфат аз хиҷолат сурх шуда, гуфт:

- Меҳмони азиз, ин зиёфат на барои он аст, ки шумо моро сафед кунеду сиёҳро сафед ва сафедро сиёҳ гӯед. Ин зиёфат фақат ба он хотир аст, ки шумо меҳмони моед.

Сипосгузорӣ кардаму то охир дар зиёфат иштирок кардам, вале пеш аз чопи мақола даъвогар омада, аз мо илтимосу зорӣ карда, аз баҳри даъвояш гузашт. Маълум шуд, ки чун моро харида нашуд, зиёфаткунанда даъвогарро харидааст.

ОВОЗ БА КАЛАНД

Маъракаи таблиғоти интихоботи парлумонӣ ҷамъбаст шуда истода буду рӯзи дигар бояд интихобот сурат мегирифт. Аз падарам, ки аз кори саҳро меомаданд, пурсидам:

- Падарҷон, фардо ба кӣ овоз медиҳед?

Падарам каланди китфашонро ба гӯшае гузошта, гуфтанд:

- Ман аллакай овоз додам, писарам.

- Чӣ гуна, охир интихобот фардо аст ку?!,- ҳайрон шуда, пурсидам.

Падарам хеле ҷиддӣ ба ман нигариста, гуфтанд:

- Ман ба ҳамин каланди дастам овоз додам, писарам. Зеро ман бо ҳамин каланд туро калон кардаму бо ҳамин каланд хонондам. Агар ба ту қаламат нон диҳад, ба мо ҳоло ҳам ҳамин каланд нон медиҳад, на депутат.

ҶУСТУҶӮ ДАР САРДХОНА

Дар идораи «Фараж» нишаста будам, ки Ганҷина Ганҷова занг зада, баъд аз ҳолпурсӣ гуфт:

- Устод, дар куҷоед? Шуморо дидан мехоҳам.

Аз дилам гузашт, ки ӯ маро коре фармудан мехоҳад. Ин аст, ки баҳонаи дигаре наёфта, гуфтам:

- Ман дар 6-ум корпуси Қарияи боло хобам. Ягон рӯзи дигар биё.

Ӯ дурӯғи маро дарк намуда, бо овози баланд хандида, гуфт:

- Устод хайрият, ки дар корпуси шаш будаед, ман шуморо дар корпуси 15 (МОРГ) ҷустуҷӯ дорам.

МАН КАППА НАДОРАМ, КИ ДУД КУНАД

Бо гурӯҳе аз донишҷӯён, ки дар идораи ҳафтаномаи «Фараж» сабақ меомӯхтанд, дар мавзӯи навиштани маводи сиёсие сӯҳбат мекардем. Баъд аз он, ки мавзӯи ниҳоят ҷиддӣ ва баҳснокеро ба онҳо пешниҳод кардам, касе навиштани онро ба дӯш намегирифт. Яке мегуфт, ки ин мавзӯъ дарди сар меорад. Дигаре мегуфт, ки агар нависем, каппаамон дуд мекунад. Ин вақт Ҷасур Абдуллоев аз ҷой бархоста, гуфт:

- Устод, ин мавзӯро ман тадқиқ мекунам.

Гуфтам:

- Наметарсӣ?

Гуфт:

- Чаро тарсам?

Гуфтам:

- Дидӣ ҳамсабақонат чӣ гуфтанд? - «Агар нависем, каппаамон дуд мекунад».

Ӯ табассумкунон гуфт:

- Устод, бепарво бошед. Ман каппа надорам, ки дуд кунад.

МӮЙДАРОЗИ АҚЛКӮТОҲ

Як рӯз бо духтари хеле шӯху хандонрӯе шинос шудам. Ҳар суханашро бо латифа ҷамъбаст мекард ва худаш низ, ба қавле «латифамонанду хандиданӣ» буд. Ба ӯ гуфтам:

- Ту духтари хеле сухандонду боақл будай. Иншооллоҳ, ҳамкоронат аз ту ифтихор бояд дошта бошанду ҳамеша ташнаи сӯҳбатат бошанд.

Хандакунон гуфт:

- Маро ҳамкоронам мӯйдарози ақлкӯтоҳ мегӯянд.

Гуфтам:

- Чаро? Мӯйи ту он қадар дароз нест-ку.

Гуфт:

- Ҳар гоҳе ба баҳсашон ҳамроҳ мешавам, «ту, мӯйдарози ақлкӯтоҳ, хомӯш бош» мегӯянд. Аз қаҳр рафтаму мӯи сарамро кӯтоҳ кардам ва омадаму рӯзи дигар боз ба баҳс ҳамроҳ шудам. Яке гуфт: «Инро бинед, мӯяшро низ мисли ақлаш кӯтоҳ кардааст». Валлоҳ, аз ин ҷавонон чизе нафаҳмидам.

Хандидаму гуфтам:

- Пас мӯйи саратро тамоман бигир, бубинем чӣ мегӯянд.

Хандида гуфт:

- Яқинан, мегӯянд, ки «мӯяшро чун ақлаш аз сараш дур кардааст».

МАН МОШИНРО ОВАРДАМ Ё МОШИН МАРО?

Ба хонаи Хуршедшоҳ меҳмонӣ рафтанамро хуб дар ёд дорам, вале чӣ тавр аз хонаи ӯ ба хонаи худам омаданамро

намедонам. Фақат нисфишабӣ, вақе аз дарди сахти сар бедор шудам, дидам, ки дар хонаи худам қарор дорам. Ба хотирам расид, ки ман ба меҳмонӣ бо мошин рафта будам. Аз тиреза нигоҳ кардам, ки мошин дар берун дар зери дарахт гузошта шудааст. Дурусттар нигаристам. Дари тарафи рононда ба дарахт чунон ҷафс буд, ки ҳеҷ имкони аз он баромадан вуҷуд надошт.

Хуллас, намедонам, ки мошин маро оварда бошад ва ё ман мошинро.

МАН ТУРО БАРОИ ҒАМДИҲӢ ГИРИФТАМ?

Дар даврае нишаста будем, ки ҳамсари як рафиқам занг зад:

- Зуд ба хона биё, ки корҳо нотамом монданд, ман дар танҳоӣ аз ӯҳдааш намебароям.

Ӯ гуфт:

- Илтимос, маро ғам нате, худат ягон илоҷ кун.

Зан:

- Агар туро ғам надиҳам, пас киро ғам диҳам? Ҳамсояро?

Ҳамроҳамон ба ғазаб омада бошад ҳам, хандакунон гуфт:

- Чӣ, ман туро барои ғамдиҳӣ гирифтам?

ДУРӮҒ ВА ВАЪДА ҶАЗО НАДОРАНД?

Дар як форуме, ки дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баргузор гардид, ширкат кардам. Мавзӯъ рабт дошт ба таъмини хатмкунандагони макотиби олии кишвар бо ҷойи кор. Як нафар намояндаи Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар форум ширкат дошт ва дар паҳлуи банда менишаст, зимни баромади хеш ба ҷавонон ваъдаҳои зиёде дод. Баъд аз баромад, чун ба ҷойи худ баргашт, бо шӯхӣ пурсидам:

- Раис, ин қадар ваъдаҳои зиёд додед, вале ба назари ман чунин ваъдаҳо дар Тоҷикистон иҷронашавандаанд. Агар ваъдаатон иҷро нашавад, он гоҳ шумо ба ҷавонон чӣ посух мегӯед?

Хандиду гуфт:

- Бепарво бошед. На дар Кодекси ҷиноятӣ ва на дар Кодекси маъмурӣ барои иҷро нашудани ваъда ягон ҷазо пеш-

бинӣ нашудааст.

Гуфтам:

- Раис, ман нав фаҳмидам, ки чаро мансабдорони мо нотарсида ин қадар ваъдаҳо медодаанд.

БО ШИКАМИ ГУРУСНА ҲАМ ХОБИ МАН МЕБАРАД

Тобистон буд. Ҳангоми сафар ба Кӯли Аловиддин, нисфишабӣ дар деҳаи Пасрӯди ноҳияи Айнӣ дармондем ва зарур омад, ки чун устод Аловиддин дареро кӯфта, то саҳар дар хонае «меҳмони нохонда» шавем. Баъд аз кӯфтани дари нахустин як нафар бачаи тақрибан 16-17-солае дарро кушода, моро ба дохил даъват кард. Мо дар хонаи алоҳида ҷойгир шудем. Хона гарм ва тозаву озода буд ва маълум буд, ки махсус барои меҳмонҳои нохондае ва ё роҳгузароне чун мо омода шудааст. Баъд аз чанде зани тақрибан 55-60-солае бо дастархону чойники чой аз дар даромад ва мо зуд аз ҷой бархоста, салом додем. Ӯ дастрахонро паҳн карда, чойники чойро монда, пурсид:

- Чӣ мехӯред? Бароятон чӣ омода кунам?

Ҳамраҳам, ки чавони хеле шармгин буд, аз рӯи одоб «не холаҷон, ташвиш накашед, мо серем» гуфт.

Соҳибхона бо нигоҳи суоломез ба ман нигарист, ки ман чӣ мегӯям. Ман ҳам аз рӯи одоб, хоксорона гуфтам:

- Холаҷон, ягон ташвиш накашед. Ман бо шиками гурусна ҳам хоб карда метавонам.

Соҳибхона табассумкунон «фаҳмидам» гуфта, аз дар баромад ва баъди чанде бо ду коса шӯрбо баргашту ману «ҳамраҳи серам» нӯши ҷон кардем.

ОШПАЗИ ТЕРРОРИСТОН

Дар даврае нишаста будем. Сухан аз одоби муошират бо телефон ва истифода набурдани калимаҳое мерафт, ки метавонанд бе ҳеҷ сабабе боиси дарди сари соҳиби телефон гарданд. Яке чунин ҳикояте овард, ки ба назари ман воқеан метавонад ба чавонон ва умуман ба ҳама дарси ибрат шавад, то аз суханони бемавқеъ ва шӯхиҳои ноҷо худдорӣ кунанд.

Ду нафар хоҳарон бо телефони мобилӣ сӯҳбат доштаанд. Сӯҳбат тақрибан чунин сурат мегирад:

- Хоҳарҷон, чӣ ҳол дорӣ ва ба чӣ кор машғулӣ? Биё камтар сӯҳбат кунем.

- Хубам хоҳарҷон, вале ҳоло вақт надорам.

- Чаро вақт надорӣ?

- Барои террористҳо хӯрок пухта истодаам.

- Хайр, хӯроки террористҳоро те, баъд сӯҳбат мекунем.

Маълум нест чӣ гуна, вале истифодаи калимаи «террорист» ба воситаи телефон мавриди таваҷҷӯҳи мақомот қарор мегирад ва баъд аз чанде атрофи хонаи «повари террористон» дар муҳосира меафтад. Дар як лаҳза тамоми аъзои хонадонро ба шӯъба мебаранд. Баъд аз пурсиш маълум мешавад, ки дар ин хона ҳеҷ як террористе зиндагӣ намекардааст. Танҳо келини хонадон хушдоман ва падарарӯси худро барои сахтгирӣ «террорист» ном мебурдааст. Хоҳарон ҳангоми сӯҳбат вақте дар бораи онҳо сухан меронданд, ҳамеша бо лутф ин калимаро истифода мебурдаанд.

ТӮМОРИ ТАРСОНИДАНИ САГ

Духтури асабшинос Набиҷон, аз деҳаи Яккахона, аз саг сахт метарсид. Ӯ рӯзе назди Мулло Маҳмаднасиб (равонашон шод бод) омада, мепурсад:

- Домулло, ман аз саг сахт метарсам. Ягон тӯморе ҳаст, ки одам онро бо худ дошта бошад, тарс аз ӯ дур шавад ва саг аз ӯ гурезад?

Домулло, ки хеле шӯх буданд, мегӯянд:

- Тӯмор несту як дуои кӯтоҳ ҳаст. Ман мегӯям, ту баробари ман такрор карда, онро азёд кун ва ҳар вақт бо саг рӯ ба рӯ шавӣ, ичро кун.

Набиҷон «хуб» мегӯяду домулло сар мекунанд ва Набиҷон такрор кардан мегирад:

- Аллоҳумма.

- Аллоҳумма.

- Санг дар қӯлтуқ.

- Санг дар қӯлтуқ.

Танҳо баъди такрори ибораи «санг дар қӯлтуқ» Набиҷон ҳайрон шуда, мепурсад:

- Ин чӣ хел дуо аст, ки «санг дар қӯлтуқ» дорад?

Домулло мегӯянд:

- Бачем, ана ҳамин «санг дар қӯлтуқ» дуои ягонаи тарсонидани саг аст. Барои он, ки сагро тарсонӣ, бояд ҳамеша сангро дар таҳи кашат гирифта гардӣ.

АКА, БАҚИЯИ МАРА ТЕ!

Дар таксии 3-сомонаи №8 нишаста, аз самти Қарияи боло ба Садбарг равон шудем. Таксист ба мо гуфт, ки агар мабодо нозири БДА мошинро нигоҳ дорад, бигӯем, ки ронанда рафиқи мост, на таксист. Номашро низ Қобилҷон гуфт. Дар роҳ воқеан мошинро намояндаи БДА боздошта, ҳуҷҷатҳои ӯро хабар гирифта, пурсид:

- Ба фикрам таксӣ мезанӣ-а?

Гуфт:

- Не, акаҷон, бовар кунед, шиносҳоямро то фурудгоҳ бурда истодаам.

Ман ҳам гуфтаҳои ӯро тасдиқ карда, гуфтам:

- Акаи сардор, воқеан Қобилҷон дӯстамон аст ва моро ба фурудгоҳ бурда истодааст. Зуд ҷавоб диҳед, ки мо дер карда истодаем.

Ронанда аз мошин фаромада, бо нозир дар берун сӯҳбатро идома дод. Чун вақти пурсиши нозир тӯл кашид, як ҳамроҳамон шояд саброр аз даст дод, ки дарро кушода, ба ронанда муроҷиат карда, гуфт:

- Акаҷон ман аз кор дер мемонам, бақияи мара те, ман мефароям.

Он гоҳ нозир «ана, сир фош шуд» гӯён, ҳама ҳуҷҷатҳои ронандаро гирифту мо ҳам «ҳамроҳамон ронандаро фурӯхт» гӯён, пиёда шудем.

МАН МИННАТИ КАСЕРО ШУНИДАН НАМЕХОҲАМ!

Ман, Фаридулло ва Бахтиёр дар даврае нишаста, аз шароби «Ҷоми ҷам» нӯши ҷон карда, бо ҳам хеле сӯҳбат кардем. Мавзӯъ анқариб тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифта, ҳатто то ба зиндагии оилавӣ низ расид. Вақте сухан аз сиёсат дар хона рафт, Фаридулло гуфт:

- Ман вақте занакро кор мефармоям, ӯро ҳамагӣ се маротиба огоҳ мекунам. Агар дар ин се маротиба супоришам иҷро нашавад, занакро чунон мезанам, ки як ҳафта аз ҷояш хеста наметавонад.

Бахтиёр гуфт:

- Ман ҳамагӣ ду маротиба огоҳ мекунам. Агар гапро нагирифт, чунон мезанам, ки давида - давида ҳама корро иҷро мекунад.

Ман ҳам паст наомада, худро аз онҳо далертар нишон дода, гуфтам:

- Ман мисли шумо ду-се маротиба огоҳ намекунам. Ман ҳамагӣ як маротиба мегӯям.

Фаридулло гуфт:

- Агар бо як гуфтан супоришат иҷро нашавад чӣ?

Гуфтам:

- Агар бо як гуфтан дастурам иҷро нашавад, аз ҷоям мехезаму... худам корамро чунон буд мекунам, ки занак қоил мешавад.

Ҳама ба зӯрии ман қоил шуда, баланд хандиданд. Вақте инро ба акои Икром нақл кардам, хандида гуфтанд:

- Ман бошам, миннати касеро шунидан намехоҳам. Ҳама корро худам мекунам.

МАН ҲАМ БА ОН ДУНЁ МЕРАВАМ!

Ба хона шитоб доштам. Дар роҳ занеро дидам, ки ба фурӯшгоҳ даромаданӣ шуда, кӯдаки тақрибан 4-5-солаи худро маҷбур мекард, ки дар ҷойи худ истад ва ӯро интизор шавад. Кӯдак эътироз мекард, ки ӯ ҳам рафтан мехоҳад.

Кӯдак гирякунон мегуфт:

- Кучо меравед ва чаро маро намебаред?

Зан боғазаб гуфт:

- Ман ба он дунё меравам! Туро бурда наметонам.

Кӯдак доду фарёд мекард ва мегуфт:

- Ман ҳам ба он дунё меравам!

ПИВОИ «ТРИ МЕДВЕДЯ» ДАР БОЗОРИ ВИХИНО

Бозори Вихинои шаҳри Маскав. Ҳамроҳ бо Аслидини писари холаам кор мекардем. Зарур меомад, ки ҳар рӯз

нони гарм ва самбӯсаҳои пухтаро ман бо якчанд нафари дигар дар бозор фурӯшем. Ман дар савдо ҳунари хуб доштам ва зуд - зуд нону самбӯсаҳои бурдаамро фурӯхта, бармегаштам ва боз тағораро пур карда, ба бозор мебаромадам. Рӯзе нисфирӯзӣ барои рафъи хастагӣ якто пивои «Три медведя» гирифта, нӯши ҷон кардам. Хеле маъқул шуд. Дуюмашро гирифтам, бештар маъқул шуд ва ҳамин тавр сеюму чорумашро ҳам бо иштиҳо нӯши ҷон кардам, ки маро хоб омад. Дар бозор як гӯшаи хилватеро ёфта, 5-умашро ҳам нӯшидаму тағораро зери сар монда, дароз кашидам. Вақте бедор шуда, ба атроф нигаристам, дар бозор касе намонда буду шом фаро мерасид. Ба тағора нигоҳ кардам. Тағора холӣ буд. Самбӯсаҳоро фурӯхтаам ё аз зери сарам касе гирифтааст, намедонам, зеро киса ҳам холӣ буд. Ноилоҷ тағораи холиро гирифта, назди танӯр омадам, ки ҳама рафтаанду Аслиддин маро интизор шуда нишастааст. Ӯ гуфт:

- Хеле хавотир шудем, ҳама ҷойро кофтем, вале туро пайдо накардем. Ту кучо рафта будӣ?

Гуфтам:

- Кучо ҳам мерафтам? Милисаҳо маро дошта, бо самбӯсаҳоям ба шӯъба бурданду самбӯсаҳоямро хӯрданд ва пулҳоямро ҳам гирифтанд. То ҳозир дар шӯъба будам.

Аслиддин «хуб, дер шуд, ба хона меравем» гуфту мо ба мошин савор шуда, ба хона рафтем ва ҳамин тавр, ман бо як дурӯғи кӯчак аз пардохти пули онрӯзаи самбӯсаҳо озод шудам.

БАРОИ ЯК КОСА ШИР ГОВ НАМЕХАРАНД

Ҳамроҳи Ганҷина дар идораи «Фараж» нишаста будем. Ӯ ҳанӯз донишҷӯ буд. Афғоне ба нашрия аз болои соҳиби тарабхонае шикоят карда, гуфт:

- Ман ин тарабхонаро аз соҳиби тарабхона иҷора гирифта будам. Ҳармоҳа маблағашро дар вақташ месупорам, вале бо вучуди ин, ӯ мехоҳад маро аз тарабхона пеш кунад.

Ман пурсидам:

- Агар ҳама маблағро дар вақташ супорӣ, чаро ӯ туро пеш кардан мехоҳад?

Гуфт:

- Ӯ маро ба он муттаҳам мекунад, ки гӯё дар ин тарабхона ба духтарбозӣ машғул шуда бошам.

Гуфтам:

- Агар воқеан ба чунин кор машғул шуда бошӣ, на танҳо тарабхонаро аз ту мегиранд, балки ҷавобгар ҳам карданашон мумкин аст.

Гуфт:

- Духтарбозӣ накардаам. Ҳайфи умрам, ки дар ғарибӣ гузашт. Ман ҳатто ба модарам хизмат накардаам. Зан ҳам нагирифтам, ки хизматаша кунад.

Гуфтам:

- Пас чаро зан намегирӣ? Зан бигир, то ҳам хизмати туро кунаду ҳам хизмати модаратро.

Гуфт:

- Олмониҳо мақоле доранд, ки «ба хотири як истакон шир гов намехаранд».

Ганҷина хандида, гуфт:

- Гов на танҳо шир, гӯсола ҳам медиҳад.

ЛИБОСИ СИЁҲИ МАРДОН РАМЗИ ЧИСТ?

Имичро тағйир доданӣ шуда, ба ҷои кор бо шиму костюм ва куртаи сиёҳ омадам. Ҳамкорон баъди салому алейк гуфтанд:

- Ба хайр аст? Либосҳои сиёҳ пӯшидаӣ? Зан гирифтӣ-чӣ?

- Ҳайрон шуда, пурсидам:

- Чӣ, магар дар зангирӣ либоси сиёҳ мепӯшанд?

Яке хандида, гуфт:

- Дар ин синну сол зангирӣ мотам аст.

ИН КАС ҲОҶИПИЁН БУДЕН-КУ

Қарибиҳои шом ба берун барои сайругашт баромадам. Чун ҳаво нисбатан сард буд, тасмим гирифтам ҷома пӯшам. Бо ҷомаву токӣ каме сайр кардаму бо мақсади харидории як шиша арақ ба мағозае ворид шудам. Дар Душанбе, ки ҷомапӯшҳо каманд, дар мағоза ҳама маро «Ҳоҷӣ, марҳамат» гӯён, дастҳо пеши бар хуш истиқбол гирифтанд. Ман ҳам дастҳоро сари сина гузошта, «саломат бошед, саломат бошед» гӯён, таъзимкунон вориди фурӯшгоҳ шудам

ва рост ба шӯъбаи шаробфурӯшӣ даромада, як шиша арақи «Шоҳона» гирифта, ба назди хазина омадам.

Ба гӯшам мерасид, ки баъзеҳо байни ҳам «ҳоҷибоборо бин» гӯён паст - паст механдиданд. Нафаре ҳатто худашро дошта натавониста, «ин кас ҳоҷипиён буден-ку» гуфта, чунон баланд хандид, ки ман низ худро дошта натавониста, ба ханда ҳамроҳ шуда, гуфтам:

- Ҳар ҷомабабар гумон мабар, ки ҳоҷист,
Шояд, ки дар он чу ман пиёне бошад.

РЕШААШ ДАР ОБИ КАНАЛ

Фасли зимистон буд. Бегоҳирӯзӣ Бобо Бекмуродов (худо раҳматашон кунад) дар деҳаи Бӯстон ба хонаи мо меҳмон шуданд. Ман дастархон кушода, баъд аз кашидани хӯрок як шиша аз шароби «Ҷоми ҷам»-и Марғедар ҳам рӯи дастархон гузоштам. Бобо шишаро ба даст гирифта, тамошокунон пурсиданд:

- Холиқназар, ин арақи ту решааш дар об аст ё фақат ҳамин як шиша?

Гуфтам:

- Бобоҷон, нотарсида нӯшидан гиред. Решааш дар оби канал аст.

Вақте шиша холӣ шуду аз шишаи дуюм пурсиданд, гуфтам:

- Бобоҷон, канали мо зимистон об надорад.

«ЧАҲОРГОНАИ НОМАРДӢ»

Бо компютер машғули кор будам, ки писарчаам пурсид:

- Дадаҷон, «чаҳоргонаи номардӣ» чӣ маъно дорад?

Саволашро нафаҳмида, пурсидам:

- Чӣ хел чаҳоргона гуфтӣ?

Такроран гуфт:

- Чаҳоргонаи номардӣ.

Вақте гуфтам, ки аз куҷо хондӣ, газетаро нишон дод.

Гуфтам:

- Ку такроран бихон!

Такроран хонда, гуфт:

- «Чаҳоргонаи нормандӣ» будааст.

Баъди дуруст хондан барояш шарҳ дода, гуфтам:

- Чаҳоргонаи номардӣ - ин як гуруҳест, ки дар он чор «номард» ҷамъ омада, қарорҳо мебароранд, ваъдаҳо медиҳанд, вале ичро намекунанд.

ЗАНКРОТ

Соли 2002 буд. Ҳангоми кор дар шаҳри Маскав 1 маркази савдоро ичора гирифта, қариб ду сол машғули савдо шудам, вале кор ҳеҷ пеш нарафт ки нарафт. Баъд аз талошҳои зиёд, ниҳоят маркази савдоро супорида, ба Ватан баргаштам ва ба дасти падарам, нисбат ба солҳои қаблӣ, хеле пули кам дода, гуфтам:

- Дадаҷон, имсол корҳо омад накард ва ман банкрот шудам, барои ҳамин бо пули кам омадам.

Падарам, ки аз забони касе гӯё аз зангирии ман дар Маскав огоҳ шудаанд, гуфтанд:

- Бачаҷонам, аз рӯи шунидаҳои ман, ту банкрот не, занкрот шудай.

ДУРӮҒГӮИИ ТОЛЕЪНОМАИ «ОИЛА»

Духтарам пойафзол харидан мехост. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки барояш пул ҷудо кунам.

Гуфтам:

- Каме сабр кун, маош ки шуд, пули пойафзолро ҳатман ҷудо мекунам.

Ҳамин тавр, ваъдаи ман ду - се ҳафта тӯл кашид. Рӯзе баъди кор шумораҳои нави чанде аз нашрияҳоро ба хона овардам. Духтарам баъди варақ задани чанд саҳифаи нашрияи «Оила» хурсандона гуфт:

- Дадаҷон, шодиёна диҳед, ин ҳафта маош мегирифтаед.

Пурсидам:

- Аз куҷо фаҳмидӣ?

Ӯ толеъномаи «Оила»-ро нишон дода, гуфт:

- Ана дидед, дар толеъномаи «Оила» гуфта шудааст, ки ин ҳафта шумо ба хона пул меоред.

Вале ман «он ҳафта» ҳам пул наовардаму пешгӯии толеъномаи «Оила» дурӯғ баромад.

КЛИНТОН БОЙ ДОД

Бо эълони натиҷаи интихоботи Амрико, ба деҳа ба очаам занг зада, гуфтам:

- Очаҷон, Клинтон бой дод!

- Ваҳ, тавба кардам-е, магар келини ман қартабоз аст? Ту чӣ хел шавҳарӣ, чаро монеи бозиаш нашудӣ?,- гуфта, модари бечораам ба сарзаниши ман гузашт.

- Келинатон не, Клинтон бой дод, очаҷон, Клинтон,- гуфтам.

АСРОРИ ДАРОЗУМРӢ

Аз мӯйсафеди солдидае пурсидам:

- Бобоҷон, умри бобаракат дидаед. Сирри дарозумрии шумо дар чист?

Гуфт:

- Ҳамеша дуо мегирам, дуо.

- Чӣ хел дуо ва аз кӣ мегиред, ки мо ҳам гирему умри дароз бинем?

- Аз қарздиҳандагон.

- Чӣ хел?

- Аз мардум қарз гирифтаму баргардонида натавонистам, бачаҷонам. Чанд сол аст, ки ҳама дуо мекунанд, ки «эй худо, умри ҳамин мардро дароз куну ҷонашро то он рӯзе, ки қарзҳои моро барнагардонад, нагир!».

ИН ЛАНГИ БЕЧОРАРО КУҶО МЕБАРӢ?

Шарифхони Тағоймурод, ки баъд аз садама чанде хонашин шуда буд, аз бебарқиву бекорӣ хаста шуда, ҳамроҳи як нафар аз дӯстонаш бо асобағал ба сайри Норак меравад. Дар Норак ташна монда, дар назди дӯконе об нӯшиданӣ мешавад, ки рафиқаш мегӯяд:

- Оби инҷо хуб нест. Биё ман туро болотар мебарам, он ҷо оби хуб дорад.

Ӯ розӣ шуда, ҳаракат карданӣ мешавад, ки зани фурӯшанда ба рафиқи ӯ муроҷиат карда, мегӯяд:

- Ин ланги бечораро кучо мебарӣ? Мон, аз ҳамин об нӯшидан гирад.

Шарифхон ба ғазаб омада, асобағалашро мепартояд ва чунон аз назди зан бо ҷаҳл ҳаракат мекунад, ки ҳатто аз лангидан мемонад.

Шарифхон дар як лаҳза роҳгардак мешаваду зан аз дӯкон баромада мегурезад.

ОЧААЛИШ

Бачаи калониам дар хурдиаш хеле шӯху эрка буд. Баъди ду соли сафар, вақте аз Маскав баргаштам, ӯ ҳамагӣ се сол дошт ва шаб маро ба ҷогаҳ ба назди модараш роҳ надода, худашро ба очааш часпонида, гуфт:

- Шумо ҷогаҳатонро ҷудо кунед. Ман наменомам, ки назди очаи ман хоб кунед.

Гуфтам:

- Ту ҳар шаб назди модарат хоб мекунӣ. Мон як шаб ман ҳам назди ӯ хоб кунам.

Ӯ қатъиян рад карда, гуфт:

- Равед назди очаи худатон хоб кунед. Чаро назди очаи ман меоед? Ман худам ачоши очамба хоб мекунам.

- Ҳоло ҳамин тавр?,- гуфта, ман ҳамон лаҳза модарамро фарёд карда, гуфтам:

- Очаҷон, бачаи ман маро пеши очааш хоб рафтанӣ намемонад. Назди очаи худат рав мегӯяд. Ман куҷо равам, шумо гӯед?

Модарам хандакунон ба назди мо омада, ба набераашон муроҷиат карда, гуфтанд:

- Ҷонӣ бибӣ, биё имшаб бо дадаат очаалиш кун.

- Чӣ хел?,- ҳайрон шуда, пурсид ӯ.

Модарам ӯро мӯътақид карданӣ шуда, гуфтанд:

- Имшаб бачаи ман пеши очаи ту хоб меравад, ту бошӣ, пеши очаи дадаат.

Ҳамин тавр, баъди чӣ қадар фаҳмонидану бо ширинихои зиёд фиреб додан, он шаб мо дадаву бача «очаалиш» кардем.

АЛЛЕРГИЯ ТАБОБАТ НАДОРАД?

Ба духтури аллерголог муроҷиат карда, гуфтам:

- Ҳар баҳор аллергия азобам медиҳад. Атсакунӣ бештар

шуда, гулӯям ба хориш медарояд ва биниву чашмонам сурх мешаванд. Ҳангоми зери дарахтони чанор роҳ рафтан, гоҳо ҳатто нафаскашиам душвор шуда, гӯшҳоям қулф мезананд.

Духтур фишорамро санҷид, бо асбобчае биниву гӯшҳоямро хабар гирифт ва ба ҷояш нишаста, якчанд доруворӣ навишта карда, ба дастам дод ва нохост худ низ 2-3 маротиба атса зад.

Бо шӯхӣ гуфтам:

- Доктор! Мегӯянд, ки аллергия гузаранда нест. Чӣ гуна аллергияи ман аллакай ба шумо гузашт? Ё грипп шудед?

Гуфт:

- Ман низ аллергия дорам, ҳар баҳор ҳолам ҳамин аст.

Гуфтам:

- Пас чаро аз ин доруҳои навиштаатон худатон намехӯред?

Гуфт:

- Хӯрдам, фоида накард.

Варақаи доруҳояшро пешаш монда, гуфтам:

- Ин тавр бошад, ман ҳам намехӯрам.

БА КАЛЛА НАДАРОЯД, ЧӢ ХЕЛ ЗӮРӢ МЕКУНАД?

Нисфишабӣ чароғи ҳуҷраи ҷияни донишҷӯям Меҳроншоҳ (худо раҳматаш кунад) фурӯзон буд. Ба дил гуфтам, ки ҷияни донои ман хеле китобдӯстдор аст ва бинобар ин, то саҳар китоб мехонад. Ҳисси кунҷковиам боло гирифту дарро оҳиста кушода, ба ҳуҷра даромадам, ки бо китоб рӯяшро пӯшонидаву хобаш бурдааст. Китобро гирифта ба як самт гузоштаму чароғро хомӯш карданӣ шудам, ки бедор шуд.

Гуфтам:

- Зиёд китоб нахон, ки мабодо илмат зӯрӣ накунад. Мегӯянд, ки аз зиёд хондан бемор шудан мумкин.

Хамёзакунон гуфт:

- Вақте чизе ба калла намедарояд, чӣ хел зӯрӣ карда метавонад?

ФОТЕҲАХОН ШУДАН БЕҲТАР Ё ҶАНОЗА?

Фасли зимистон азми сафар ба ноҳияи Айнӣ кардем. Барф бошиддат меборид. Дар даромадгоҳи ноҳияи Варзоб

корманди БДА мошинро манъ карда, гуфт:

- Акаҷон, роҳ баста аст. Имрӯз кушода намешавад. Хубтараш ба хонаҳоятон баргардеду ҳафтаи оянда сафар кунед.

Ронандаи мо аз мошин фаромада, ӯро розӣ карданӣ шуда, илтимоскунон гуфт:

- Илтимос, иҷозат диҳед, ки мо сафарамонро идома диҳем, зеро ман мусофиронро ба ҷаноза бурда истодаам.

Милиса оромона гӯш карда, гуфт:

- Боке нест, иҷозат. Аммо роҳ нест, ҳама ҷо барф. Метарсам, ки рӯзи дигар худатонро аз зери тарма кашида, ҷаноза мекунанд.

Ронанда ё ӯро ҷиддӣ нагирифт, ё аз суханҳояш чизеро нафаҳмид, ки хандон - хандон омада, сари чамбарак нишаста, «иҷозат дод» гӯён, ба роҳ идома доданӣ шуд, ки ман гуфтам:

- Мошинро гардон, мо ба Душанбе бармегардем. Ман ҳоло ҷаноза шудан намехоҳам.

ЧИЗЕ НАХАРИДА БОШӢ, ЧУН БИФРӮШАМ?

Рӯзи истироҳат буд. Чун кори аниқе надоштам, тасмим гирифтам ягон китоби бадеӣ хонам. Ба дастам «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода афтод. Агарчи ин китобро пештар ҳам хонда будам, тасмим гирифтам бори дигар бихонам. Китобро хонда, то ҷое омадам, ки Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ҷамъбаст кардаву кумакрасони охирини ӯ Қутайба ҳам ба зиндон андохта мешавад ва ҳокими нав ҳама имтиёзҳои шоирро барҳам дода, андозҳои чандинсолаи бахшидашударо низ ба дӯшаш бор мекунад. Ин ҳама ноадолатиҳо шоирро ба муфлисиву нодорӣ мерасонанд ва ӯ ҳатто барои «Шоҳнома»-и бузургаш харидор намеёбад. Фирдавсӣ навмед мешавад ва аз чандин нафар маслиҳат мепурсад, ки бо «Шоҳнома» чӣ кор кунад. Ин вақт як нафар ҳочӣ аз Ироқ омада, пешниҳод мекунад, ки ӯ «Шоҳнома»-ашро ба назди Шоҳ Маҳмуди Ғазнавӣ барад. Фирдавсӣ агарчи розӣ мешавад, вале ҳатто барои сафари роҳ пул намеёбад. Занаш Фотима руҳафтодагии ӯро бартараф карданӣ шуда, ба ӯ ҳамёни пулро дода, мегӯяд:

- Ман ҷавоҳироти худро, ки ҳанӯз аз модарам мерос

монда буд, фурӯхтам. Ту инро роҳпулӣ куну ба назди шоҳ рав ва «Шоҳнома»-атро ба ӯ бифрӯш.

Вақте саҳифаи нави китобро мегардонидам, писарам аз Малайзия занг зада, гуфт:

- Падарҷон, пули таҳсилро супоридан зарур аст, лутфан ба ман пул фиристед.

Ба оилаам нигариста, гуфтам:

- Фирдавсӣ бо ҳамин қадар бузургӣ «Шоҳнома»-ашро ба подшоҳе фурӯхта натавонисту ман китобамро чӣ гуна фурӯшам, ки ба бача пул фиристам? Биё, ту ҳам мисли Фотима ҷавоҳиротатро фурӯхта, пулашро ба ман деҳ, ман ба бачаамон фиристам.

Занак бо як ҳозирҷавобии ба худаш хос гуфт:

- Ягон вақт ягон ҷавоҳир харида будед, ки ман имрӯз онро фурӯшам?

Сарамро хорида, гуфтам:

- Воқеан рост мегӯӣ, ман ба ту ҷавоҳире нахаридаам, ту онро чӣ гуна бифрӯшӣ?

ФУРӮЗОНАКҲОИ БЕМАСРАФ

Шаб аз самти маҳаллаи Маяковскийи шаҳри Душанбе мегузаштем. Атроф ҳама торик буд. Агарчи равшании хонаҳои атроф аз мавҷудияти барқ хабар медоданд, вале чароғакҳои кӯча рӯшноӣ намедоданд. Аз яке аз ҳамраҳонам пурсидам:

- Чаро чароғакҳои кӯча нур намедиҳанд?

Гуфт:

- Дар онҳо фурӯзонакҳои каммасраф насб карда шудаанд.

Ҳамраҳи дигарам як ба кӯча ва як ба чороғакҳо нигариста, хандида, гуфт:

- Ба фикрам дар ин симчӯбҳо фурӯзонакҳои бемасраф насб карда шудаанд.

РАҚАМИ NGN БА ГАНҶ

Ганҷина ба кучое сафар кардаасту ба ӯ рақами NGN даркор шудааст. Рӯзи дигар ӯ хоҳарашро ба назди ман фиристод, то барояш як рақами NGN гирифта диҳам. Барои

барасмиятдарории рақам ман аз ӯ нусхаи шиносномаи худаш ва ё аз Ганҷинаро пурсон шудам. Гуфт:

- Ман бо худ шиноснома наовардаам.

Гуфтам:

- Бе шиноснома намешавад. Рафта нусхаи шиносномаатро биёр. Ӯ хуб гуфту аз дар баромад ва фавран бозгашта, телефонашро ба ман дода, гуфт:

- Бо модарам гап занед.

Телефонро гирифтам, ки аз он тараф садои модари Ганҷина меомад:

- Ба ман фарқ надорад, ки ту аз куҷо шиноснома меёбӣ ва ба номи кӣ ба расмият медарорӣ. Духтари ман аз Вавилон берақам набарояд. Фаҳмидӣ?!

Ман ҳам хуб гуфтаму рақамро ба номи худам ба расмият дароварда, дастурро ичро кардам.

ТЕЛЕФОН МАКТАББАЧАҲОРО ДОНО КАРДААСТ

Дар деҳаи Дашти Қозӣ бо Ато Карим - падари Хуршедҷон ҳамсӯҳбат шудем. Вақте сухан аз газетахониву китобхонӣ рафт, эшон гуфтанд:

- Мактаббачаҳо китоб нахонанд ҳам, ҳама доноянд.

Гуфтам:

- Чӣ тавр?

Гуфтанд:

- Аз фанни таърих имтиҳон гирифтам. Аз 25 нафар хонанда 21 нафарашон баҳои 5 гирифтанд ва ҳамагӣ 4 нафарашон баҳои 4. Ҳатто сехонҳо баҳои 5 гирифтанд. Ин ҳама бо шарофати телефони мобилӣ аст. Саволҳо дар интернет будааст. Яке бо телефон пайдо кардаву дигар ҳама рӯйбардор кардаанд.

Хандида, гуфтам:

- Устод, худ қазоват кунед, вақте хонанда ба ҳама саволҳо дар 20 дақиқа ҷавоб меёбад, чӣ зарур аст, ки моҳҳо нишаста, китоб хонад!?

МАН ИНҶО МЕШИНАМ, ШУМО БОЛО БАРОЕД

Мо - 5 нафар рӯзноманигорон барои хӯроки бегоҳирӯзӣ ба тарабхонае рафтем. Чун гарм буд, тасмим гирифтем, ки

дар берун дар рӯи кат нишаста, бо фароғат таом хӯрем. Ҳар яке аз мо дигаронро эҳтиром карда, мехост худ дар курсии дар назди кат гузошташуда нишинад ва ба боло набарояд. Ин аст, ки ба якдигар мегуфтем:

- Шумо боло бароед, ман инҷо мешинам.

Вақте дидам, ки касе боло баромадан намехоҳад, ҳисси кунҷковиам боло гирифту гуфтам:

- Бачаҳо, шумо боло бароед, ман дар курсӣ мешинам, чунки пойпӯши ман дарида аст ва ман пойафзоламро кашидан намехоҳам.

Ин вақт ҳама бо як овоз гуфтанд:

- Аз мо ҳам.

Танҳо баъди ин посух сабаби дигаронро эҳтиром карда, ба боло раҳнамоӣ кардан маълум шуду ҳама бо дили пур пойафзолҳоро кашида, болои кат баромадем.

МО БАРОИ МЕҲМОН ПИЁЛА НАДОРЕМ

Ба идораи нашрияи «Тоҷикистон» меҳмон шудам. Устод Аҳмадзода хеле хуш қабулам карданду хостанд бо чой меҳмондориам кунанд. Ҳама ҷойро кофтанд, вале як пиёла ҳам пайдо накарданд. Он гоҳ ба яке аз ҳамкоронашон муроҷиат карда, гуфтанд:

- Як пиёла те, то ман ба Холиқназар чой резам.

Ӯ гуфт:

- Устод, мо фақат яктогӣ пиёла барои коргарон дорем. Барои меҳмон пиёла надорем.

ҲАСАНИ ЧОРИЛЛА

Ҷиянчаи хурдакакам, ки дар боғчаи бачагона парвариш меёбад ва хеле хуб хондаву навишта ҳам метавонад, дар паҳлуи ман назди компютер нишаста буд. Ман суруди ҳаҷвии Ҳасани Чилларо бо номи «доллар» тамошо мекардам. Ӯ ҳам ба компютер нигариста, бо овози баланд хонд:

- Ҳасани Чорилла.

Пурсидам:

- Кӣ?

Боз такрор кард:

- Ҳасани Чорилла.

Вақте хоҳиш кардам, ки хондаашро ҳарф ба ҳарф нишон диҳад, маълум шуд, ки кӯдак ҳарфи «ч»-ро «чор» пиндошта, ба ҷои Чилла Чорилла хондааст.

Хандидаму гуфтам:

- Агар ин хондани туро Ҳасани Чилла шунавад, ҳатман дар ҳаққи ту ҳам як суруди ҳачвӣ менависад.

ЗИМИСТОН ХОБ МЕРАВЕМ...

Шаб соати 8 ба яке аз дӯстонам, ки дар деҳа зиндагӣ мекунад, занг задам. Аз сӯҳбат маълум шуд, ки онҳо ҳама аллакай хоб рафтаанд. Гуфтам:

- Чаро ин қадар зуд хоб меравед?

Гуфт:

- Худо ба мо роҳатро ато кардааст. Баркро соати 7 куштанд. Дигар чӣ кор ҳам карда метавонем? Аз аввали бегоҳ таги ҷогаҳ медароем.

Гуфтам:

- Бахт бахти шумо, зимистон мисли хирс мехобеду тобистон кор мекунед.

Бо хандаи қаҳ-қаҳа гуфт:

- Зимистон мо фақат хоб мекунему нақшаи демографиро иҷро мекунем ва тобистон зоишгоҳҳоро ба иҷора мегирему ҷайби духтуронро пур мекунем.

АНДОЗАИ ПОЯТОН ЧАНД АСТ?

Додарам Абдуназар аз Маскав занг зада, пурсид:

- Ако, андозаи поятон чанд аст?

Гумон кардам, ки бароям пойафзол фиристодан мехоҳад. Ин аст, ки зуд ҷавоб додам:

- 43.

Гуфт:

- Бо ҳамин андоза барои худ ягон пойафзоли гарм харед, ки ҳаво имсол сахт хунук мешудааст.

Хандида гуфтам:

- Боз ман хурсанд шудам, ки ту ба ман пойафзоли гарм фиристодан мехоҳӣ.

НАФАҚАИ ХАРОНА
(Аз сӯҳбати ду мӯйсафед)

- Ту чанд сомонӣ нафақа мегирӣ?
- 500 сомонӣ. Ту чӣ?
- Ман ҳамагӣ 150 сомонӣ мегирам.
- Чаро аз ту кам аст?
- Намедонам, ту дар ҷавонӣ фақат фиреб карда мегаштиву кори сиёҳро надида, нафақаи хуб мегирӣ, вале ман ҳама умр мисли хар кор кардаму нафақаи ночиз мегирам.
- Ту мисли хар кор кардӣ, барои ҳамин ҳам нафақаи харона мегирӣ,- хандакунон гуфт дуввумӣ.

«ПЕРЕЗАГРУЗКА»-И ЗИЁД ВИНДОВСРО МЕПАРОНАД

Шаб, баъди ҷашни матбуот хеле нишастем. Саҳар бо азоб аз хоб хестам. Сар хеле вазнин. Пойҳоям ба худам итоат намекарданд. Бо хеле душворӣ худро ба даст гирифта, ба кор омадам. Кор кардан ҳам душвор буд. Ин аст, ки «як сарамро перезагрузка диҳам» гуфта, ба берун баромадам ва барои тоза кардани сар 100 грамм шароб нӯшида, баргаштам. Ба назарам каме беҳтар шудам, вале ҳанӯз кор кардан душворӣ мекард ва ҳоло ҳам чизе намерасид. Ин аст, ки аз нав баромаданӣ шуда, гуфтам:

- Ман як «перезагрузка»-и дигар дода, бармегардам.

Ҳамкорам хандакунон гуфт:

- Эҳтиёт шавед! Перезагрузкаи зиёд виндовсро мепаронад.

ДЕПУТАТИ ШАҲРӢ

Акои Саъдулло дар мағозаи деҳа кор мекарданд. Барои ҳамаи мо он кас «магазинчӣ» буданд. Лекин дар ҳама сӯҳбатҳо ва ҳама вохӯриҳо ҳамеша худро депутати шаҳрӣ муаррифӣ карда, мегуфтанд:

- Ман депутати шаҳриям. Чӣ мушкилие доред, ба ман муроҷиат кунед. Ман онро ҳал мекунам.

Агарчи дар мағозаҳои дигар камбудии маҳсулот зиёд дида мешуд, дар фурӯшгоҳи акаи Саъдулло ҳамеша ҳама намуди маҳсулот фаровон буд. Вақте аз асрори он пурси-

данӣ мешудем, боз ҳам ҳамон ҷавобашон тайёр буд: «Ман депутати шаҳриям». Аксар ба ин гуфтаҳо бовар ҳам мекарданд.

Рӯзе гуфтаҳояшонро дурӯғ бароварда, исбот карданӣ шудем, ки он кас депутати шаҳрӣ нестанд. Моро ҷиддӣ гӯш карда, хандида, гуфтанд:

- Ман худро депутати ягон шаҳр нагуфтаам, депутати шаҳрӣ гуфтам. Чунки Шаҳрӣ номи занам аст ва ман депутати ӯям.

ФАРҚИЯТИ «ТАҒА» АЗ «ТАҒО»

- «Таға» аз «тағо» чӣ фарқ дорад?,- пурсидам аз ҷияне.

Гуфт:

- Таға зӯр аст, ӯ воситаат мешавад, коратро буд мекунад ва пуштибонат мешавад, тағо не.

Гуфтам:

- Пас ман «таға»-ам ё «тағо»?

Хандиду гуфт:

- Шумо тағоед, чунки аз дастатон коре намеояд.

БИСМИЛЛОҲ НАГУФТАМ, ШАЙТОН ҲАМРОҲ ШУД

Дар тарабхонае нишаста, ош фармудам ва танҳо ба хӯрданаш шурӯъ кардам. Ин замон рафиқе пайдо шуд ва баъд аз салому алейк ӯ низ ба наздам нишаста, даст ба табақи ош бурда, гуфт:

- Биё ба ошхӯриат шарик шавам, ки «ба шахси танҳо шайтон ҳамроҳ мешавад» мегӯянд.

Хандидаму гуфтам:

- Мӯйсафедон мегуфтанд, ки «агар бе бисмиллоҳ ба хӯрдани таом оғоз кунӣ, шайтон ҳамроҳ мешавад». Ин гап рост будааст. Хӯрокро бе бисмиллоҳ оғоз карда будам, ки ту омадӣ.

«ПИСАРҶОНИ ОЧЕШ»

Писари хурдиам Ӯктамҷонро каме сарзаниш ва барои беадабиаш муҷозот кардам. Аввал каме қаҳр карду баъдтар аз ҷояш бархост ва омада бо ҷаҳл телефони маро гирифта ба гӯшае рафта нишаст. Вақте пурсон шудам, ки бо теле-

фон чӣ кор мекунӣ, гуфт:

- Номамро дигар мекунам.

Гуфтам:

- Чӣ гуна?

Телефонро ба дастам дода, гуфт:

- Ана ин хел. Номи ман дар телефонатон «Писарҷони дадеш» буд, ман «Писарҷони очеш» навиштам.

«Ана инро эътирози тифл мегӯянд»,- гуфтам ҳуд ба ҳуд.

АЗ МАРДУМИ ПУРГУНОҲ САВОБ ГИРИФТА МЕШАВАД?

Дар «Буғи шифо»-и Хоҷа Оби Гарм пешхизмат ба нафаре эрод гирифта, ӯро барои ҷамъ накардани либосҳояш сарзаниш кард. Мӯйсафеде ӯро насиҳат карданӣ шуда, гуфт:

- Писарҷон, ба ҳама хизмат кун, савоб мегирӣ.

Пешхизмат норозиёна гуфт:

- Ин ҷо нишастаҳо ҳама ғарқи гуноҳанд, бобоҷон. Магар аз одамони пургуноҳ ҳам савоб гирифта мешавад?

ҲАМАРО ОЛИМ КАРДУ ХУД ОДАМ БОҚӢ МОНД

Дар даврае чун сухан аз Хуршеди Атовулло рафт, нафаре гуфт:

- Шогирдони Хуршед имрӯз дар мартабаҳои калон кор мекунанд, рисолаҳо навиштаву номзадҳои илм ва ҳатто доктор шуданд. Аммо чаро Хуршед ҳуд ба роҳи илм нарафт?

Хандидаму гуфтам:

- Ӯ ҳамаро олим карду худаш одам боқӣ монд.

ШУМО БА БАЧАҲО НИГОҲ НАМЕКУНЕД

Баъд аз кор хаста ба хона баргашта, нав либосҳоямро иваз кардаву нишастанӣ шудам, ки очаи бачаҳо аз бепарвоии ман шикоят карда, гуфт:

- Шумо вақтҳои охир ба бачаҳо нағз нигоҳ намекунед.

Бачаҳоро паҳлуи ҳам шинонида, дар рӯ ба рӯяшон нишаста, хеле ба онҳо нигаристам. Занак ҳайрон шуда, гуфт:

- Шумо чӣ кор карда истодаед?

Гуфтам:

- Худат гуфтӣ-ку: «Ба бачаҳо нигоҳ намекунед». Ман нигоҳ кардам.

АЙ БАЧА, БУҶУҚ, ҲАМИҶАДАЕМ КУ

Аз самти Данғара ба Душанбе меомадем. Дар нимароҳ корманди БДА ишора кард, ки дар шафати роҳ мошинро нигоҳ дорем. Ронанда нав манъ карданӣ буд, ки мусофири дар пеш нишаста гуфт:

- Ай бача, буҷуқ, ҳамиҷадаем ку.

Ронанда ҳам дилпур шуда, газро пахш карда, ба роҳи худ идома дод ва баъди дур шудан аз БДА ба мусофири шуҷоъ нигариста, гуфт:

- Акаҷон, чикорай?

Гуфт:

- Бекор.

- Эҳа, агар корманди БДА аз пасамон омада, маро мекапид, чӣ кор мекардам?,- якбора дар ҳайрат шуда, пурсид ронанда.

Хандиду гуфт:

Ҷаримара месупоридиву мерафтем.

АЙ ХУДОҶОН, ҲАМИРА БТЕШ!

Бо сафари хизматӣ дар шаҳри Кӯлоб қарор доштам. Дар тарабхонае ба меҳмонӣ даъватам карданд. Дар атрофи хони пур аз нозу неъмат сӯҳбат ба қавле «хеле тафсид». Ҳангоми ҷамъбаст мизбон суханро ба ман дода, гуфт:

- Мо ҳама гапамонро гуфтем меҳмон, омин аз шумо.

Ман аз ҷой бархостам ва даст бар дуо бурдаму гуфтам:

- Соҳиби таомро амонаш деҳ,
Баракати Хизр дар маконаш деҳ.
Ман намедонам дар дили ӯ чист,
Ҳарчӣ хоҳад, худо, ҳамонаш деҳ.

«Соҳиби таом» бо шӯхӣ ба пешхизмат, ки духтари хеле зебо буд, нигариста, гуфт:

- Ана ҳаминро мехоҳам.

Ба осмон нигариста, даст ба дуо бурда, гуфтам:

- Ай худоҷон, ҳамира бтеш!

«ДАРСИ ТАРБИЯВӢ»

Ба идорае барои коре рафтам. Вақте аз раис пурсон шудам, котиба гуфт:

- Раис дар дарсанд.

- Дарси чӣ? Боз раиси шумо дарс ҳам медиҳанд?,- ҳайратомез пурсидам.

Гуфт:

- Дарси тарбиявӣ дар мавзӯи оила. Раиси мо ҳар ҳафта ба кормандон чунин дарс мегузаранд.

- Эҳе, боз дарси тарбиявӣ? Дар мавзӯи оила? Аз тарафи раисе, ки чор зан дорад?,- гӯён, хандидаму илова кардам:- Не, боварам намеояд.

Хандиду гуфт:

- Агар бовар накунед, марҳамат, дароед. Ду соат иштирок кунед, оилаатонро нав мекунед.

Гуфтам:

- Не, чунин дарс намехоҳам.

БО МАН МУСОҲИБА КАРДАГИҲО МУРДАНД
(Аз сӯҳбат бо Эҳсони Хушвахт)

- Эҳсонҷон, дигар дар Вазорати маориф касе бо ман мусоҳиба намекардагист-а?

- Чаро?

- Ана бинед, баъди мусоҳиби ман Раҳматулло Мирбобоевро аз вазифаи муовини якуми вазири маориф ва илм гирифтаву ба нафақа фиристоданд.

- Шумо ба хайр, ки ба нафақа мегуселонед. Вақти дар донишгоҳ буданам барои «Ба қуллаҳои дониш» бо се нафар мусоҳиба кардам, вафот карданд... Баъд умуман бас кардам мусоҳиба карданро...

- Аз шумо вазнинтар будааст.

ФРАКСИЯИ АРАҚХЎРҲО ДАР ДОХИЛИ ҲИЗБ

Рӯзноманигори шинохта Мӯъмин Аҳмадӣ аз ман пурсид:

- Шумо узви кадом ҳизбед?

Гуфтам:

- Узви ҳеҷ ҳизбе нестам.

Боз пурсид:

- Дар интихобот ба кадом ҳизб овоз медиҳед?

Хандидаму гуфтам:

- Ба ҳамон ҳизбе овоз медиҳам, ки фраксияи аракҳӯрҳо дошта бошад.

- Чунин ҳизб нест,- гуфт хандида.

Гуфтам:

- Ин тавр бошад, ҳар ҳизбе, ки маро қабул кунад, дар дохилаш худам фраксияи аракҳӯрҳоро ташкил мекунам. Боварӣ дорам, ба зудӣ аъзояш зиёд хоҳад шуд ва тарафдоронаш низ.

МИННАТДОРӢ БА РӮЗНОМАНИГОР
(Нимшӯхию нимҷиддӣ)

Аз деҳаҳои Гулистон, Бӯстон (агарчи аз ташкилшавии Бӯстон 23 сол гузашт, ҳанӯз дар харитаи нақшаи генералии шаҳри Панҷакент чунин деҳа нест), Некноти нави Панҷакент ба ман занг зада, миннатдорикунон гуфтанд:

- Ташаккур рафиқ рӯзноманигор, ки мушкилоти беобии деҳаҳои моро расонаӣ кардед ва каме ҳам бошад, ин мушкилро ҳал намудед.

Хурсанд шуда, пурсидам:

- Оё баъд аз чопи мақолаи ман масъулини шаҳри Панҷакент ба деҳаҳо бо қубур об оварданд ва ё ба канал об сар доданд?

Хандиданду гуфтанд:

- На ину на он. Агарчи навиштаҳои шумо то ба масъулини ноҳия нарасид, вале ба гӯши худованд расид. Инак як ҳафта шуд, ки барфу борон фаровон шуду мо хеле об захира кардем.

МАН ЯК БЕОБРӮЯМ

Хуршед бо чанд нафар аз рафиқон ба хонаи ман меҳмонӣ омаданд. Дастархон кушодему чой дам кардем ва хӯрок кашида, аз Хуршед пурсидам:

- Хуршедҷон, шароб ҳам биёрам?

Гуфт:

- Ҳарчӣ биёрӣ, обрӯи худат.

- Ин тавр бошад, намеорам,- гуфтам ва пас гаштанӣ будам, ки ҳайрон шуда, пурсид:

- Чаро намеорӣ?

Гуфтам:

- Чунки ман як беобрӯям.

МЕҲМОНИ ХОНДАГӢ

Ба Файзобод рафтем ва бе талабу дархост ва бе огоҳии пешакӣ меҳмони Хоҷаев Фазлиддин шудем. Аз Фазлиддин барои дар ҳолати ногувор монондани эшон бахшиш пурсиданӣ шуда, гуфтам:

- Бубахшед, ки меҳмони нохонда шудем.

Фазлиддин хандида, гуфтанд:

- Шумо меҳмони хондагӣ ҳастед. Зеро шумо диплом доред. Фақат хондагиҳо ҳамин хел бе огоҳӣ ба меҳмонӣ мераванд.

ҶИНСИЯТИ НОФАҲМО

Бонуе субҳи барвақ занг зада, маро бо фарорасии Рӯзи Қуввахои мусаллаҳ табрик карда, гуфт:

- Ҳозир Насимзода Муҳаббатро фиристодем, ӯ шуморо расман табрик карда, туҳфаи моро бароятон дастрас мекунад.

Ба ӯ ташаккур гуфта, интизори меҳмон шудам. Аз номи Муҳаббат тахмин задам, ки ҳатман духтар аст. Бинобар ин, дастагуле харида, чанд байти зебо ҳам тайёр карда, омодаи қабули бонуи зебое шуда нишаста будам, ки як ҷавони ранги худам офтобсари мӯйлабдор пайдо шуда, бастаеро ба дастам дода, гуфт:

- Ин туҳфа аз фалонӣ аст ва илова кард: «Дар даст гул доред, ягон бонуеро интизоред?».

Ман аз чунин ранг гирифтани кор якбора дасту по гум карда, аз ҷоям бархоста, бо ҷавон вохӯрдӣ карда, тӯҳфаро аз дасти ӯ гирифта, изҳори сипос кардам ва гулдастаро ба дасташ дода, гуфтам:

Ин дастагулро ба раисаатон диҳед. Маҳз барои он кас харида будам.

Ӯ рафту худ ба худ гуфам: «Пештар аз рӯи насаб зан ё

мард будани одамонро фарқ мекардем, имрӯз, ки марду зан насаби «зода»-ро гирифтаанд, ҷинсиятро чӣ хел муайян кунем?».

МО МАРДҲОЕ, КИ ЗАНРО ЭҲТИРОМ МЕКУНЕМ

Субҳи барвақт пеш аз кор ба қаҳвахонае дародамам, то қаҳваи талхе нӯшида, бедортар шавам. Чор нафар аз ҳамкасбон низ онҷо нишаста буданду субҳона фармоиш дода буданд. Онҳо маро дидан замон хушҳолӣ карда, гуфтанд:

- Ана, боз як нафари дигар омад, ки занашро ҳурмат мекунад.

Ҳайрон шуда, пурсидам:

- Занҳурматкунӣ яъне чист?

Хандиданду гуфтанд:

- Ҳар нафаре, ки мисли мо субҳонаро дар қаҳвахона мехӯрад, ӯ ЗК нест, балки нафарест, ки занашро ҳурмат мекунад ва субҳгоҳон ӯро ташвиш намедиҳад.

- Фақат эҳтиёт шавед, ки эҳтиром аз ҳад нагузарад. Он гоҳ мисли ман хӯроки бегоҳиатонро низ дар ошхона мехӯреду шабро дар хонаи дигарон мегузаронед,- бо табассум илова кард нафаре аз ҳамроҳон.

АЙ ҲАМИ СВЕТА ХУДАТ БИСЁР МЕОЙ

Нозири барқ барои санҷидани нишондоди нерӯи барқи истифодакардаи як хонавода дар як деҳаи дурдаст дари он хонаро тақ-тақ мезанад. Дарро кампираке мекушояду мепурсад:

- Хизмат бачам?

- Мома, барои ҳисоб кардани пули свет омадам.

Кампир:

- Дар хокои поҳот садқа бачам, неки ай ҳами света худат бисёр меой.

ГӮШВОРАҲОЯТ МИСЛИ ТАМҒАИ КОРОНАВИРУС АСТ

Дар фурӯшгоҳи Садбарг духтаре гӯшвораҳои нав харида, ба гӯшҳояш монда, гаштаву баргашта дар оина худро тамошо карда, аз ҷавони ҳамраҳаш пурсид:

- Чӣ хел? Зебид ё не?

Ҷавон бошавқ ба гӯшҳои ӯ нигариста, гуфт:

- Хеле зебид, бигир!

Духтар пулашро дода, нав аз дар баромаданӣ буд, ки ман гуфтам:

- Гӯшвораҳоят мисли тамғаи коронавирус аст.

Духтар зуд ба қафо баргашта, гӯшвораҳоро баргардониду пулро аз фурӯшанда гирифт. Ман бошам, аз ғазаби фурӯшанда паноҳ ҷуста, зуд аз онҷо дур шудам.

БАХУДО БУЗАЙ

Вақте аз растаи гӯштфурӯшони бозори Саховат мегузаштам, фурӯшанда харидоронро ба хариди гӯшт даъват карда, мегуфт:

- Гӯшти серка дорем, серкаи чорсола.

Хеле вақт ки гӯшти серка нахарида будам, ба назди фурӯшанда омада, ба гӯшт нигариста, гуфтам:

- Аниқ гӯшти серка аст? Фиреб намедиҳӣ?

- Не акаҷон, фиреб намедиҳам. Воқеан гӯшти серка аст,- гуфт дилпурона.

- Ростша гӯям, ба ман гӯшти буз даркор. Ман гӯшти серкаро дӯст намедорам,- гуфта, чунон вонамуд кардам, ки меравам.

Фурӯшанда аз дастам дошта, якбора гуфт:

- Акаҷон, бахудо бузай, бигир!

Хандидаму гуфтам:

- Туро санҷиданӣ шудам, ки рост мегӯй ё дурӯғ. Акнун намегирам.

ХУДО АЗ ЧУНИН КАРҲО НИГОҲАМОН ДОРАД

Аз бозори «Корвон» мебаромадам, ки дар назди дарвоза духтаре бошавқ ба Фарзона Камолова дар бораи нафаре нақл мекард, ки ӯро мешинохтам. Ба Фарзона ишораи хомӯш буданро карда, ба самти дигар нигариста, сӯҳбатро боҳаловат гӯш кардам. Ногаҳон назари духтар ба ман афтода, бо ғазаб гуфт:

- Амакӣ, кор надорӣ, ки гапҳои моро гӯш мекунӣ!?

Бо ишора фаҳмонидам, ки ман кар ҳастам, гапҳои шу-

моро намешунавам. Духтар ором шуда, ба Фарзона нигариста, гуфт:

- Э, ин амакӣ кар будай. Биё ғайбата давом метем.

Фарзона хандида, гуфт:

- Худо аз чунин карҳо нигоҳамон дорад!

ОХИР, АКА, САЛОМ ДОДАНИЯМ

Дар бозори «Корвон» гирудори облава ва гурез-гурези ҷавоне идома дошту соҳибкорон бошавқ тамошо мекарданд. Назари яке аз облавачиён ба мардуми тамошогар афтод. Ӯ бо ҷаҳл гуфт:

- Равед кори худро кунед! Чӣ ин қадар мора тамошо мекунед?

Ман, ки ба онҳо хеле наздик будам, баҳонае наёфта, гуфтам:

- Охир, ака, салом доданиям, нигоҳам намекунӣ.

Облавачӣ ноилоҷ бо ман дастфишорӣ карда, гуфт:

- Ака, саломта кардӣ, бра, молта фурӯш!

ҲАЙФИ МАРДАК

Дар бозорчаи маҳаллаи 33 ба харид машғул будам, ки ҳамкорам Муҳиба пайдо шуда, бо овози баланд гуфт:

- Эҳа, мардак! Шумо ҳанӯз ҳам дар бозоред? Дар хона хӯрокро кӣ мепазад?

Гунаҳкорона гуфтам:

- Бахшиш занакҷон, ки дер кардам, ҳозир харидро мекунаму хона меравам.

Таҳдидкунон гуфт:

- Зуд рафта, ягон хӯроки бомазза пухта истед. Ман имрӯз дертар меоям.

“Хуб, хуб” гуфта, чизҳои харидаамро гирифта, равон шудам. Овози занҳои фурӯшанда ба гӯшам расид, ки мегуфтанд:

- Ҳайфи мардак!

ДИГАР ХОБАМ НАБУРД...

Ҳамкорамон Муҳаммади eshop субҳ ба кор дер омад. Вақте сабаб пурсидем, гуфт:

- Нисфи шаб бедор шудам, дигар хобам набурд. Қариби субҳ хобам бурда мондааст, барои ҳамин дер кардам.

Мо пурсидем:

- Ту дар як моҳ чанд маротиба дер мекунӣ?

Гуфт:

- Як марротиба.

Ҷозиба хандида, гуфт:

- Хайр биёед бубахшемаш. Бечора худаш шабона дар як моҳ як маротиба бедор мешудааст.

ДУО МУСТАҶОБ ШУД

Ин субҳ нафаре ба ман дуои нек карда, гуфт:

- Худованд ба ҷои яки додаат даҳ баргардонад. Омин!

Ташаккур гуфта, ба ҷои кор омадам ва як саҳифа мавод ба забони русӣ омода карда, барои таҳрир ба нафаре фиристодам. Ӯ таҳрир карда баргардониду фавран ба ман барои таҳрир 10 саҳифа матни тоҷикӣ фиристод.

Гуфтам:

- Ин саҳар нафаре ба ман дуои нек карда буд. Шахси бузург будааст, дуояш зуд мустаҷоб шуд.

Гуфт:

- Чӣ хел дуо?

Гуфтам:

- Ӯ дуо карда буд, ки «ба ҳар кӣ як диҳӣ, даҳ баргардонад». Инак, ба ту як саҳифа дода, даҳ саҳифа гирифтам.

Хандиду гуфт:

- Дуои хуб набудааст.

ПАДАРАРӮСАМ МУРДАНД

Ба беморхонаи Истиқлол хушдомане келини беморашро овард. Бемор аз дарди сар, бехобӣ ва афсурдагӣ шикоят дошт. Баъд аз гузаронидани ташхис, санҷидани фишор ва ҳарорат духтур аз бемор пурсид:

- Шумо дар зиндагии оилавиатон мушкилие доред?

Бемор гуфт:

- Не.

- Шавҳаратон ҷанг мекунад?

- Не.

- Бо хушдоман тез-тез ҷанҷол мекунед?
- Не.
- Пас чаро ин қадар ғӯсса мехӯред?
Арӯс шояд ҷавобе наёфт, ки гуфт:
- Падарарӯсам мурданд.
- Чанд вақт шуд?
- Се моҳ.
- Чандсола буданд?
- 75.
Духтур ӯро таскин доданӣ шуда, гуфт:
- Мо ҳама мирандаем. Падарарӯсатон 75-сола будаанд, яъне умри хуб дидаанд. Худ ва асабҳоятонро эҳтиёт кунед. Барои падарарӯс ин қадар ғусса нахӯред.
Хушдоман бо нимханда гуфт:
- Ин кас барои падарарӯс не, барои нафақаашон ғусса мехӯранд. Зеро чанд сол боз нафақаи падарарӯсашонро ҳамин кас мегирифтанд.

БА ҲАМААШ ТУРСУНЗОДА ГУНАҲГОР

Хостам, ки дар бозори Лужникии шаҳри Маскав бо аробакашҳои тоҷик мусоҳибае анҷом дода, аз кору бор, даромад ва зиндагиашон гузорише пахш кунам. Ҷавоне баъд аз фаҳмидани ҳадафи ман, аробаашро ба як тараф гузошта, аз кори ман норозигӣ карда, гуфт:
- Акаҷон, бе ин ҳам мо тоҷикон дар ин бозор обрӯву нуфузе надорем. Гузориш карда, моро аробакаш гуфта, обрӯямонро нарезон. Мон ки чӣ тавре метавонем, зиндагиамонро пеш барем.
Носир Расулӣ, ки дар паҳлуи ӯ буд, гуфт:
- Гуноҳи мо нест, ки имрӯз ароба мекашем. Ба аробакашии мо тоҷикон Мирзо Турсунзода гунаҳгор аст.
- Мирзо Турсунзода чӣ гуноҳ дорад?,- ҳайрон шуда пурсидам.
Хандиду гуфт:
- Агар дар вақташ ӯ ба ҷои достони «Ҳасани аробакаш» достони «Ҳасани кайҳонавард»-ро менавишт, имрӯз мо шояд на аробакаш, балки кайҳонавард мешудем.

МАГАР МОШИНРО БО ПУЛИ МАОШ МЕХАРАНД?

Аз дӯсти мансабдорам пурсидам:

- Чӣ қадар маош мегирӣ?

Гуфт:

- 1800 сомонӣ.

Ба мошини гаронбаҳояш нигариста, гуфтам:

- Бо чунин маош чӣ гуна мошин харидӣ?

Хандиду гуфт:

- Магар мошинро бо пули маош мехарад?

ЛАБИ ҶӮЙ ОМАДА ШИНЕД

Баъд аз табобати коруно ба деҳа баргаштам ва 14 рӯз гӯшанишинӣ кардам. Касе ба диданам намеомад ва агар ягон нафар меомад, ба ман наздик нашуда, аз дур аҳволпурсӣ карда, бармегашт. Ҳатто бархе «ин вирус дорад» гуфта, кӯшиш мекарданд роҳашонро дигар кунанд.

Субҳе писари хурдиам, ки замини назди ҳавлиро обёрӣ мекард, гуфт:

- Дадаҷон, баромада камтар лаби ҷӯйба шинед.

Ҳайрон шуда, пурсидам:

- Чаро ман бояд баромада лаби ҷӯй шинам?

Хандида, гуфт:

- Ҳамсояҳо обро гардонида истодаанд. Шумо агар баромада лаби ҷӯй шинед, онҳо вирус гуфта мегурезанд, ман заминро обёрӣ мекунам.

ХОСТГОРӢ

Дӯсти наздике писарашро зан доданӣ шуд ва хоҳиш намуд, ки ҳамроҳаш ба ҷое хостгорӣ равам. Ман қабул кардам. Дар хонаи арӯсшаванда моро нағз қабул карданд, дастархон кушоданд ва ҳатто шишаи шароб ҳам гузоштанд. Падари арӯс шаробро ба қадаҳҳо рехта, яктогӣ ба ҳама тақсим кард. Падари домод узр хоста, гуфт:

- Бубахшед, ман наменӯшам.

- Чӣ хел наменӯшед? Агар нанӯшед, маслиҳатамон намепазад,- гуфта, падари арӯс илова кард:- Ман духтарамро ба нафаре медиҳам, ки бо ман шароб нӯшад. Ҳар вақте ба дидани духтарам равам, ба ман шароб резад.

Падари домодшаванда ноилоҷ қадаҳро бардошт.

Баъд аз гирифтани нахустин қадаҳ падари арӯс ба ҷои таъриф ба танқиди духтараш оғоз карда, гуфт:

- Ман намедонам духтари маро кадом сифаташ ба шумо маъқул шудааст, ки хостгорӣ омадед. Ӯ ҳеҷ ҳунаре надорад. Ҳатто хӯроки хуб пухта наметавонад.

Падари домод гуфт:

- Шумо ин тарафашро фикр накунед, занак кайвонаи хуб аст, пухтани ҳама гуна хӯрокҳоро меомӯзонад. Баъди як моҳ ба хонаатон омада, чунон хӯрокҳои болаззат мепазад, ки аз хӯрданаш ҳаловат мебаред.

- Ӯ ҳатто гов чӯшида наметавонад.

- Зиқ нашавед, зарурат ба говчӯшӣ нест, ягона говам дирӯз мурд,- гуфт афсӯсхӯрон падари домодшаванда.

Падари духтар боз ҳам духтарашро танқид карда, гуфт:

- Духтари ман зуд-зуд асабӣ мешавад. Ҷанҷолу харҳаша мекунад. Чунин арӯс ба шумо чӣ лозим?

- Ҳеҷ гап не, таскинбахшҳои зиёд дорем, оромаш мекунем,- боз ҳам бо дили пур ҷавоб дод қудошаванда.

Хуллас, падари арӯс ҳарчӣ мегуфт, падари домод қабул мекард ва барои ҳамаи танқидҳои ӯ ҷавоб меёфт, ҷавобҳои қонеъкунанда. Падари арӯс дар ғазаб шуда, гуфт:

- Агар виндовси сари духтари ман парад чӣ? Ҳавлиатро ба сараш бардорад чӣ?

Ман қадаҳи дуюмро бардошта, ба баҳс ҳамроҳ шуда, гуфтам:

- Амакҷон, парво накунед. Писари қудоятон барномасоз аст. Даркор шавад, ҳар рӯз худаш виндовси сари духтаратонро удалит карда, ба ҷояш виндовси нав мезанад.

Соҳиби духтар баланд хандида, «барои ин гап боз нӯшидан даркор» гуфта, аз нав қадаҳҳоро пур карда, гуфт:

- Бо нашавад, ки бо виндовсҳои писари барномасози қудо ҳофизаи духтари ман парад ва роҳи хонаи падарашро гум кунад?

Гуфтам:

- Ҳофизаву роҳро гум кунад, ба фоидаи шумо. Пеш кунанд ҳам, намеояд.

ДАЛЛОЛУ МОЛРО ПАРТОФТА ГУРЕХТАМ

Молхарӣ рафта, аз бозор ҳамагӣ 2 кило гӯшт харида, ба хона баргаштам. Занак маро дида, ҳайрон шуда, пурсид:

- Шумо ин саҳар магар барои хариди мол нарафта будед? Гуфтед як гӯсфанд оварда мекушам. Чаро дасти холӣ омадед?

Хандидаму гуфтам:

- Як даллоли хуб ёфта, як гӯсфанди зӯрро савдо карданӣ шудам. Вақте нархашро фаҳмидам, гуфта, даллолу молро партофта гурехтам.

КОРОНАВИРУС САМТИ ТАРСРО ТАҒЙИР ДОД

Бонуе ба ман занг зада, бо шӯхӣ гуфт:

- Пештар мегуфтед, ки шабҳо аз танҳо хоб рафтан метарсед ва гоҳ - гоҳ барои он ки натарсед, маро ба хона даъват мекардед. Шунидем, ки боз танҳо шудаед, вале чаро ҳамхоба намекобед?

Хандидаму гуфтам:

- Коронавирус самти тарси мардҳои танҳоро тағйир дод. Пештар аз танҳоӣ метарсидем, ҳозир аз ҳамхоба.

РЕЙД

Нисфишабӣ дар гардиши назди фурудгоҳ чароғак ҳанӯз сабз ношуда, саросемавор гузаштам. Нохост аз гӯшае корманди БДА, марди тақрибан 40-солае пеш баромада, мошинро манъ кард. Мошинро нигоҳ дошта, оинаро фаровардам. Ӯ наздик омад ва худро муаррифӣ карда, гуфт:

- Гуноҳатро медонӣ?

Гуфтам:

- Бале, рафиқ сардор. Гуноҳамро медонам.

Гуфт:

- Магар чароғакро надидӣ?

Суханро ба шӯхӣ тоб дода, гуфтам:

- Бахудо, рафиқ сардор, чароғакро дидам, вале худатро надидам.

Ӯ ҳам хандида, гуфт:

- Одами шӯх менамоӣ, бо ту гап задан осонтар аст. Ҳуҷҷатҳоро гирифта назди ман биё.

Ман ба ҷои ҳуҷҷатҳо як 20-сомона гирифта, наздаш омадам ва ба ӯ дароз карда, аз саросема буданам ҳарф зада, хоҳиш кардам, ки маро зуд ҷавоб диҳад. Ӯ ҳам, бе ҳеҷ дудилагӣ 20-сомонаро ба ҷайбаш заду маро ҷавоб дод. Мошинро ба ҳаракат дароварда, ба роҳи худ идома додам. Баъди чанде санҷиданӣ шудам, ки оё кормандони БДА аз гирифтани пора метарсанд ё не. Аз самти дигар наздаш омада, мошинро нигоҳ дошта, аввал рақамҳои мошинашро навишта кардам ва аз мошин фаромада наздаш омада, гуфтам:

- Рафиқ сардор, чандсолаед ва чанд фарзанд доред?

Ҳайрон шуда, пурсид:

- Тинҷӣ аст?

Гуфтам:

- Тинҷӣ, тинҷӣ. Мо рӯзноманигорон имшаб якбора дар чанд гӯшаи шаҳр рейд гузаронида истодаем. Ҳозиракак ман ба шумо 20 сомонӣ дода, рақами мошинатон ва вақту соати пул гирифтанатонро навишта кардам ва бояд фардо дар нашрия дар ин бора менавиштам, вале дидам, ки инсони хубед ва муносибати хуб доред. Бинобар ин, виҷдонам қабул накард, ки зидди шумо мақолае кунам ва шуморо аз сарчашмаи даромадатон маҳрум созам.

Ӯ як ба ман ва як ба рақамҳои дар варақ навиштаи мошинаш нигариста, тааҷҷубомез гуфт:

- Акаҷон, барои ин некиат чӣ хизмат кунам?

Гуфтам:

- Чӣ хизмат ҳам мекардӣ? Ҳамон маблағи додаамро баргардон, тамом.

Ӯ як садсомониро дароз кард, вале ман рад карда, пули худамро талаб кардам. Маблағро баргардонид ва хеле миннатдорӣ карда, рақами телефонашро низ дода, гуфт:

- Акаҷон, ҳар вақте дар БДА мушкиле пеш омад, занг зан. Ҳама мушкилта ҳал мекунам. Фақат илтимос, чизе нанавис.

Ман ҳам рақами телефонашро навишта, бо ӯ хайрухуш карда, худ ба худ гуфтам: «Виҷдон набошад ҳам, тарс буда-

аст. Тарси бадном шудан, тарси аз кор рафтан. Ба ҳаминаш ҳам шукр».

ПАС, ДАР ПУШТИ МАН БИХОН

Бо Хуршед, Лутфулло, Зоҳир ва Шарифи Атовулло дар бӯстонсарое истироҳат доштем. Ман ош мепухтаму Зоҳир суруд мехонд. Вақте ошро дам дода, омада рӯ ба рӯи Зоҳир нишастам, ӯ якбора хонданро бас карда, гуфт:

- Ман дар пеши шумо суруд намехонам.

Рӯямро ба тарафи дигар гардонида, гуфтам:

Дар пешам хонда натавонӣ, дар пуштам бихон.

КАЙФ КАЙФИ ШУМО

Субҳи барвақт мо ҳамроҳи Хуршеди Атовулло ва Зоҳири Сайфулло бо нияти сафари Искандаркӯл ба роҳ баромадем. Раҳораҳ Зоҳир бо овози форами худ шеър мехонду мо бо фароғат гӯш мекардем ва ҳар лаҳза кафкӯбӣ карда, “офарин” мегуфтем. Ӯ баъди чанде хондани сурудеро аз Меҳринисо сар кард, ки бо чунин байтҳо оғоз меёфт:

Ишқи ман чун раъду барқи зиндагӣ,
Дар самои қисматам рахшиду рафт.
Офтоби нурбахши зиндагӣ,
Бар гули армони ман хандиду рафт.
Ҷилваи нури худоӣ лаҳзае,
Бо таманнои дилам рақсиду рафт.
Дар сароби гунаҳои сурхи ман,
Моҳии лабҳои ӯ лағжиду рафт.

Шеър басо ҷолиб буду ҳамаро ба ваҷд меовард. Ӯ ҳанӯз ғазалро ба итмом нарасонида, ман шӯхиомез гуфтам:

- Не, нашуд.

- Чаро нашуд?

- Чунки ин шеърро шоира навиштааст ва ба мард муроҷиат дорад. Хоҳӣ, ки ба дигарон таъсир расонад, бо овози бонуҳо бихон.

Лаҳзае дар ғазаб шуду гуфт:

- Садқаи шеъру садқаи овози ман шавед. Бахудо кайф кайфи шумо, на ақл дореду на фаҳмиш.

ШАШ ЗАРБИ ШАШ

Солҳои пеш чунин расме буд, ки вақте ҳар нафаре аз пойтахт ё ягон шаҳри дигар ба деҳа меомад, кулли ҳамдеҳагон ба зиёрataш меомаданд. Соли сеюми донишҷӯиям буд. Фасли зимистон вақте ба деҳа баргаштам, бобои Абулфайз (Розиқов Абулфайз, худо раҳматашон кунад), ки одами хеле шӯх буданд, ҳамроҳи чанд мӯйсафеди деҳа ба диданиам омаданд. Он кас ҳамеша бо саволҳои аҷиби худ донишҷӯйро санҷида, ғофилгир мекарданд. Баъди каме нишастану ҳолпурсӣ, аз ман пурсиданд:

- 6 зарби 6 чанд мешавад?

Гуфтам:

- 36.

Хандиданду гуфтанд:

- О, шаш зарби 6 дар мактаби миёна ҳам 36 буд. Агар дар мактаби олӣ ҳам ин шумора бетағйир монад, пас чӣ зарурият барои 5 сол хондан аст? панҷ сол заҳмат кашида мехонӣ, ақаллан шаш зарби шаш чил шавад.

ЧАРО САРИ ИН АЛАФ ХАМУ САРИ ИНАШ БАЛАНД?

Боре бобои Абулфайз ду намуди алафро ба ман нишон дода, пурсиданд:

- Чаро инаш рост истодаву сараш баланд ба осмон менигарад, аммо инаш миёнаш качу сараш хам ба замин менигарад.

Гуфтам:

- Шояд навъаш ҳамин тавр бошад, ки яке рост меистаду яке сархам.

Хандиданду гуфтанд:

- Не, наёфтӣ. Оне, ки миёнаш росту сараш баланд ба осмон менигард, маълумоти олӣ дорад, даст дар киса пул меёбад. Инаш, ки сараш хам аст, нохонда аст, мисли ман фақат каланд мезанад. Агар хоҳӣ, ки ту ҳам ҳамеша сарат мисли ин алаф баланд бошад, бихон.

«Ана ҳикмат».

ВАҚТЕ ЧУНИН ПОЙАФЗОЛРО МЕПӮШӢ, НАМУРӢ

Соли 1993 буд. Дар шаҳри Марви Туркманистон ҳамроҳи бобои Абулфайз ва бобои Муртазо себ мефурӯхтем. Рӯзе баъди нисфирӯзӣ ҳамроҳ ба мағозаи пойафзол даромадем. Мағоза мағозаи фирмавӣ буд ва беҳтарин пойафзолҳо дар онҷо фурӯхта мешуданд. Вақте нархи як пойафзоли мардонаро бо нархи пойафзоли бозорҳои Тоҷикистон муқоиса кардем, маълум шуд, ки ҷавоби нархи 10 пойафзолро медод. Бобои Абулфайз пойафзолро ба даст гирифта, гуфтанд:

- Вақте бо чунин нарх пойафзол мехариву мепӯшӣ, намурӣ.

Бобои Муртазо хандида, илова карданд:

- Ё вақте мепӯшӣ, ақаллан худаш чун мошин одамро аз як ҷо ба ҷои дигар барад.

ҶАМЪИЯТИ ДЕВОНАГОНИ БИҲИШТӢ

Роҷеъ ба хатари пайвастшавии ҷавонон ба ҳизбу созмонҳои мамнӯъ, гуруҳҳои мазҳабиву террористӣ ва гумроҳшавии ҷавонон ҳамарӯза дар васоити ахбори омма гузоришҳоро хонда, идеяи кӯҳнаам, ки аллакай аз он қариб 30 сол мегузарад, ба хотир омад. Донишҷӯи соли сеюм будам ва дар хобгоҳ зиндагӣ мекардам. Ҳар рӯз аз таъсиси ин ё он ҳизб ё созмону ташкилотҳои гуногун хабар медоданд. Ҳар ҷамъият ҳизб месохту ҳар водӣ ташкилоти худро ва ҳама аз номи халқ баромад мекарданд ва баҳона ба қавли Лоиқ Шералӣ «номи халқ» буд. Ҳамаи онҳо миёни донишҷӯён низ ташвиқот мебурданд, ки ба ҳизбу созмонҳои онҳо аъзо шаванд ва ин гирудорҳо албатта ба донишҷӯён бетаъсир намемонд.

Рӯзе дар хобгоҳ ман ба Хуршедҷон Ниёзов пешниҳод кардам, ки биё мо ҳам ҳизберо таъсис диҳем. Ҳизбе, ки дур аз сиёсат бошад. Ҳизбе, ки зарараш ба мардум нарасад ва онҳоро лаҳзае ҳам бошад, аз ғаму кулфати дунё фориғ нигоҳ дорад.

Хуршед хандида, гуфт:

- Магар чунин ҳизб сохта мешавад, ки сиёсӣ набошаду

ба касе зарараш нарасад?

Гуфтам:

- Мешавад.

Ҳилолиддин Одинаев ба баҳси мо ҳамроҳ шуда, ба ман нигариста, гуфт:

- Шумо девона шудаед, ако!

Хушнудона кафкӯбӣ карда, гуфтам:

- Ана номаш ҳам пайдо шуд. Ҳизби девонагон.

- Девонагони биҳиштӣ ном монед,- гуфт хандида Носир Ҳомидов ва илова кард: - Ақаллан бо ваъдаи ба биҳишт бурдан мардуми зиёдеро низ ҷалб кардан мумкин.

Ҳама хандидем, вале ман ҷиддан аз пайи таъсиси ҳизб шудам. Ҷомаи кӯҳнаеро ёфта, як остини онро аз китф бурида партофтам ва остини дуюмашро аз таг то боло аз ду тараф чок кардам. Як тарафи домонашро низ чок кардам ва қисмати дигари домонро пурра бурида партофта, ҷомаро пӯшидам. Аз сачоқи калон салла сохта, ба сар бастам ва қуттии картониеро ёфта, ба он ришта баста, чун кӯдакон мошин сохтам. Дар дохили қуттӣ арӯсакеро гузошта «дид - дид» гӯён дар роҳравҳои хобгоҳ ба гаштан шурӯъ кардам. Ҳама дарҳоро кушода, «девонаро бин» гуфта, хуб механдиданд ва кафкӯбӣ мекарданд.

Ҳама дар ханда буданд, ки нафаре эълон кард:

- Аз ҳамаи донишҷӯён хоҳиш карда мешавад, ки фавран дар толори хониш ҷамъ оянд. Аз факулта устодон омадаанд ва бо донишҷӯён воҳӯрӣ гузаронидан мехоҳанд.

Бо рафиқон маслиҳат карда, ба хулосае омадем, ки аз чунин шонси хуб бояд истифода барем ва ғояҳои ҳизбро ба тариқи ҳачв ба донишҷӯён нақл кунем. Бояд коре мекардем, ки на аз устодон гап шунавему на касеро ранҷонем. Баъд аз баҳси кӯтоҳ ба хулосае омадем, ки ман бояд дар шакли ҳачв маҷлиси муассисони ҳизбро дар толор доир намоям ва ҳизбҳои дигарро ба масхара кашам. Дигарон зуд фаромаданд ва ман баъди чанде бе омодагии пешакӣ, бо ҷомаи «зебо»-и худ ва саллаи аз сачоқ сохташуда, мошини коғазии худро кашолакунон «дид-дид» гӯён сигнал дода, дари толорро кушодам. Ҳама аз ҷой хеста, бо кафкӯбиҳои дурудароз маро истиқбол гирифтанд ва то назди тахта раф-

тан ва рӯ ба рӯи онҳо истодан, рост истоданд. Устодон ҳам гумон карданд, ки мо саҳначаи ҳачвие дорем ва ин аст, ки мухолифат накарда, ҷойро холӣ карда, ба толор гузашта нишастанд.

Ман лаҳзае дасту по гум карда бошам ҳам, вале худро зуд ба даст гирифта, ба ҳама ишораи нишастан карда, аз аҳли толор бо овози баланд пурсидам:

- Мехоҳед, ки чанд лаҳзае аз ғаму кулфати дунё фориғ бошед?

- Бале!

- Мехоҳед, ки аз ташкили ҳизбҳову ҷамъиятҳои зиёди сиёсӣ, ки имрӯз тамоми кишварро ба воҳима андохтааст, фориғ бошед?

- Бале!

- Мехоҳед, ки баҳои имтиҳонҳоятонро устодон бе ҳеҷ мушкил гузоранд?

- Бале!

- Мехоҳед, ки бе ичрои шартҳои зиёд рост ба биҳишт равед!

- Бале!

- Пас ба ҳизби Девонагони биҳиштӣ аъзо шавед! Ин нахустин ҳизбест, ки шуморо аз ҳама ғаму кулфатҳои дунё фориғ нигоҳ медорад. Нахустин ҳизбест, ки мавҷудияти ҳама ҳизбҳои дигарро инкор мекунад. Шумо омодаед ба он аъзо шавед?

- Бале!

Он қадар бале, балеву кафкӯбӣ шуд, ки худ низ бовар кардам, ки ҷамъияти мо мухлисони зиёд дар тамоми ҷумҳурӣ пайдо мекунад.

Гуфтам:

- Чун ҳама омодагии худро барои аъзогӣ ба ҳизби Девонагони биҳиштӣ иброз доштед, акнун ба қисмати дуввум ва асосии барнома мегузарем. Пеш аз аъзошавӣ ман як сеанси гипноз мегузаронам ва кафолат медиҳам, ки баъди тамошои он ҳама девона мешавед.

Ман ду дастро ба пеш бурда, худро хеле ҷиддӣ гирифта, гипнозро шурӯъ кардам:

- Ҳама бо тамоми таваҷҷӯҳ ба ман нигаред. Даҳонҳоро

пӯшида, биниҳоятонро ба сӯи ман рост кунед. Акнун дар як вақт бо чашмони рост ба самти рост ва бо чашмони чап ба самти чап нигаред. Чашми рост бояд фақат рост ва чашми чап фақат чапро бинад. Якбора чашмро кушодаву пӯшида, ба ҳаракатҳои ман диққат диҳед. Ана, ман эҳсос мекунам, ки аллакай чанд нафар девона мешаванд ва ин девонагӣ дар як муддати кӯтоҳ ба ҳама сироят хоҳад кард. Ду нафар устодоне, ки дар толор нишаста буданд, ба ҳамдигар ишорае карда, аз толор баромаданд ва баъди чанд «дид-дид»-гӯиҳову ҳаракатҳо ва ҷамъбасти гипноз, аз нав ба толор даромаданд. Вақте навбатро ба устодон додем, яке аз онҳо хандаи худро дошта натавониста, гуфтанд:

- Ростӣ аз девонашавӣ тарсидем, барои ҳамин аз дар баромадем. Мо маҳз барои он омада будем, ки донишҷӯёнро огоҳ кунем, то ба ҳар гуна ҳизбу ҷамъиятҳо, ки ҳадафҳои номаълум доранд, аъзо нашаванд, дар кӯчаҳо беҳуда нагарданд. Вале намедонистем, ки инҷо моро ҳизби наве интизор аст, ки худи моро ба девона шудан ташвиқ мекунад.

Ҳамин тавр, дар хобгоҳ баъди ин чанд вақт номи ман девонаи биҳиштӣ шуд, вале ҳизбамон аз доираи хобгоҳ берун набаромад. Фикр мекунам имрӯз низ идеяи таъсиси чунин ҳизбро бояд ба миён гузорем, то мардум аз хатари пайвастшавӣ ба ҳизбҳои дигар эмин бошанд. На танҳо аз ҳизбу ҳаракатҳои террористии гуногун, ҳатто аз коруно натарсанд.

ШИША ҚАВИТАР АЗ ИНСОН АСТ
(Кашфиёт)

Хостам ба кашфиёте даст занам, ки то имрӯз на дар дохил ва на дар хориҷи кишвар ҳеҷ олиме ба он даст назада бошад. Бо ин ният, нахуст ба таҳлиле таваҷҷӯҳ кардам, ки мо инсонҳо шишаро аз ҳама ашёҳои олам нозуктару инсонро бузургтарин ва қавитарин мӯъҷизаи олам медонем. Шишаро барои он нозукт мегӯем, ки бо оддитарин беэҳтиётӣ мешиканад. Инсонро барои он бузург медонем, ки ҳама мӯъҷизоти олам барои инсон офарида шудаву идоракунандаи дунё маҳз ӯст. Вале мушоҳидаҳои банда нишон доданд, ки дар бисёр мавридҳо шиша қавитар аз инсон аст. Бинобар ин, тасмим гирифтам барои исботи ин мушоҳи-

даи худ ва собит намудани аз инсон қавитар будани шиша озмоише гузаронам. 1 литр шароби 50-градусаро дар дохили шишаҳои гуногун ва ҳатто тунуктарин рехтам ва як шабонарӯз назорат кардам. Дар шишаҳо ҳеҷ гуна тағйироте дида нашуд. На шишае ба замин афтид, на шикаст ва на аз ҷой бечо шуд. Баъдан ҳамин 1 литр шаробро 500-грамӣ тақсим кардам, нисфи онро барои худ нигоҳ доштам ва нисфи дигарашро кам-кам ба дохили Зоҳири Сайфулло рехтам. Тағйирот зуд эҳсос шуд. Зоҳири Сайфулло нахуст ба ҳофизӣ шурӯъ кард. Дар аввал овози ӯ паст буд, ҳар қадар бештар мерехтам, овоз баландтар мешуд ва ҳаракатҳояш бештар. Вақте 500 грамм шароб пурра ба дохили Зоҳир рехта шуд, ӯ ба рақс даромад, шӯру мағал бардошта, дароз кашид ва танҳо дар охир мисли шиша ором шуд.

Натиҷа: Озмоиш нишон дод, ки шиша қавитар аз инсон аст. Новобаста ба он, ки 1 литр шаробро ба дохили шиша рехтам, тағйироте дар шиша ба амал наомад, вале чун онро ба дохили инсон рехтам, серҳаракатӣ, саргарангӣ, бетоқатӣ ва нишонаҳои дигар дар ӯ эҳсос карда шуданд. Пас шиша бузург аст ё инсон?

Ана инро кашфиёт мегӯянд. Ман бояд ба мукофоти нобелӣ пешниҳод шавам.

КОРУНОРО ХУНУК ЗАД

Бо Зоҳиршо хунукхӯрон аз роҳ мегузаштем, ки гуфт:

- Ако, шунидед, ки баъди соли нав ягон нафар беморӣ коруно ба қайд гирифта нашудааст, ҳама беморхонаҳо холӣ?

Гуфтам:

- Бале!

- Сабаб чӣ бошад? Наход табибони мо бар ин беморӣ пирӯз шуда бошанд?

- Табибон не, хунук бар коруно пирӯз шуд. Ба фикрам коруноро хунук зад,- гуфтам хандида.

Зоҳиршо ҳайратомез боз пурсид:

- Магар коруноро ҳам хунук мезанад?

- Чаро не? Коруно ҳам ҷисми зинда аст-ку. Барқ нест, хона хунук, кӯча хунук, бадани мардум хунук. Магар кору-

но ба чунин сардӣ тоб меорад?,- гуфта, ба суолаш бо суол посух додам.

Хандиду гуфт:

- Пас мо ҷонсахттар аз коруно гӯед. Ҳатто вируси коруно ба сардие, ки мо тоб меорем, тоб наовард-е.

БУРИДАНИ 6 КИЛО АППЕНДИТСИТ

Ба зиёрати дӯсте рафтам, ки чанде пеш аз кӯррӯда (аппендитсит) ҷарроҳӣ шуда буд. Вақте ҳолпурсӣ кардам, гуфт:

- Ин духтурҳо хеле бераҳм будаанд. Якбора 6 кило аппендитситамро бурида партофтанд.

- Чӣ хел шаш кило?,- ҳайрон шуда пурсидам.- Магар баъди ҷарроҳӣ он чӣ буриданд, ба ту нишон доданд ва баркашиданд?

Гуфт:

- Не, нишон надоданд, худам фаҳмидам.

- Чӣ хел фаҳмидӣ?

- Пеш аз даромадан ба шифохона 80 кило вазн доштам, рӯзи ҷавоб додан боз баркашидам, 74 кило шудаам. Яъне, шаш кило кам.

Хандидаму гуфтам:

- Рост гуфтӣ, ин шаш кило ҳамон аппендитсит буд, ошно.

МАРД БОШЕД, ХУДАТОН ОББА ДАРОЕД!

Ҳамроҳи Маҳатмурод ва Бахтиёр дар «Кӯли калон» истироҳат доштем. Шабона, баъди нӯшонӯшии зиёд, ниҳоят ҳар яке як гӯшаеро интихоб кардему ба хоб рафтем. Ҳаво сард буд ва ҳарчанд кӯшиш кардам, маро хоб набурд. Ин аст, ки аз ҷой бархоста, ба лаби кӯл омада, худро ба мастӣ зада, ҳар замон ба кӯл сангча партофта, ба моҳие муроҷиат карда, фарёдкунон такрор кардам:

- Мард бошӣ, аз об баро, бин ман бо ту чӣ кор мекунам! Мард бошӣ, канӣ, назди ман биё!

Шояд Бахтиёрро низ хоб набурд ва ё аз фарёдҳои ман бедор шуд, ки хамёзакашон ба назди ман омад. Ӯ медонист, ки ман дар шиноварӣ ҳунаре надорам ва ин аст, ки

як ба ман ва як ба кӯли ором нигариста, гуфт:

- Ако, мард бошед, худатон кӯлба дароед!

БА ҚОНУНОТ МУРАМ, ХУДО

Шоҳиди аскарқапие шудем, ки кормандони комиссариати ҳарбии яке аз ноҳияҳои пойтахт дар ҳузури садҳо нафар тамошобин ҷавонеро мисли гӯсфанд кашолакунон ба сӯи мошин мебурданд. Вақте ҷавон муқобилият нишон дод, ӯро зери лагад гирифта, дар ниҳоят бо зӯрӣ вориди мошин карда, ду-се мушти дигар ба сараш зада, дарро пӯшиданд ва мошинро ронда, ба роҳи худ идома доданд. Ҳодиса солҳои ҷанги шаҳрвандиро ба хотир меовард, ки чандин маротиба шоҳиди чунин одамдуздиҳо шуда будем. Нафаре, ки дар бари ман истода, ин ҳама даҳшатро бо чашми сар медид, ба ман мурочиат карда, гуфт:

- Бародар, ту рӯзноманигорӣ. Чаро ба навор нагирифтӣ ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ нагузоштӣ? Ё чаро ақаллан сурат гирифта, мақола намекунӣ? Чунин қонуншиканиҳо бояд фош ва вайронкунандагони қонун муҷозот шаванд. Агар рӯзноманигорон хомӯш бошанд, пас кӣ ин ҳама қонуншикании мансабдоронро фош мекунад?

Гуфтам:

- Аҳа, як бор чунин қонуншиканиро ба навор гирифта, оқибаташро дидам. Бас!

- Чӣ шуд оқибаташ?,- ҳайрон шуда пурсид.

Гуфтам:

- Натиҷа чунин шуд, ки на онҳое, ки қонуншиканӣ карданд ва хилофи дастури сарвари давлат амал намуданд, балки ман мавриди пурсиш қарор гирифтам.

Даст ба гиребон гирифта, гуфт:

- Ба қонунот мурам, худо. Гунаҳкор не, фошкунандаи гуноҳ муҷозот мешавад.

- Қонуни худо не, қонуни бандаҳои худо гуфтам бо ханда.

МАГАР «АГРОИНВЕСТБОНК» АЗ КОРУНО ФАВТИД?

Аз назди бинои асосии «Агроинвестбонк» мегузаштем, ки рафиқам гуфт:

- Магар «Агроинвестбонк» ҳам аз коруно фавтид?

- Чӣ тавр,- ҳайрон шуда пурсидам.

Гуфт:

- Дар замони пандемияи коруно танҳо ҷасадҳоеро сала-фанпеч карда ба хок месупориданд, ки аз коруно фавтида буданд. Инро бинед, номи «Агроинвестбонк»-ро низ сала-фанпеч кардаанд.

Хандидаму гуфтам:

- Кӣ медонад!? Шояд эҳтиёт мекунанд, ки «Агроинвест-бонк» ба бонкҳои дигар сироят накунад.

БА ШАРОФАТИ ДАСТГИРИҲОИ ШУМО, РАИС!
(Аз нақли Саидраҳмон Назриев)

Раиси ноҳияе кулли раисони ҷамоатҳоро ҷамъ намуда, маҷлис мегузаронад. Дар маҷлис раисеро аз ҷой хезонида, дар ҳузури ҳама аз корҳояш ситоиш карда, мегӯяд:

- Мактабҳоро хеле обод кардаед, офарин!

Раиси ҷамоат дастҳо пеши бар хоксорона посух медиҳад:

- Ба шарофати дастгириҳои Шумо, Раис!

- Ана, роҳҳои деҳаҳо ҳам хеле обод шудаанд-а?

- Ба шарофати дастгириҳои Шумо, Раис!

- Кишти тирамоҳӣ ҳам хуб анҷом ёфтааст. Мешуда-аст-ку.

- Ба шарофати дастгириҳои Шумо, Раис!

- Дар ҷамъоварии ҳосили картошка ҷамоати шумо дар ноҳия дар ҷои аввал аст. Аҳсант!

- Ба шарофати дастгириҳои Шумо, Раис!

- Ҳамааш хубу лекин аз рӯи маълумоти ба даст овардаи мо, шумо кам-кам заминҳоро ҳам фурӯхта истодаед. Ба ин чӣ мегӯед?

Раиси ҷамоат ба ҷои он, ки чизи дигаре гуфта, худро са-фед кунад, дасту по гум карда, аз рӯи одат чун ҳамеша боз мегӯяд:

- Ба шарофати дастгириҳои Шумо, Раис!

ЧӢ ДОД МЕЗАНЕД? МАН КАР НЕСТАМ!

Субҳи барвақт дар дармонгоҳи №1 ба қабули духтури гӯш даромадам. Дарро кушода, бо овози хеле баланд, ки

хоси карҳост, «Ассалому алейкум, даромадан мумкин аст?» гуфта, вориди утоқ шудам. Доктор, бонуи тақрибан 30-солае, аз ҷой бархоста, бо овози баланд алейк гирифт ва курсиро ишора карда, гуфт:

- Марҳамат амак, инҷо шинед.

Рӯи курсӣ нишаста, даст ба дуо бурда, боз ҳам бо овози баланд барояш тансиҳативу хонаободӣ хостам. Ба фикрам ба кар буданам бовар кард, ки наздиктар омада, ӯ низ бо овози баланд пурсид:

- Амакҷон, чӣ шикоят доред?

Хандидаму гуфтам:

- Чӣ дод мезанед? Ман кар нестам!

Ҳайрон шуда, гуфт:

- О, худатон дод зада истодаед-ку!

- Мебахшед, «кар ду маротиба механдад» мегӯянд, рост будааст. Якум, вақте мебинад, ки атрофиён механданд, баробарашон механдад. Маротибаи дуввум, вақте ба маънои сухан сарфаҳм меравад, худаш танҳо механдад,- гуфтам ва оромона илова кардам.- Як ҳафта боз гӯши чапам маҳкам аст, доктор. Канӣ бинед, чӣ мушкилӣ дорад?

Баъд аз муоина ва тоза кардан гӯш якбора кушода шуд. Ба доктор изҳори сипос карда, пурсидам:

- Шумо маро дар як дақиқа табобат кардед ва аз карӣ наҷот додед. Ҳаққи хизмататон чӣ қадар мешавад?

Бо овози баланд хандида, гуфт:

- Чунон баланд салом карда даромадед, ки ман гумон кардам ягон кари вазнин ба қабули ман омад. Ҳол он ки, шумо кар набудаед. Хеле вақт шуд чунин нахандида будам. Барои ҳамин, аз шумо пул намегирам.

- Нав фаҳмидам, ки шӯхӣ ҳам қадр доштаст,- гуфта, миннатдорикунон аз дар баромадам.

АМЕРИКАРО ТОҶИК КАШФ КАРД, НА ХРИСТОФОР КОЛУМБ

Соли 2011 сафари Амрико доштем. Дар шаҳри Рочестер дар маҳфиле вақте сухан аз таърихи Амрико мерафт, банда низ ба баҳс ҳамроҳ шуда, кашфи Амрикоро аз тарафи Колумб рад карда, гуфтам:

- Тибқи маъхазҳои таърихие, ки мо дар даст дорем, Америкаро на Христофор Колумб, балки сайёҳи тоҷике бо номи Амир кашф кардааст, ки дар тамоми ҷаҳон машҳур буд ва ӯро бо эҳтиром Амир-ако ном мебурданд.

Аҳли маҳфил суханҳои маро бо диққат гӯш карданд ва ҳатто бархе дафтарчаҳои худро кушода, ба навиштан шурӯъ карданд. Чун ин рафтори онҳоро дидам, ҷиддӣ истода, фикри худро асоснок карданӣ шуда, гуфтам:

- Ман дар ин мавзӯъ тадқиқоти журналистӣ анҷом додам ва 10 сол заҳмат кашидам. Омӯзиши банда нишон дод, ки воқеан Амрикоро на Америго Веспуччи ва на Хиристофор Колумб, балки тоҷике бо номи Амир кашф кардааст. Хиристофор Колумб дар эълонаш соли 1492 Амрикоро кашф карда буд, аммо Амир-ако инро ҳанӯз дар асри 9 кашф карда буд. Ҳамроҳи ӯ Мардон Валадзода ном олиме буд, ки заминсоз буд. Маҳз Мардон Валадзода ин қитъаро ба ифтихори сайёҳи бузург Амир «Амир-ако» ном ниҳод ва туркҳо, ки ако гуфта наметавонистанд, Амир-ака мегуфтанд. Баъдтар номи Мардон Валадзодаро низ немисҳо дуздида, Мартин Валдзеемюллер гуфтанд ва ҳатто эълон карданд, ки номи Амрикоро дар харита маҳз ҳамин шахс ҷой кардааст. Ҳол он ки, Валадзодаро бинобар заминсоз буданаш русҳо землемер мегуфтанду немисҳо ба номи худ мувофиқ карда, ӯро Валдзеемюллер гуфтанд. Ҳамин тавр, ин кашфиёти бузурги гузаштагони мо дуздида шуда, ба номи дигарон гузашт.

Агар ба талаффузи дурусти ин қитъа ҳам нигоҳ кунед, Амир-ака ва Амир-ако дурусттар аст. Аммо баъдтар ин навиштаҳо ба талаффузи мардуми Аврупо ва Амрико мувофиқ карда шуда, шакли Америкаро соҳиб шуд. Мисли шаҳри Чорҷӯи Туркманистон, ки имрӯз Чарджев шудааст.

Ҳама дар баҳс шуданд ва ман ба ҷои худ нишаста, худ ба худ гуфтам: «Яке ҳамин гуфтаҳои ман рост бошад чӣ? Яке воқеан Амрикоро Амир-ако кашф карда бошад чӣ? Номаш мувофиқ меояд-ку».

ТО ХУДАМ ШӮ НАКУНАМ, ДУХТАРАМРО ШӮ НАМЕТИЯМ

Дар назди бозори «Саховат» таксиҳо ба самти Бохтар қатор истодаву ронандагон мизоҷ мекофтанд. Ман ба таксие нишастам, ки ронандааш бону буд. Ба бахти ман, ҳама мусофирон низ занҳо буданд. Ҳамсафарӣ бо занҳо хеле аҷиб будааст. На хастагии роҳро мефаҳмиву на вақтро. Онҳо вақте аз баҳси рӯзгордориву зиндагиашон шурӯъ карданд, ҳатто фаромӯш карданд, ки ҳамсафари мард ҳам доранд ва дар пеш, дар ҳузури онҳо нишастааст. Яке аз қиссаи оиладориву фарзандон, дигар аз назорати шавҳар ва саввумӣ аз он қисса мекард, ки зан бояд дар хона чӣ тавр бошаду дар кӯча чӣ гуна рафтор кунад. Вақте сухан аз таърифи фарзандон рафт, ронанда аз ду духтараш нақл кард, ки якеашро хонадор кардаву дигараш таҳсилкунандаи донишгоҳи тиббӣ будааст. Ӯ гуфт:

- Ба духтари дуюмам низ чанд хостгор баромад, вале ҳамаашро рад кардам.

- Чаро рад кардед? Бахти духтарро нагардонед,- гуфта насиҳат карданӣ шуд ҳамсафаре.

- Агар ба шавҳар диҳам, танҳо мемонам, бинобар ин, аввал худам бояд шӯ кунам. То худам шӯ накунам, ӯро шӯ намедиҳам,- гуфт ронанда хандида.

Ман аз ҳузури худ дарак доданӣ шуда, ба баҳс ҳамроҳ шуда, гуфтам:

- Биё духтаратро ба писари ман деҳу худат маро гир.

Гуфт:

- Хонаву дар дорӣ?

- Бале, як дар хона дорам, онро ба бачааму духтари ту медиҳем, худам бошам, ба хонаи ту мекӯчам.

- Хонадомод шуданӣ?

- Бале. Домоди хона мешавам. Дар хона омадани туро интизор шуда мешинам. Ту бошӣ, таксӣ зада, ҳар рӯз пул овардан мегирӣ.

Хандиду гуфт:

- Эҳе, акаҷон, ман ба он умед шӯ карданӣ, ки дигар кор накунаму шавҳар маро таъмин кунад.

Ҳама хандиданду мусофире гуфт:

- Ин акам мардаки современный будаст, мардҳои современный ҳамаш аз ҳисоби занҳо зиндагӣ мекунанд.

Ба бонуи хандидаистода нигариста, гуфтам:

- Чаро аз роҳ мезанед? Ман шонс додам, ки ҳам духтараш оиладор шавад ҳам худаш.

Ҳама боз хандиданду бонуи ронанда гуфт:

- Ман медонам ӯ чаро аз роҳ зада истодааст.

Чаро?

- Ба фикрам ӯ худаш туро гирифтанӣ аст.

ХУДАТ БА САВОЛИ ХУДАТ ПОСУХ ГУФТӢ

Чанд соли охир ҳолатҳои бозпурсӣ ва боздошти ҳамкасбони мо баъд аз ошкор кардани камбудиҳои мансабдорон ё шикоят кардан аз болои онҳо рӯзноманигорони зиёдеро ба ташвиш овард ва ба қавле ҳатто «тарсонид». Ин аст, ки дар аксари сӯҳбатҳо рӯзноманигорони тачрибадор аз рӯзноманигорони ҷавон такозо мекунанд, ки хубтараш ба маводҳои тарғиботӣ рӯй оранд ва ё муваққатан на танҳо аз танқид, балки аз гуфтани ҳақиқат ҳам худдорӣ кунанд.

Яке аз хатмкунандагони факултаи рӯзноманигорӣ, ки нав ба ҷодаи рӯзноманигорӣ қадам мениҳод, пурсид:

- Устод, чӣ кор кунем, ки ҳам навиштаамон дарди сар наорад ва ҳам дар соҳаи худ муваффақ шавем?

Хандидаму гуфтам:

- Агар хоҳед, ки навиштаатон барои худатон дарди сар наорад ва ҳам муваффақ шавед, маслиҳати ман ин аст, ки касби худро иваз кунед.

- Чаро?,- ҳайрон шуда пурсид.

Гуфтам:

- Агар рӯзноманигори ҳақгӯ бошед ва аз камбудиҳо зиёд гӯед, ҳамеша мавриди таъқибу истинтоқ қарор мегиред, агар дурӯғнавис бошед, ҳатман барои дурӯғ ва туҳмат ҷавоб медиҳед. Дар чунин ҳолат тасмим чӣ гуна хоҳад буд?

Пурсанда ба ҷои ман худ посух дод:

- Дар чунин ҳолат тарки ин пеша кардан ва бо чашми пӯшидаву даҳони баста гаштан беҳтар аст.

Хандидаму гуфтам:

- Ана худат ба саволи худат посух гуфтӣ.

АРАҚИ РОЙГОН

Дар мағоза шишаи хурди шароберо дидам, ки ҳамагӣ 6 сомонӣ арзиш дошт. Ҳисси кунҷковиам боло гирифту аз фурӯшанда бо шӯхӣ пурсидам:

- Намешавад, ки шароби ватанро камтари дигар арзон кунӣ?

Хандиду гуфт:

- Акаҷон, ман инҷо фақат пули шишаро гирифта истодаам. Арақ ройгон аст.

Чун дар даст шишае аз оби минералӣ доштам, оби онро то охир нӯшида, гуфтам:

- Агар ин тавр бошад, арақи онро ба ин шиша бирезу шишаро дар ҷояш мон.

Хандиду гуфт:

- Бубахшед, арақро бе шишаву шишаро бе арақ намефурӯшем.

20 ҲАЗОРАШ БАРОИ ХУДАТ

Дар роҳ ба сӯи Бохтар дар таксӣ бонуе бо шавқ аз хостгоре нақл карда, иброз дошт, ки чанд рӯз аст марде ба хостгории духтарам меояд. Бачааш бачаи хуб аст, вале мард се зан доштааст. Бинобар ин, хостгориашро рад карда, гуфтам:

- Амакӣ, ман ба бачаи ту духтар намедиҳам. Кӣ медонад, яке ӯ ҳам ба падараш рафта бошад ва дар оянда аз болои духтари ман ду зани дигар гирад.

Хостгор бошад, бачаашро таъриф карда, гуфт:

- Не, бачаи ман ба амакҳояш рафтагӣ аст. Ҳамаи амакҳояш яктогӣ зан доранд. Ӯ мисли ман се зан намегирад.

Баҳонаи дигаре наёфта, гуфтам:

- Бахшиш, ман ҳоло духтар шӯ дода наметонам. Шароит ҳам надорам.

Мард, боз ҳам исроркорона қалин пешниҳод намуда, гуфт, «ҳозир қалини арӯс ҳамагӣ 20 ҳазор сомонӣ аст, ман бошам, ба ту 40 ҳазор сомонӣ медиҳам. Ин маблағ ҳама харочотҳои тӯятро мепӯшонад».

Намедонам чӣ кор кунам.

Хандидаму гуфтам:

- Зӯр ку! 20 ҳазор барои духтарат, 20 ҳазор барои худат. Розӣ шав.

- Чӣ хел барои худам?,- ҳайрон шуда пурсид.

- О, ҳозир худат гуфтӣ, ки хостгор се зан дорад. Ӯ худатро ҳам таги чашм кардааст, вагарна 20 ҳазори иловагӣ намедод. Вай фаҳмид, ки баъди ба шӯ додани духтар ту танҳо мемонӣ. Туро зани чорумаш мекунад,- гуфтам дар ҷавоб.

Зан бо овози баланд хандида, гуфт:

- Ин тарафашро фикр накардаам, вагарна фавран розӣ мешудам.

БАР ЗАРАРИ ХУДАШ КОР НАМЕКУНАД

Саодат Абдуллоева, ки дар Русия қарор дорад, аз ман хоҳиш кард, то нарху навои шиносномаи хориҷии кӯдаконро барояш аниқ кунам. Бинобар он, ки ОВИР дар наздикии ҷои кори мо қарор дорад, хоҳиши ӯро зуд иҷро карда, гуфтам:

- Ман супоришро иҷро кардам, қарздор шудӣ.

Хандиду гуфт:

- Бо шавҳарам меоям ва қарзи шуморо ҳисобӣ мекунем.

Суханашро рад карда, гуфтам:

- Не, не. Бо шавҳарат наё!

- Чаро?

- Язна мабодо нодуруст фаҳмида, дандонҳои сунъиамро зада нашиканад?

Хандиду гуфт:

- Бепарво бошед, ӯ бар зарари худаш кор намекунад.

- Чӣ хел бар зарари худаш?,- гуфтам ҳайратомез.

Гуфт:

- Ӯ он қадар беақл нест, ки дандонҳои сунъии пӯсидаи шуморо шикаста, бо баҳонаи барқарор кардан, дандонҳои нав часпонад.

МИЗИ ШВЕДӢ

Аз соҳиби тарабхонае пурсидам:

- Ба хориҷа рафтаед?

Гуфт:

- Бале.

- Дар тарабхонаҳои хоричӣ мизи шведӣ ҳаст ва барои мизоҷон номгӯи маҳсулоти зиёде пешкаш карда мешавад. Чаро мисли тарабхонаҳои хоричӣ шумо ҳам мизи шведӣ ташкил намекунед, то мизоҷон бо як нархи муайян ҳар чӣ дилашон хоҳад, бигиранд?

Хандиду гуфт:

- Ман ҳам бо гуруҳи рафиқон дар хорича аз мизи шведӣ истифода кардаам ва медонам, ки мардуми мо чӣ гуна пурхӯранд. Агар дар Тоҷикистон ҳам мизи шведӣ ташкил кунанд, тарабхонаҳо зуд муфлис мешаванд.

ТАЪРИХ ТАКРОР МЕШАВАД, ВАЛЕ БАРЪАКС

Дар деҳа моро ҳама фонӣ мегӯянд. Зеро раҳматии бобоям Ҷумъаи Ибод зодаи деҳаи Марғзори ҷамоати Фондарё буда, дар 11-солагӣ аз падару модар сағир мондаанд ва Бобои Тағоймуроди Яккахонангӣ, ки аз ашхоси дорандаи водии Зарафшон буданд, тақрибан солҳои 1913-1914 эшонро аз Марғзор оварда, дар дарбори худ ба кор мегиранд ва чун фарзанди худ ба воя расонида, дар деҳаи Мадовра хонадор мекунанд.

Солҳои 90-уми асри 20 вақте бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ зиндагӣ дар Тоҷикистон вазнин шуд, аксари мардум барои дарёфти қутти лоямут ба муҳоҷират рӯ оварданд ва ман низ. Фаридуни ҳамдеҳаамон ҳам, ки аз аберагони бобои Тағоймурод мебошад, ба Маскав ба кор омад. Ман дар бозори Лужники кор мекардам. Фаридун вақте барои дарёфти кор ба ман муроҷиат кард, агарчи ба коргар зарурат надоштам, бо мақсади роҳандозии шӯхие, ки ӯ намедонист, гуфтам:

- Фаридунҷон, ба ман саҳару бегоҳ ёрдамчӣ зарур аст. Биё бо ман кор кун. Вазифаат фақат ҳамин аст, ки саҳар аробаҳоро аз контейнер мебарориву бегоҳ бозпас медарорӣ. Ман як пули муайян бароят медиҳам. Рӯзона бошад, ароба кашида, барои худат кор кун.

Ӯ розӣ шуд. Бегоҳ вақте ба кор омад, ҳамагӣ 2 аробаро дароварда, нав аробаи сеюмро бардошта буд, ки гуфтам:

- «Таърих такрор мешавад, вале баръакс» мегӯянд, рост будааст-а?

- Кадом таърих, чӣ хел такрор, нафаҳмидам?,- гуфта пурсид.

Ҷиддӣ истода, гуфтам:

- Ана бин, замоне бобои ман хизматгори бобокалони ту буданд, имрӯз бошад, абераи бобокалони ту хизматгори набераи бобои ман аст. Магар ин такроршавии баръакси таърих нест?

Фаридун, ки хеле шахси ҷиддӣ буду ба шӯхӣ коре надошт, аробаи дасташро ба замин партофта, дар қаҳр шуда, гуфт:

- Агар як бурида нон наёбам ҳам, ним рӯз бо шумо кор намекунам.

Ҳамин тавр, чархи таърих аз такроршавӣ бозмонд.

МО ЧАШМИ КӮРУ ГӮШИ КАРЕМ

Вақтҳои охир мардум аз мо рӯзноманигорон зиёд шикоят мекунанд, ки чаро аз камбудиҳо наменависем. Чаро вақте қонуншиканиҳои мансабдоронро мебинем, чашм мепӯшем? Нафаре ҳатто ба ман гуфт:

- Шумо рӯзноманигоред. Шумо бояд ҳар камбудиеро, ки мебинед, дар бораш нависед. Ҳар қонуншиканиеро, ки мушоҳида мекунед, бояд фош кунед. Охир, шумо чашми ин миллатед, шумо гӯши ин миллатед.

Афсусхӯрон гуфтам:

- Бале, мо чашми ин миллатем, мо гӯши ин миллатем. Вале на ҳар чашм мебинаду на ҳар гӯш мешунавад.

Хандиду гуфт:

- Нав фаҳмидам, ки шумо чашми кӯру гӯши кared.

ТУ ҲАМАРО БО ЯК ЧАШМ МЕБИНӢ

Дар кӯчаи Лобачевскии шаҳри Маскав зиндагӣ доштем. Боре баъд аз намози шом бо мақсади харид ба кӯча баромадам. Дар кӯча бо телефон бозикунон роҳ мегаштам, ки нохост касе бо зарбаи сахте аз пушти сарам чунон зад, ки якбора ба замин афтодам ва ҳанӯз аз ҷой нахеста, ду-се зарбаи дигар ба сару рӯям хӯрдам. Ба бахти ман, аз куҷое мошини милисаҳо пайдо шуду 2 нафарро дидам, ки маро ба ҳолам монда, гурехтанд.

Милисаҳо мошинро дар назди ман манъ карда, маро аз ҷой хезонида, пурсиданд, ки ба духтур эҳтиёҷ дорам ё не? Чун ҷавоби рад гирифтанд, розӣ шуданд, ки маро ба мошин шинонида, то хона баранд. Вақте ба назди бинои истиқоматӣ омадем, ба дасташон 1000 рубл дода, бо онҳо хайрухуш кардам ва ба хона даромадаму рӯйи хона афтидам. Ҳамдиёронам Носир Расулӣ, Абдусамад, Абдуфайёз ва додарам Абдуназар маро бардошта, дасту рӯямро бо доруҳо коркард карда, болои рахт хобониданд. Як чашмам чунон варам карда буд, ки умуман намедид. Ба Носир гуфтам:

- Носирҷон, ман ки ба касе зарарам нарасидаву пишаки касеро пишт нагуфтаам. Магар чунин одамро задан мумкин аст?

Носир шӯхикунон гуфт:

- Ту ҳамеша инсони хуб будӣ, вале ҳозир аз пештара ҳам хубтарӣ.

- Чӣ хел?,- ҳайрон шуда пурсидам.

Гуфт:

- Чунки ту ҳозир ҳамаро бо як чашм мебинӣ.

ПИНҲОНГОҲИ ЛАЪНАТӢ СИМ ДОШТААСТ

Мо ҳам дар деҳа Хоҷа Насриддини худро дорем. Аниқтараш, на дар деҳа, балки дар шаҳри Маскав. Насриддини писарholаам бинобар хеле шӯх буданаш номи Хоҷа Насриддинро гирифта буд. Ҳам меҳрубониҳояш, ҳам ширингӯиҳояш ва ҳам ҷангҳояш хандаовар буданд. Ману ӯ қариб як сол дар бозори Выхино ҳамроҳ бо Аслиддину Фахриддин нону самбӯса мепухтем ва дар бозор мефурӯхтем.

Хоҷа Насриддин, ки қаду қомати расо ва тани паҳлавонона дорад, дар ҷанг ҳам ҳамто надошт. Резе дар назди танӯри нонпазие, ки коргоҳи асосии мо буд, нишаста будем, ки Фахриддин тозон омада гуфт:

- Давед, ки Насриддинро мезананд!

Ҳама ба якборагӣ аз ҷой парида хестанду ба самте, ки ҷанг мешуд, давиданд. Ман ҳам башаст бели танӯртозакуниро гирифта, ҷаҳида аз контейнер фаромадам. Чун дар ҷанг ҳунаре надоштам, каме дуртар дар зери мошине

пинҳон шуда, занозариро тамошо мекардам. Дар айни долу зарби ҷанг милисаҳо омаданду ҳама гурехтанд ва ман низ белро ба сӯе ҳаво дода, оҳиста аз макони ҷанг берун шуданӣ будам, ки куртаам ба симе дармонда, дарид ва якчанд тугмааш парид.

Бо куртаи дарида аз ҳама дер ба ҷои кор ҳозир шудам. Аллакай ҳама аз набудани ман хавотир шуда буданд. Насриддин маро дида, гуфт:

- Ана аком омаданд, ман гуфтам-ку, он касро бало намезанад.

Ман куртаи даридаамро нишон дода, ба ӯ норозигӣ карда, гуфтам:

- Ман ба ҳимояи ту баромадам, ту бошӣ маро ба дасти озариҳо партофта гурехтӣ. Дутояшро зада афтонидам, сеюмашба зӯрам нарасид, гурехтам. Вақти каш-каш куртаам дарид.

Насриддин, ки ҳам ҳунари ҷангкуниамро хуб медонист ва ҳам ба кучо пинҳон шуданамро дида будааст, хандида гуфт:

- Вах, рӯям сиёҳ ако, шуморо дар ҷои рустшудаатон пайдо карданд чӣ?

- Не, хайрият, ки пайдо накарданд,- гуфтам дар ҷавоб.

- Пас чӣ гуна мо ҷанг кардему куртаи шумо дарид?,- гуфт Насриддин бо тамасхур.

Хандида, гуфтам:

- Пинҳонгоҳи лаънатӣ сим доштааст.

ГУРӮҲИ ФАНТОМАС

Баҳори соли 1994 буд. Мардуми мо дар қисмати болоии деҳа заминҳои зиёди лалмиро обод карда, ба заминҳои обӣ табдил медоданд. Ман ва Хайруллои ҳамсояам низ дар мавзее бо номи Сари Мундон (мавзеи зебое дар миёни деҳаҳои Мадовра ва Яккахона) гӯшаеро интихоб карда, ба ободкунии он пардохтем, вале чун танбал будем, атрофи заминро манъ накарда, чанд мӯҳлат ба корҳои дигар машғул шудем. Рӯзе дар рӯйи ҳавлӣ китоб хонда нишаста будам, ки яке аз писарони холаам аз болои қишлоқ бо овози баланд фарёд карда, гуфтанд:

- Холиқназар! Агар мард бошӣ, ба Сари Мундон биё!

Даъват якчанд маротиба такрор ёфт. Ман гумон кардам, ки он кас маро даъват карда, мехоҳанд бигӯянд, ки «биё замини соҳибикардаатро обод кун». Ин аст, ки ҳамроҳи Хайрулло оҳиста - оҳиста ба Сари Мундон баромадем. Вале ман хато карда будам. Маълум шуд, ки маро на барои ободкунии заминамон, балки барои он даъват кардаанд, ки шабона шахсони номаълум деворҳои чанд заминеро вайрон карда, дар болои девор дар варақе бо хати сурх навиштаанд: «Гурӯҳи Фантомас!» ва ба ҷои имзо: «Х-Х». Соҳиби девор аз ман гумонбар шуда, гуфтанд:

- Ҳунари ободкунӣ надорӣ, чаро аз дигаронро вайрон мекунӣ? Агар ҳунар дошта бошӣ, ана заминҳои бесоҳиб, гир, обод кун!

Ман ҳайрон шуда гуфтам:

- Ман чаро бояд деворҳои шуморо вайрон кунам? Шумо чаро аз ман гумонбар шудед?

Варақро нишон дода, гуфтанд:

- Дидӣ, ин ҷо «Х-Х» навишта шудааст. Ин, яъне Холиқназар ва Хайрулло бояд бошад. Инчунин ду изи пой ҳаст. Яке бо мӯза омадагӣ аст ва яке бо туфлӣ. Мӯзапӯш Хайрулло аст, туфлипӯш ҳатман тӯӣ.

Ба ҷои он ки асабӣ шуда, бо ҷаҳл ҷавоб диҳам, хандаам омаду хеле баланд хандида, гуфтам:

- Акоҷон, шумо худатон ба ин бовар доред, ки ман чунин корро анҷом диҳам? Ман шабҳо ғайрати аз хона баромадан надорам, куҷо то инҷо омадан... Ба ҳар навъ, огоҳатон мекунам, ки ман деворҳоятонро вайрон накардаам, вале агар ягон вақт вайронкунандаи воқеӣ пайдо шавад, қасам мехӯрам, ки ҳатман он вақт омада, дар ҳузури худатон ман ин деворро вайрон мекунам.

Баъд аз каме баҳсу гилагузорӣ, ман ба хона баргаштам. Бегоҳ ба маъракае ҳозир шудем. Дар маърака ҳама хурду калон бо шӯхӣ фақат аз пайдо шудани гурӯҳи Фантомас дар деҳа ҳарф мезаданду механдиданд. Муаллим Ҳакимшо, ки инсони шӯҳанд, ба далелҳои пешовардаи соҳиби девор нигариста, хеле ҷиддӣ истода, далели наверо пешниҳод карданд, ки гунаҳкор будани маро пурра тасдиқ мекард:

- Дар мактаб фақат Холиқназар ручкаи сурх дорад. Ҳама муаллимҳо аз Холиқназар ручкаи сурх гирифта, диктантҳояшонро тафтиш мекунанд. Агар бо ранги сурх навишта шуда бошад, ҳатман ин кори Холиқназар аст.

Як нафари дигар ба баҳс ҳамроҳ шуда, далелҳои мӯзаву туфлиро низ тасдиқ карда, гуфт:

- Дар деҳа фақат Хайрулло бо мӯзаи резинӣ мегардад ва фақат Холиқназар ҳатто ба кори саҳро бо туфлӣ меравад. Агар якто изи мӯза ва якто туфлӣ бошад, ҳатман ин ду нафаранд. Зарурияти кофтани гунаҳкорони дигар нест.

Ҳамин тавр, новобаста ба инкоркуниҳои мо, ин гуноҳ ба гарданамон бору номамон Фантомас шуд. Ба ҳар кучое мерафем, агар моро якҷоя медиданд, ҳатман «Фантомас» омад мегуфтанд. Дар танҳоӣ ҳам медиданд, ҳатман «Фантомас» гуфта, ҳолпурсӣ мекарданд. Ҳатто занҳо моро «Фантомас» мегуфтанд. Аз ин қаҳри Хайрулло меомад, вале ман парвое надоштам ва ба ҳама пурсишҳо фақат бо ханда ҷавоб медодаму халос. Аз ин оромии ман Хайрулло гоҳо ба ғазаб омада, мегуфт, ки «хомӯшии ту гунаҳкор буданатро тасдиқ мекунад». Ман бошам, бо дили пур ӯро ором мекардам ва бовар мекунонидам, ки як рӯз не як рӯз ҳатман Фантомаси воқеӣ пайдо мешавад ва мардум аз мо узр мепурсанд. Вале рӯзҳо мегузаштанду Фантомаси воқеӣ пайдо намешуд.

Рӯзе шӯхиам гирифту ба Хайрулло гуфтам:

- Ҷӯраҷон, Фантомаси воқеӣ пайдо нашуд. Ман имшаб Фантомас мешавам. Канӣ бинем, Фантомаси навро чӣ гуна қабул мекунанд.

Пурсид:

- Чӣ хел?

Гуфтам:

- Баъдтар мефаҳмӣ.

Нисфишабӣ дар ду варақи алоҳидаи дафтар бо ранги сурх «Мӯъҷизаи Фантомос» навишта, аз оғиле гӯсолаеро баровардаву бурда дар оғили дигар, ба ҷои гове бастам ва говро аз он оғил баровардаву оварда ба ҷои гӯсола баста, навиштаҷотро ба шохи ҳардуяш баста, ба хона баргаштам. Саҳар, гӯё чизе нашуда бошад, ба дарс рафтам ва баъди дарс ба назди замини ноободамон омадам. Кор дар авҷ буд.

Агарчи соҳиби гӯсола ҳам дар наздиктари мо фаъолият дошт, вале касе сухане аз мӯъҷизаи Фантомас намегуфт. Аз байн ду - се рӯз гузашт, вале аз ҳеҷ куҷо ҳарфе аз ин мӯъҷиза шунида намешуд, ҳатто дар маъракаву тӯйхонаҳо. Тасмим гирифтам, ки «мӯъҷиза»-ро такрор кунам. Шабона боз ба ҳамон оғил ҳуҷум кардам. На гов дида мешуду на гӯсола. «Соҳиби мол ҷойи онҳоро иваз кардааст» гуфта, нав мебаромадам, ки дар гӯшаи оғил ду бузичаро дидам. Ҳардуро бо арғамчини кӯтоҳе бо ҳам баста, ба оғили дигар бурдам, ки гӯсола онҷост. Бузичаҳоро ба ҷойи гусола баста, гӯсоларо ба ҷои бузичаҳо оварда, боз навиштаҷоти «Мӯъҷизаи Фантомас»-ро дар гарданашон овехтам.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Дар деҳа аз мӯъҷиза боз ҳам сухане набуд. Худ ба худ фикр карда, ба хулосае омадам, ки соҳиби мол «Мӯъҷизаи Фантомас»-ро ошкор кардан намехоҳад. Ё шояд аз он хавф дошт, ки мардум ба чунин мӯъҷизаҳо бовар намекунанду номи худи ӯро Фантомас монданашон мумкин, бинобар ин, аз ошкор карданаш меҳаросид. Зеро, агарчи номи мо Фантомас шуд, вале ба Фантомасии мо касе бовар надошт. Вақте дидам, ки соҳиби чорво хомӯш аст, тасмим гирифтам мӯъҷизаро худам фош кунам. Бегоҳ вақте аҳли деҳа дар маъракае ҷамъ омадем, ба як «сирнигаҳдор»-и шӯхе гуфтам:

- Аз фалонӣ бипурс, ки Фантомас чи мӯъҷизае кардааст? Оё рост аст, ки дар як шаб гӯсолаатонро ба гову говатонро ба гӯсола табдил додааст?

Вақте сабаб пурсид, оҳиста кори кардаамро ба ӯ нақл кардам. Ӯ хуб гуфту рафт.

Дар деҳаи мо расме ҳаст, ки ҳамдеҳаҳо, бахусус онҳое, ки дар маърака хизмат мекунанд, ба хона намедароянд ва ҳама дар атрофи деги ош ҷамъ шуда, ошашонро хӯрда, ба хонаҳо бармегарданд. Вақте мо ҳама дар атрофи деги ош ҷамъ шуда, ба ошхӯрӣ машғул будем, ӯ ба соҳиби гӯсола мурочиат карда, пурсид:

- Ако, рост аст, ки Фантомас бо мӯъҷизаи худ дар як шаб гӯсолаатонро ба гов табдил додааст?

Соҳиби гӯсола дар қаҳр шуда, ӯро чунон ҳақорат дод, ки ошро партофта, вале аз кӣ шуниданашро фош накар-

да, хандакунон баромада гурехт. Баъди ин гумон ба самти ӯ тоб хӯрда бошад ҳам, то ба имрӯз Фантомаси воқеӣ пайдо нашуд ва ин номро низ дар деҳа касе аз мо нагирифт. Ҳанӯз ҳам вақте ба деҳа меравам ва бархе аз мӯйсафедон маро диданӣ меоянд, табассумкунон мегӯянд:

- Ба зиёрати Фантомас омадем.

ГУЛ ЯКТОВУ ДАЪВОГАР ШАШТО

Гулдастае харида, дар ҷои кор ба муҳофизи дарбон додем ва хоҳиш кардем, ки ба ҳамкорамон Ҷозиба супорад. Дар гулдаста варақае низ гузоштем, ки дар он «Ба беҳтарин ва зеботарин духтари Вавилон» навишта шуда буд. Дигар на номи тақдимкунанда ва на рақами телефон.

Ба кабинети корӣ даромадем ва чун ҳамеша машғули кори худ шудем. Муҳофиз гулро оварда ба ӯ супорид ва гуфт:

- Нафаре хоҳиш кард, ки ба шумо супорам, вале номашро нагуфт.

Духтар ҳайратзада шуда, дасту по гум кард. «Ман аз касе дастагул интизор набудам» гуфта, гулро қабул кард, фавран варақаро хонд ва ба саволи мо - «гул аз кӯҷост? » изҳори бехабарӣ кард. Мо бошем, ҳар замон шӯхӣ карда, мегуфтем:

- Чӣ хел мешавад, ки гулдастаро қабул куниву аз кӯҷо ва аз кӣ буданашро надонӣ!? Ҳатман хостгор пайдо шудаву ту аз мо руст мекунӣ.

- Воқеан намедонам,- гуфта, гулро ба гулдон гузошт ва ба ҷои кори худ нишаст.

Мо бошем, тасмими дигаре гирифта, аз якчанд нафар хоҳиш кардем, ки «гулро гирифтӣ?» гӯён, ба ӯ паёмак фиристанд.

Ҷозиба баъд аз қабули чанд паёмак баланд хандид. Вақте худро ба нодонӣ зада, сабаби хандаро пурсон шудем, гуфт:

- Гул яктову даъвогар шашто.

ШАРТИ 100 ДОЛЛАР БО БАХТИЁРУ ҶАВВОД

Дар шаҳри Маскав дар кӯчаи Севастополская зиндагӣ мекардем. Рӯзе бегоҳ бо тани хаста аз кор баргаштам, ки Бахтиёр ва Ҷаввод дар хона, ҳар яке дар алоҳидагӣ бузур-

гии худро нишон доданӣ шуда, кӯшиш мекарданд чароғи дар шифт овезонро бо паридан бо пояшон зананд (ҳарду кам-кам машқ мекарданд), вале ҳеҷ яке аз онҳо муваффақ намешуд. Ман рафтори онҳоро хеле наззора карда, гуфтам:

- Эҳ беҳунарҳо! Агар ман поямро ба он расонам, чанд пул медиҳед?

Ҳарду боварӣ доштанд, ки ман чунин ҳунаре надорам, бинобар ин, бе ҳеҷ дудилагӣ гуфтанд:

- Агар пойи шумо ба ҳамин чароғ расад, мо ҳарду 100-долларӣ медиҳем.

Шарт кардему ман ба кашидани либосҳоям шурӯъ кардам. Наззора мекардам, ки яке ба дигаре мегуфт:

- Яке шартро набуранд...

- Э, чӣ хел мебурад, ин мардак болои чӯя базӯр мепарад.

- Кӣ медонад, яке ягон усулро истифода бурда, муваффақ шуданашон мумкин.

- Хайр, канӣ сабр кун.

Аз суҳбаташон маълум буд, ки ба ман бовар накарда бошанд ҳам, дар дилашон тарси бой додан пайдо шудааст. Либосҳои кориро кашида, бо либоси зер ба наздашон омадам. Ду маротиба хаму рост шуда, пойҳоямро машқ дода, дар байни ҳарду истода, аз китфашон дошта, гуфтам:

- Канӣ маро бардореду тамошо кунед.

Ҳарду баланд хандиданду Бахтиёр гуфт:

- Ако, воқеан моро тарсондед. Қариб дасту диламонро аз долларҳоямон шуста будем.

ТАВБА АЗ АРАҚ

Дар наздикиҳои метрои Белоруский бо Бахтиёру Фаридулло дар як хонаи иҷоравӣ истиқомат мекардем. Ҳар нафаре, ки баъд аз кор якум ба хона меомад, бояд як шиша арақ мегирифт ва то омадани дигарҳо хӯрок омода мекард. Ҳар бегоҳ барои се нафар як шиша арақи яклитрӣ мегирифтем ва номашро бо шӯхӣ чикушка (шишаи хурди 250-грамма) монда будем. Ҳар кӣ якум меомад ва арақ мегирифт, ҳатман ба дигарҳо занг зада, мегуфт:

- Ман як чикушка гирифтам, шумо нагиред.

Ин рафтори мо 4-5 моҳ давом кард. Рӯзе Фаридулло гуфт:

- Бародарҳо, ин корамон намешавад. Агар ҳар рӯз арақхӯрӣ кунем, роҳи хонаамонро гум мекунем.

Бахтиёр ҳам розӣ шуд ва гуфт:

- Биёед қасам мехӯрем, ки то ба Тоҷикистон баргаштан дигар арақ наменӯшем.

Ҳарду қасам хӯрданду маро ҳам ташвиқ карданд, ки аз арақ тавба кунам, вале ман рад карда, гуфтам:

- Шумо аз арақ тавба кардед, нанӯшед. Ман кам-кам менӯшам.

Рӯзи дигар баъди кор ман иродаи онҳоро санҷиданӣ шуда, барои худ чекушкаи воқеӣ, яъне як шишаи 250-грамма овардам. Вақти хӯрок арақи худро рехта, ҳар замон «барои саломатии шумо» гуфта менӯшидаму тавбакардаҳо бетоқат мешуданд. Ин рафтори ман ҳар бегоҳ такрор мешуд. Бахтиёру Фаридулло қариб як ҳафта тоқат карданду халос. Фаридулло эътироз карда, гуфт:

- Ақаллан ошхона рафта нӯшед, ки мо набинем.

Вале ман дар назди дастархон дар ҳузури онҳо нӯшиданро авлотар медонистам.

Рӯзе Бахтиёр гуфт:

- Мо фақат аз арақ тавба кардем-ку, биё аз нӯшокиҳои дигар кам-кам овардан мегирем.

Ҳамин тавр, як рӯз пиво, рӯзи дигар вино ва дигар намуди нӯшокиҳои сабуктарро овардан гирифтанд ва вақте кор то ба коняк расид Фаридулло гуфт:

- Ҳеҷ яке аз ин нӯшокиҳо ҷойи арақи лаънатиро намегирифтааст. Зуд ватан рафта, арақхӯриро бояд шурӯъ кунем.

Ҳамин тавр ҳам карданд. Чун барои қасам ривоят ёфтанд, то баргаштан ба ватан фақат арақ нанӯшиданд, вале аз фуқо, вино ва коняк парҳез накарданд.

ГОҲЕ ШОИРРО НИЗ БО МОШИН ТО ХОНААШ МЕОРАНД

(Аз нақли Сайёфи Мизроб)

24-уми октябри соли 1996 буд. Дар идораи нашрияи «Чархи Гардун» сӯҳбат доштем. Баъд аз кор ман, Акбар ва ронандаи ӯ Иброҳим устод Лоиқ Шералиро то хонаашон бурдем. Ҳамсояи устод Лоиқ Азимов, ки он вақ генпроку-

рор буд, моро дида, хандида гуфт:

- 1 бор шоирро ҳам аз пеши муҳофизони генпрокурор гузаронед, то донанд, ки шоирро ҳам гоҳе бо мошин то хонааш меоранд.

ДУРӮҒРО БА ҲАҚИҚАТ ТАБДИЛ ДОДАМ

Фазлиддин Хоҷаев агарчи то ин замон ба ман коре нафармуда буданд, маро ваъдахилоф номиданд. Гуфтам:

- Чӣ ваъдае додаму иҷро накардам, ки маро ба ваъдахилофӣ муттаҳам мекунед?

- Агар ман дурӯғ гуфтам, пас собит кунед, ки ваъдахилоф нестед,- гуфтанд бо ханда.

Ба саволи «чӣ тавр собит кунам?» хоҳиш карданд, ки кореро барояшон иҷро кунам. Гуфтам:

- Боке нест, ман ин кори шуморо дар як рӯз иҷро мекунам.

Бо гузашти чанд рӯз хоҳиши Фазлиддин иҷро нашуд. Вақте сабаб пурсиданд, гуфтам:

- Ман дурӯғатонро ба ҳақиқат табдил додам, то Шумо дурӯғгӯй нашавед.

ГАЗЕТАИ ШУМОРО АЗ АВВАЛ ТО ОХИР МЕХОНАМ
(Аз нақли Эраҷ Қурбонов)

Бо нафаре шинос шудам, ки дар даст рӯзномаи «Тоҷикистон» дошт. Вақте фаҳмид, ки ман корманди ҳамин ҳафтаномаам, гуфт:

- Нашрияи «Тоҷикистон» хеле ҷолиб аст. Ман онро аз аввал то охир мехонам.

- Аниқ аз аввал то охир пурра мехонед,- пурсидам дар ҷавоб.

Гуфт:

- Бале, саҳифаи 16-умашро аз аввал то охир мехонам.

МО БЕШТАР АЗ ЯК МИЛЛИОН ОДАМИ ШӮХ ДОРЕМ

Зоҳири Сайфулло, ки худ инсони хеле шӯх аст, аз ман пурсид:

- Шунидам, ки дар аксари кишварҳо шумораи одамони шӯхро вобаста ба пешрафти бахши ҳаҷвнигорӣ муайян ме-

кардаанд. Оё дар кишвари мо ҳам одамони шӯх зиёданд ва шумораи муайяни онон ҳаст?

Гуфтам:

- Бале, хеле зиёданд.

- Тақрибан чӣ қадар?,- боз пурсид.

- Мо бештар аз як миллион одамони шӯх дорем,- гуфтам дар ҷавоб.

- Шумо инро чӣ гуна муайян кардед?

Гуфтам:

- Аз рӯи имзо ва овоздиҳӣ дар интихобот. Бубин, бештар аз як миллион нафар ба варақаҳои пешазинтихоботии чор номзад ба президентӣ имзо гузоштанд, вале дар рафти интихобот ду фоиз ҳам овоз надоданд. Ин магар нишонаи шӯх будани бештар аз як миллион нафар нест?

Зоҳиршо хандиду гуфт:

- Воқеан рост гуфтед. Як миллион нафар бо шӯхӣ имзо монда, номзадҳои бечораро то ба назди қуттии интихоботӣ бурданд, вале овоз надоданд. Ана инро шӯхии тоҷикӣ мегӯянд.

ХАЙРИЯТ ҲИСОБКУНАКИ АРАҚЧЕНКУНӢ НЕСТ

Зоҳири Сайфулло:

- Ако, шумо арақ менӯшед?

- Менӯшам, вале хеле ва хеле кам!

Зоҳиршо хандиду гуфт:

- Агар камнӯшиатон чунин бошад, бисёраш чӣ хел бошад!? Хайрият, ки барои чен кардани арақнӯшӣ ҳисобкунак нест, вагарна араки хӯрдаи шуморо аз як тонна ҳам бештар нишон медод.

МО ҲАМ ТЕЛЕФОНТАФТИШКУНАК ДОРЕМ

Бо Мавзуна тариқи мессенҷер хеле сӯҳбат кардем ва ман бо шӯхӣ ӯро навозишҳои зиёде кардам. Вақти хайрухуш гуфт:

- Навиштаҳоро тоза кунед, ки касе нахонад, вагарна ба ман гап мерасад.

Хандидаму гуфтам:

- Бепарво бош, мо ҳам телефонтафтишкунак дорем.

МИСЛЕ, КИ АЛЛАКАЙ МАРО СЕРТИФИКАТ КАРДА БОШӢ

Баъд аз он, ки арӯсшаванда домодшавандаро барои бо духтарони дигар сӯҳбат карданаш сарзаниш кард, домодшаванда норозиёна гуфт:

- Чунон гап мезанӣ, ки гӯё ту аллакай маро сертификат карда, шахсӣ карда, гирифта бошӣ.

Арӯс хандида, гуфт:

- Тоқат кунед, кам монд.

- Чӣ кам монд?

- Сертификаткуниам.

- Чӣ хел?

- Ҳозир пеш аз тӯй марҳилаи азхудкунӣ рафта истодааст, ки онро русҳо самозахват мегӯянд. Баъди тӯй сертификати ҳуқуқ барои идоракунии шуморо мегирам. Ана баъд мебинем,- гӯён, арӯс баланд хандид.

Домодшаванда бо табассуми сохтае гуфт:

- Оҳо, баъд пурра ҳуқуқи идоракунии маро ба даст меорӣ-а?

- Чаро не,- гуфт арӯсшаванда ва бо табассуми зебанда илова кард: «Баъд як қадам бе иҷозати ман наметонед».

БАРҚАРОРСОЗИИ ШУМО АЗ «РОҒУН» ҲАМ ВАЗНИН АФТИД

Ҷасур Абдуллоев занг зада, баъди ҳолпурсӣ гуфт:

- Тағоҷон, шумо дар куҷоед?

Гуфтам:

- Дар Хоҷа Оби Гарм.

Гуфт:

- Дар Хоҷа Оби Гарм чӣ кор мекунед?

- Саломатиро барқарор мекунам,- гуфтам дар ҷавоб.

Бо овози баланд хандида, гуфт:

- Тағоҷон, барқароркунии саломатии шумо аз барқароркунии «Роғун» ҳам вазнин афтид.

НАМУРДАМ, КИ ЯК БОРИ ДИГАР РӮИ ШУМОРО БИНАМ

Моҳи май ба бемории коруно гирифтор шудам. Аз табобат то истироҳату барқароркунӣ мӯҳлати зиёд гузашт. Баъд

аз ду моҳ вақте ба кор баромадам, баъд аз ҳолпурсӣ ҳамкоронам гуфтанд:

- Шунидем, ки беморӣ хеле азиятатон дод. Хайрият, ки зинда мондед.

Хандидаму гуфтам:

- Намурдам, ки боз як бори дигар рӯи шуморо бинам.

Ҳама хандиданду гуфтанд:

- Мо ҳам бо ҳамин умед то ҳол зиндаем.

ДУРӮҒИ МАРД 9 МОҲ УМР ДОРАД

Дӯсте доштам, ки рустӣ аз оилааш маъшуқабозӣ дошт. Рӯзе рӯ ба рӯ шудем ва ба назар хеле парешону ошуфта менамуд. Баъди дуруду паём пурсидам:

- Ба хайр аст, ин қадар парешонхотир ба назар мерасӣ?

Гуфт:

- Маъшуқаам ҳомила шуд, акнун дурӯғ фош мешавад. Намедонам ба занак чӣ хел фаҳмонам?

Гуфтам:

- Ҳомилагӣ моҳи чандум аст?

Гуфт:

- Моҳи 9.

Хандидаму гуфтам:

- «Умри дурӯғ кӯтоҳ» мегӯянд, рост будааст.

- Чӣ хел?,- ҳайрон шуда пурсид.

Гуфтам:

- Ана бин, дурӯғи ту ҳамагӣ 9 моҳ умр дид.

ТУ ҲАНӮЗ МАЗЗАИ ЯК ЗАНРО НАЧАШИДАЙ

Бо гурӯҳе аз ҷавонон дар бораи бисёрзанӣ сӯҳбат доштем. Аз гармии баҳс маълум буд, ки ҳама аҳли сӯҳбат мехоҳанд зани зиёд дошта бошанд. Мехоҳанд ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи занҳояшон қарор гиранд, аз лутфу марҳамати онҳо пайваста баҳравар бошанд. Аз ҷавоне, ки хеле бисёрзаниро ташвиқ мекард, пурсидам:

- Ту худ чанд зан дорӣ?

Гуфт:

- Ман 3 зан дорам.

Марди дар паҳлуяш нишаста бо киноя гуфт:

- Аз оҳанги гуфторат маълум, ки ту ҳанӯз маззаи як занро ҳам чашидагӣ нестӣ.

Ҷавон ҳозирҷавобӣ карданӣ шуда, гуфт:

- Магар зан ҳам масза дорад?

Ҳама баланд хандида, гуфтем:

- Ҳамин савол худ гувоҳи он аст, ки ту ҳанӯз маззаи занро начашидаӣ.

ДАР ДАФТАРИ ГӮРУ АЪМОЛАТОН МЕНАВИСЕМ

Дар Хоҷа Оби Гарм аз духтари фурӯшандае чанд навъ алафҳои шифобахш хариданӣ шудам. Ӯ қимати алафҳоро аз 10 сомонӣ кам намекард. Барои он, ки арзонтар кунад, гуфтам:

- Ман ҳамагӣ 5 сомонӣ бо худ дорам. Агар бо ҳамин нарх диҳӣ, мегирам.

Гуфт:

- 5 сомониашро ҳозир диҳед, нисфи дигарашро бегоҳ меоред.

Гуфтам:

- Агар то бегоҳ аз инҷо равам чӣ?

Бо як дилпурии ба худ хос гуфт:

- Ҳеҷ гап не, боқимондаашро дар дафтари гӯру аъмолатон менависем.

Хандидаму гуфтам:

- Дафтари аъмоли ман аллакай пур аст.

ҚАССОСИ МУШ ДАР СОЛИ МУШ

Соли 2020, яъне соли Муш дар таърихи башарият шояд чун вазнинтарин сол ба қайд гирифта шавад. Бахусус баъд аз зуҳури вируси коруно афзоиши маргу мир дар ҷаҳон, ки то ҳол сабаби воқеии он кашф нашудааст, имсол соли пур аз муаммо низ дониста мешавад. То ҳол тамоми олимони сайёра дар фикри онанд, ки вируси мазкур аз кучо пайдо шудаву чӣ тавр дар як муддати кӯтоҳ тамоми ҷаҳонро фаро гирифт ва садҳо миллион нафарро мубтало кардаву чандин миллиони дигарро ба коми марг кашид. Бархе пайдоиши ин вирусро аз он медонанд, ки гӯё аз ҳайвоноти гуногун,

аз ҷумла муш, кӯршабпарак ва ғайра ба инсон сироят ва паҳн шудааст. Бархеи дигар бар он андешаанд, ки вируси мазкурро давлатҳои абарқудрат, аз ҷумла Амрикову Русия чун яроқи бактериологӣ истеҳсол намуда, дар Хитой онро озмоиш карданд ва намедонистанд, ки ин на танҳо Хитой, балки тамоми ҷаҳонро фаро мегирад. Хуллас, олимони тамоми ҷаҳон ҳанӯз ба хулоса наомадаанд, вале ман омадам. Ё ба таври дигар гӯям, ман ихтироеро анҷом додам, ки то имрӯз ҳатто олимони кишварҳои бою абарқудрат ба он даст наёфтаанд.

Банда муҳлати шаш моҳ шабро шаб ва рӯзро рӯз нагуфта, тамоми сарчашмаҳои тиббии пайдоиши вирусҳои гуногун, таърихи пайдоиши воксинаҳо ва усулҳои санҷиши онҳоро дар бадани ҳайвонот омӯхта, ба хулосае омадам, ки ин на ягон намуди яроқи бактериологӣ аст ва на вирусест, ки онро табиат ато намуда, пешкаши инсонҳо гардонидааст. Ин як озмоиш буд, ки на инсонҳо дар бадани ҳайвонот, балки муш дар бадани инсонҳо гузаронид.

Бовар намекунед? Далел меорам!

Тибқи маълумоти аз маъхазҳои махсуси комилан маҳфии олами мушҳо, ки муше ба шарти наовардани номаш ба ман дастрас кард, пешвоёни мушҳои тамоми олам моҳи октябри соли 2019, яъне дар соли хук дар шаҳри Хуани Хитой ҷамъ омада, маҷлиси махсуси шӯрои амнияти худро гузарониданд. Вақте роҷеъ ба мушкилоти глобалии мушҳо, сабабҳои афзоиши маргу мири онҳо сухан мерафт, вазири тандурустии олами мушон гуфт:

- Мӯҳтарам мири мушон! Мӯҳтарам мушҳо! Пажӯҳиши илми тиб нишон дод, ки тамоми табибони дунё ҳама гуна озмоишҳои тиббии худро нахуст дар тани мушон мегузаронанд. Ҳам офариниши воксинаҳои асосӣ, ҳам доруҳои оддӣ ва ҳам ҷарроҳиҳои гуногун нахуст дар тани мо мушон анҷом дода мешавад. Ин ҳама ба чунин оқибат оварда расонид, ки на танҳо мушҳои аз озмоиш гузашта, балки насли минбаъдаи мо низ бемору нотавон ба дунё оянд. Мо бояд дар ин бора чораандешӣ кунем ва аз асорати инсонҳо озод шавем. Агар мо ин корро ба таври фаврӣ анҷом надиҳем,

дар ояндаи наздик насли мо ба як насли комилан бемору мачрӯҳ табдил меёбад.

Доктори илмҳои химия, профессор Мушбону ба сухан баромада, суханҳои вазири тандурустии кишварашро тасдиқ карда, илова намуд:

- Моро зарур аст, ки дар соли 2020, вақте соли мо фаро мерасад, як вируси бузургеро истеҳсол карда, дар бадани инсонҳо санҷем, қасоси худро аз инсонҳо бигирем ва нишон диҳем, ки мо мушҳо чӣ қудрате дорем. Агар иҷоза диҳед, дар муҳлати як моҳ ман ин вирусро ихтироъ ва ба бадани инсон ворид мекунам. Вируси мазкур чунин вирусе хоҳад шуд, ки дар муҳлати кӯтоҳ тамоми ҷаҳонро фаро мегирад ва инсонҳо аз ёфтани давои он оҷиз мемонанд.

Баъди баҳсу мунозираҳои зиёд, дар ниҳоят қарор қабул шуд, ки мушҳо соли 2020-ро интизор нашуда, рӯз пеш аз фарорасии соли нав вирусро паҳн хоҳанд кард ва ҳамин тавр шуд. Моҳи декабр гурӯҳи хурди олимон ҷамъ шуда, ба хулосае омаданд, ки вирусро мустақиман на ба воситаи мушон, балки ба воситаи кӯршабпараке ба инсон мегузаронанд, то инсон аз онҳо дилмонда нашавад. Вирус хусусиятҳои осони сирояткуниро дошт. Барои сирояти он танҳо нафас кашидани инсон ва ё ба чашмону бинӣ даст расонидан басанда буд.

Озмоиши нахустин натиҷае дод, ки ҳатто худи мушҳоро ба ҳайрат гузошт. Шаҳри Хуан дар як вақти кӯтоҳ ба шаҳри мурда ва пур аз бемор табдил ёфта, оҳиста-оҳиста беморӣ ба тамоми Хитой паҳн шуд ва кулли ҷаҳонро фаро гирифт. Пешбинии доктор хато набаромад. Олимони тамоми ҷаҳон гирди ҳам ҷамъ омада, чорае бар ин дард наёфтанд. Ба ҳар кӣ вирус раҳм мекард, худаш шифо меёфт, ба касе раҳм намекард, ҳатто миллионҳо доллар ӯро нигоҳ дошта наметавонист. Нахуст чун қасос ин вирус ҷони духтурҳоро гирифт. Ҷони онҳоеро, ки озмоишҳои гуногунро дар бадани мушҳо гузарониданд. Беморхонаҳо пур, мурдахонаҳо пуртар, қабрканҳо бой, бойҳо бемор шуданд мурданд. Қасос тамоми сол идома ёфт ва ҳатто ба соли буққа ҳам гузашт.

Шояд дар бораи ин бозёфти бузурги банда, ки аз

ҳуҷҷатҳои махфии СРУ-и мушҳо дастрас кардам, олимони зиёде норозӣ бошанд. Вале розӣ будани онҳо ба ман муҳим нест, зеро гуноҳи ман нест, ки онҳо ба олами мушҳо дастрасӣ надоранд ва забони мушҳоро намедонанд. Агар онҳо чунин имкониятро медоштанд ё имрӯзро пешбинӣ карда метавонистанд, мушҳо наметавонистанд моро ғофилгир кунанд ва аз мо инсонҳо қасос гиранд. Лекин он чӣ овардам, ҳақиқати ҳол буда, эҳтиёткор будани моро тақозо мекунад. Зеро ин ҳанӯз муш аст. Вақте муш бо як нӯл задан ин қадар балоро ба сари инсоният овард, агар буққа ба ғазаб ояд ва шох ё лагад занад, ҳоли мо чӣ мешавад? Буққа хеле хотираи пуркувват дорад ва сахт асабӣ аст. Агар буққа қасос гирад, ба фикрам, ҷуз ҳиндуҳо касеро зинда намегузорад.

«МАРДАК-БАРДАК» - ЗАМИМАИ НАВИ МОБИЛӢ БАРОИ ЗАНҲО

Баъди кор бо Зоҳиршо рӯ ба рӯ шудам. Баъди ҳолпурсӣ гуфт:

- Устодҷун, рӯзи вазнине буд. Биёед якҷоя ба тарабхона рафта, 100-грамӣ барои рафъи хастагӣ гирем. 2 духтарро низ бо худ барем, каме рақсу бозӣ кунем ва вақтро хуш гузаронем.

Афсӯсхӯрон гуфтам:

- Ман наметавонам, ҷӯраҷон.

Ҳайратомез пурсид:

- Чаро наметавонед? Магар пул надоред? хароҷот аз ҳисоби ман мешавад.

Гуфтам:

- Не. Янгаат намемонад.

- Эҳе, о шумо занкалон набудед-ку! Ман аз шумо чунин умед надоштам, дилам аз шумо хунук шуд,- гуфта, ба роҳаш идома доданӣ шуд, ки гуфтам:

- Не, не. Ман занкалон не, ҷӯраҷон. Фақат янгаат барномаи мобилиеро ихтироъ кардааст, ки бо пахши тугмачаҳои он ҳама рафторҳои маро назорат мекунад ва самти ҳаракатамро ба танзим медарорад.

- Эҳ, янга донандаи хуби техника ҳам ҳаст?

- Бале, барномасоз аст ва дар ширкати мобилӣ кор мекунад.

Хандакунон «вой бар ҳолатон, устодҷун» гуфту пурсид:

- Ин чӣ барнома будааст?

Гуфтам:

- Ин барнома «Мардак-Бардак» ном дорад ва танҳо барои занҳои шавҳардор пешбинӣ шудааст. Барномаи махсуси мобилист, ки ҳама рафтор, кирдор, сухан ва ҳаракатҳои шавҳар аз тарафи зан назорат ва ба танзим дароварда мешавад. Занҳо ин барномаро дар телефонашон насб ва рақами телефони шавҳарашонро дар он ҷой мекунанд. Вақте мард аз хона баромад, аллакай барнома фаъол мешавад ва дигар ҳама фаъолияти онрӯзаи мард ва то ба хона баргаштанаш пурра зери назорат боқӣ мемонад.

- Агар дар роҳ ман бо арӯсе гап заданӣ шавам чӣ?

- Зан тариқи барнома ҳама гуфтори туро мешунавад. Агар ӯ нахоҳад, ки ту бо ин зан ҳарф занӣ, тугмачаи махсусеро пахш мекунад ва забони ту аз гуфтор мемонад. Ту арӯсро мешунавӣ, вале ба ӯ ҳеҷ посухе дода наметавонӣ.

- Агар ба хонаи арӯс рафтанӣ шавам чӣ?

- Масалан, агар занат хоҳад, ки ҳамаи гапҳои туро гӯш кунад ва ичоза диҳад, ки ба хонаи арӯс равӣ, ӯ бо роҳат ин корро идома медиҳад ва то ба хонаи арӯс рафтани ту ин тугмачаро пахш намекунад. Вақе ба хонаи арӯс даромадӣ ва ягон ҳаракати ноҷоеро анҷом доданӣ шудӣ, зан тугмачаи махсусро пахш мекунад, ки ту аз ҳаракат бозмемонӣ, дар ҷоят шах мешавӣ ва ҳеҷ ҳаракатеро анҷом дода наметавонӣ. Баъдан зан тугмачаи дигарро пахш мекунад, ки ту 180 градус тоб хӯрда, ба самти дар ҳаракат мекунӣ ва аз дар мебароӣ.

- Ин бутун барномаи аҷиб будааст-ку! Агар зани ман ин корро кунад, ман аз маошам ягон сомонӣ барояш намедиҳам ва ҳама пулро барои худам харҷ мекунам.

- Хобатро ба об гӯй, ҷӯраҷон!,- гуфта, баланд хандидам ва идома додам:

- Минбаъд корти бонкии ту низ пурра зери назорати ӯ боқӣ мемонад. Вақте маоши ту ба корти бонкиат мегуза-

рад, ба телефони янга паёмак меояд. Ӯ тугмачаеро пахш мекунад, ки ту аз корти бонкиат пул гирифта наметавонӣ?

- Чӣ хел?

- Дар барнома тугмачаи махсусе ҳаст, ки ҳангоми аз банкомат пул гирифтан истифода мешавад. Агар зан онро пахш кунад, ту рамзи кортро фаромӯш мекунӣ. Ё тугмачаи дигаре ҳаст, ки дар сурати пахш кардан, корти ту аз фаъолият мемонад.

- Э ман ранги шумо занкалон нестам, ки ба ҳама ин рафтор тоқат кунам, устодҷун. Агар зани ман чунин корҳоро бо барномааш анҷом диҳад, ман умуман хона намеравам ва хонаву дарро партофта, занакро талоқ дода мегурезам,- гуфт бо хитоб Зоҳиршо.

- Боз ҳам иштибоҳ мекунӣ, ҷӯраҷон,- гуфтам бо табассум.

- Чӣ хел?,- ҳайрон шуда пурсид.

- Ин барномаест, ки зан на танҳо шавҳарро назорат мекунад, балки ӯро ба худ мутеъ ҳам месозад. Онҷо тугмаче ҳаст, ки дар сурати пахш кардан, мард пурра мутеъи зан мешавад ва ҳеҷ сухани ӯро инкор намекунад. Масалан, ҳолатҳое ҳаст, ки агар тугмаро пахш кунад, мард дар ҷояш шах мешавад ва бо ҳеҷ зане алоқа карда наметавонад. Боз тугмаи дигар дорад, ки агар зан онро пахш кунад, бо худи зан хеле меҳрубон мешавӣ.

- Пас, робот мешавем гӯед...

- Робот не, «Мардак-Бардак» мешавӣ.

- Бале, воқеан на мардак, балки бардак мекардааст ин барнома,- гуфт Зоҳиршо ва илтимоскунон идома дод:

- Устодҷун, фақат як хоҳиш, ба янга гӯед, ки дар бораи ин барнома ба зани ман ҳарфе назананд. Охир, онҳо дугонаанд-ку.

Гуфтам:

- Бефоида!

- Чӣ хел?

- Янгаат имрӯз ба хонаи ту рафта буд, то ин барномаро дар телефони дугонааш низ насб намояд.

«Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам» гӯён, Зоҳиршо бо ду даст сарашро дошт, баъдан худро ба даст гирифта, пурсид:

- Акнун чӣ кор мекунем?

Телефонро нишон дода, гуфтам:

- Натарс, ман барномаи дигареро дар муқобили ин барнома ихтироъ кардам, ки мисли антивирус аст. Номашро «Антизанак» мондам. Ҳар вақт зан барномаи «Мардак-Бардак» -ро истифода бурданӣ шавад, он барнома баръакс кор мекунад.

- Чӣ хел?

- Масалан, вақте «Антизанак»-ро фаъол кунем ва тугмачаи онро пахш намоем, занак худ аз худ телефонро ба гӯшае монда, ба даст ҷорӯб мегирад ва ба хонарӯбӣ машғул мешавад. Хонаҳоро ки рӯфта тамом кард, ба пухтани хӯроки бомазза машғул мешавад. Бегоҳ вақте аз дар медароӣ, туро бо чеҳраи болида пешвоз мегирад ва ҳатто фаромӯш мекунад, ки туро бояд назорат мекард.

- Ин тавр бошад, рафтем,- гуфт бо хурсандиву бо пахши тугмачаи барномаи «Антизанак» роҳи майхонаро пеш гирифтем.

ҚОТИЛ ПЕШ АЗ ҶАБРДИДА БА ОЗОДӢ МЕБАРОЯД

Дар прокуратураи яке аз ноҳияҳо ба ҳайси намояндаи ҷабрдида дар парванда иштирок доштам. Прокурори ноҳия пеш аз он, ки моро бо маводҳои тафтишотӣ шинос кунад, аз моддаҳои гуногуни Кодекси ҷиноятӣ огоҳ карда, баёнот гирифта, гуфт:

- Агар сирри тафтишотро фош кунед ва ё ба кори тафтишот дахолат кунед, нисбати худи шумо парвандаи ҷиноятӣ кушода мешавад.

Вақте бо мӯҳтавои моддаҳои номбаркардааш шинос шудам, маълум шуд, ки дар сурати нисбати мо кушодани парванда, эҳтимолияти чанд сол аз озодӣ маҳрум шудан низ вуҷуд дорад.

Хандидаму гуфтам:

- Мӯҳтарам прокурор! Агар ин моддаҳоро нисбати мо татбиқ кунед, қотил пеш аз ҷабрдида ба озодӣ мебарояд.

КАЛИД АЗ ХОНАИ НАВ

Дар рӯзи мавлудам субҳи барвақт ба ҷои кор омада, калидеро ба ҳамкоронам нишон дода, гуфтам:

- Имрӯз ба ман калиди хонаи нави духуҷрагиро тӯҳфа карданд.

Ҳама «ура, ура» гӯён, маро табрик карда, пурсиданд:

- Акнун кай ба хонаи нав мекӯчед?

Гуфтам:

- Ҳеҷ гоҳ.

Ҳайрон шуда пурсиданд:

- Чаро?

Гуфтам:

- Чунки соҳиби хона қулфи дарашро нав кардааст ва ба ман на хона, балки калиду қулфи онро тӯҳфа кард.

АРХИВРО НАБАРДОРЕД

Дар тарабхонаи «Токӣ» бо ҳамкорон нишаста, хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрдем. Вақте аз пешхизмат номи ӯро пурсидем, гуфт:

- Номам Зулҳиҷҷа.

Аксар, ки ин номро бори аввал шунида буданд, баъд аз такрор кардану азёд кардани он пурсиданд:

- Зулҳиҷҷа чӣ маъно дорад?

Ба ҷои ӯ ман шарҳ доданӣ шуда, гуфтам:

- Ин яке аз моҳҳои солшумории ҳиҷрии қамарӣ буда, баъд аз моҳи зулқаъда фаро мерасад, ки зулқаъда маънои кӯдак ва Зулҳиҷҷа маънои духтарро дорад.

Нав барои дурусттар фаҳмидан муфассал ба шарҳ додани солшумории мазкур оғоз карданӣ шудам, ки Насимҷон маро аз шарҳ боздоштанӣ шуда, гуфт:

- Шуд, шуд, мо фаҳмидем, акнун барои як ном шуда ҳама архивро набардоред.

Ҳама баланд хандиданду ман ҳам хандида гуфтам:

- Дар ҳамин ҷо ҳам бахилиатро кардӣ. Ин архивбардорӣ барои ту не, барои Зулҳиҷҷа буд.

ФАҚАТ САЙЁФ МЕТАВОНАД!

Дар истгоҳ бо нофаре во хӯрдам, ки дар даст газетаи «СССР» дошт ва саҳифаҳои онро варақгардон мекард. Аз ӯ пурсидам:

- «СССР» чӣ навиштааст?

Гуфт:

- Ҳамин Сайёфи Мизроб ин қадар чизҳои танқидӣ менависад. Агар дар муқобили худаш ягончӣ нависем, ягон газета чоп мекарда бошад?

- Дигарҳоро намедонам, вале худаш аниқ дар «СССР» чоп мекунад,- гуфтам бо ҷиддият.

- Чӣ хел? Ӯ магар дар муқобили худаш ҳам мавод чоп карда метавонад ва боз дар газетаи худаш?,- гуфт ҳайратомез.

Гуфтам:

- Бовар кун, Сайёфи Мизроб метавонад!

Э ХУДО, Э ХУДО, КОШ САЛОМ НАДИҲАД

(аз нақли як нафар ҳамкорам)

Ҳамроҳи модари бачаҳо ба сайр баромадем. Нохост назарам ба бонуе афтид, ки дар айни замон рӯ ба рӯ шудан бо ӯ метавонист оқибатҳои нохуб дошта бошад. Чун илоҷи тағйир додани самти ҳаракат набуд, худ ба худ «э худое, кош салом надиҳад, кош салом надиҳад», гуфта, бо сари хам рафта истода будем, ки ба мо наздик шуда, якбора гуфт:

- Ассалому алейкум. Чаро сари хам рафта истодаеду чунон вонамуд мекунед, ки гӯё маро намебинед?

Ва якбора дасташро ба гарданам ҳалқа карда, маро ғофилгир карда, бӯсае ҳам гирифт.

Ман зуд ӯро дошта, дасташро ҷудо карда, чашмакие зада, гуфтам:

- Шогирди азизи мо чӣ ҳол дорад? Маълум, ки устодатро сахт ёд кардай-а?

- Бале, бале, устодҷон. Магар шуморо ёд накарда мешавад. Хайр ман рафтам, ба ҳама салом гӯед,- гуфту ба роҳи худ идома доданӣ буд, ки модари бачаҳо ӯро дошта, ба ҳуҷум гузашт:

- Ин чӣ хел устоду ту чӣ хел шогирд, ки дастонатро ба

гарданаш ҳалқа карда, қариб аз лабонаш мебусидӣ?

- Янгачон, бехавф бошед, ман бо ҳама устодон не, фақат бо ҳамин кас чунин салом мекунам,- гуфту гурехт.

Гумон кардам қиёмат қоим мешавад, вале хушбахтона ин тавр нашуд. Фақат сайру саёҳат пеш аз муҳлат ба итмом расид.

МАН ФАҚАТ АЗ МОДАР ИҶОЗАТ МЕПУРСАМ

Ҳамкорон тасмими сафар ба Сафеддара доштанд. Яке аз ман бо шӯхӣ пурсид:

- Ҳамроҳи мо ба Сафеддара меравед ё шумо ҳам аввал аз занак иҷозат мепурсед?

Гуфтам:

- Ман мисли шумо занкалон нестам, ки аз занак иҷозат гирам. Ман ҳар кучо равам, фақат аз модар ҷавоб мегирам.

- Аз модари кӣ?,- пурсид бо табассум дуввумӣ.

Хандида гуфтам:

- Аз модари бачаҳо.

АЗ ДАРС НЕ, АЗ РАҚС ПУРСЕД, ДАДА

Аз духтари донишҷӯям пурсидам:

- Дарсҳо чӣ тавр гузашта истодаанд?

Гуфт:

- Аз дарс не, аз рақс пурсед, дада. Мо як моҳ шуд, ки дарсро надидаем. Дар маршировкаҳо фақат ба мо ракс меомӯзанд.

- Охир, ту дар донишкадаи санъат намехонӣ ку,- ҳайрон шуда пурсидам.

Хандиду гуфт:

- Ҳозир ҳама ҷо санъат шудааст.

НАВОЗИШИ ЗАНАК

Бо додарам Абдуназар телефонӣ сӯҳбат доштем. Баъд аз салому алейк ва ҳолпурсӣ гуфт:

- Имрӯз субҳи барвақт ба янгаатон занг задам. Занак гӯширо бардошта, бе салому алейк ба навозиш шурӯъ кард:

- Дар қаду қоматат ҷонам, дар чашмҳои нимсиёҳу нимкабудат ҷонам. Садқаи ҳусну ҷамолат, садқаи мӯйҳои зебо-

ят шавам.

Ман дасту по гум карда, ҳайрон шуда, пурсидам:

- Занакҷон, ба хайр аст, сахт ёд кардӣ чӣ? Ту асло маро чунин навозиш намекардӣ ку! Ба ту чӣ шуд?

Занак гуфт:

- Мардакҷон, бахшиш, ман говамонро навозиш дорам, ин саҳар як сатил шир дод.

БЕ ID-КОРТ ҚУДО НАМЕШАВЕМ!
(Аз нақли як дӯст)

Бача зангир шудааст. Баъд аз маслиҳату интихобу «хушкуниҳо» ниҳоят ба хостгорӣ ҳам рафтем. Баъд аз салому алейк ва шунидани ҳама сифатҳои домодшаванда, соҳиби духтар баъд аз хомӯшии зиёд бо ғурур сарашро боло карда, бо оҳистагӣ пурсид:

- Истед, ки ҳамин бачаи шумо шиносномаи намунаи 2014 дорад?

Гунаҳкорона гуфтем:

- Ҳоло шиносномаи нав нагирифтаем, қудоҷон, вале дар фикри гирифтанаш ҳастем.

- Ман бо онҳое, ки шиносномаҳои кӯҳна доранд, қудо намешавам,- гуфт ба якборагӣ бо ғазаб ва илова кард:- Бояд пеш аз хостгорӣ омадан фикри шиносномаи навро мекардед. Бе ID-корт мо қудо намешавем, тамом.

ЗИЁРАТИ ҚАДАМГОҲИ ҲАЗРАТИ ЮСУФ
(Ё ман чӣ гуна ҳоҷӣ шудам?)

4-уми июли соли 2008 буд. Банда баъди 56 рӯзи дар боздоштгоҳи муваққатии шаҳри Дмитров нигоҳ дошта шаданам, ниҳоят аз Русия ихроҷ шудам ва ба ватан баргаштам. Мардуми зиёде ба зиёратам омаданд ва амаки Шодимурод Баҳриддинов низ. Он кас баробари аз дар даромадан маро оғӯш карда, бо овози баланд гиристанд. Чунон гиристанд, ки ҳам ман ва ҳам падарам гиристем. Баъд аз оғӯшкунӣ ва гиря эшон дар ниҳоят худро ба даст гирифта, бо нияти бардоштани рӯҳияи ман ва падарам гуфтанд:

- Ту ҳаргиз рӯҳафтода нашав, ки чанд вақт дар боздоштгоҳ будӣ, зеро ту акнун ҳоҷӣ шудӣ.

- Чӣ хел ҳоҷӣ?,- ҳайрон шуда, пурсиданд акои Фарҳод.

Бобои Шодимурод гуфтанд:

- Чунки Холиқназар қадамгоҳи ҳазрати Юсуфро зиёрат карда омад. Ҳар он кас, ки қадамгоҳи ҳазрати Юсуфро зиёрат кунад, ӯ ҳоҷӣ аст.

Ҳамин тавр ба номи ман унвони ҳоҷигӣ зам шуд ва акои Фарҳод то ҳанӯз вақте маро бинанд, «ҳоҷибоборо як зиёрат кунем» гуфта, ҳатман ба оғӯш мекашанду аз ин қисса ёдоварӣ мекунанд.

МАН САГ НЕСТАМ

Бонуи ҳамкоре аз ман пурсид:

- Ту маро дӯст дошта метавонӣ?

Гуфтам:

- Бале, дӯстат хоҳам дошт, ба шарте, ки ба муҳаббатам бо муҳаббат посух гӯӣ ва содиқу вафодор бошӣ.

Хандиду гуфт:

- Ман саг нестам.

МАН ГӮРКАН ҲАСТАМ!

(Аз нақли мардум)

Дар кишваре вақте бӯҳрони шадиди иқисодӣ фаро мерасад, подшоҳ вазирро даъват карда, ба ӯ дастур медиҳад:

- Фавран андозро боло бардоред, то холигоҳи буға пур гардад!

Вазир норозигӣ баён намуда, мегӯяд:

- Андози мо бе ин ҳам баланд аст, боло бурдани он ба мардум қашшоқӣ меорад.

Подшоҳ агарчи «хуб» мегӯяд, вале бо мақсади фаҳмидани зиндагии воқеии мардум бо либоси дарвешӣ берун аз шаҳр баромада, меҳмони мӯйсафеде мешавад. Мӯйсафед бо ҳама нозу неъмат ӯро меҳмондорӣ карда, гусел мекунад. Подшоҳ ба дарбор баргашта, ба вазир мегӯяд:

- Мардум зиндагии хеле хуб доранд. Андозро баланд кунед.

Андозро мебардоранд ва подшоҳ баъди як соли боло бурдани андоз боз меҳмони ҳамон мӯйсафед мешавад. Меҳмондорӣ ин маротиба аз аввала бештар ва нозу неъ-

матҳо фаровонтар мешаванд. Ӯ ҳайрон шуда, ба назди вазир баргашта, мегӯяд:

- Ту мегӯӣ, ки дигар имкони баланд бардоштани андоз вуҷуд надорад. Аммо мебинам, зиндагии мардум боз ҳам хубтар шудааст. Андозро боз ҳам баландтар бардор!

Баъд аз як соли такроран боло бардоштани андоз подшоҳ боз дар либоси дарвешон меҳмони мӯйсафед мешавад, ки мӯйсафед аз пештара ҳам бойтар шудаву дар баробари фаровонии нозу неъмат хонаву дараш низ хеле обод шуда ва ҳатто ба худ хизматгор гирифтааст. Ӯ дар тааҷҷуб афтода, аз мӯйсафед мепурсад:

- Сол ба сол мебинам, ки бо вуҷуди танҳоӣ ва пириат давлатат бештар мешавад. Сирри инро ба ман намегӯӣ?

Мӯйсафед мегӯяд:

- Мегӯям, аммо ту ба касе нагӯй. Ман гӯркан ҳастам. Вақте подшоҳи мо андозро хеле боло бурд, мардум кашшоқ шудаву шумораи фавтидагон рӯз ба рӯз бештар шуда истодааст. Даромади ман низ аз ҳамин ҳисоб афзун гашт.

АКНУН ХОБИ ПУЛДОДАГИҲО НАБАРАД

Иҷорашинӣ ба дилам зад ва қарзи зиёде аз хешу табор бардошта, як илоҷ карда, хонаи якҳуҷрагие дар шаҳри Душанбе харидам. Баъд аз харидории хона ва ба расмият даровардани он ба деҳа ба зиёрати падар омадам, то аз эшон фотеҳа гирифта, баъдан ба манзили нав кӯчам. Падарам хонаи навро бароям муборак карда, гуфтанд:

- Писарам, ба фикрам шабҳо хобат ҳам намебурдагист-а?

- Чаро хобам намебурдааст, падарҷон?,- ҳайрон пурсидам.

Гуфтанд:

- Охир, ин қадар қарздор шудӣ.

Хандида, гуфтам:

- Падарҷон, ман қарзро гирифта, корро буд кардам. Акнун бигзор хоби пулдодагиҳо набарад. Бигзор акнун онҳо шаби дароз фикр кунанд, ки ин пулҳоро аз кучо ёфта медиҳам.

АЙБИ ХУДАШ, ДАР РОҲ ОГОҲ НАКАРД

Падарамро ба беморхона барои муоина ба назди духтури асаб бурдам. Духтур баъд аз муоинаи бемор ва супориш додани чандин намуди ташхисҳо пурсид:

- Амак, чандсола шудед?

Ба ҷои падарам ман посух додам:

- Падарам 81-солаанд.

Соли таваллудашонро низ ба 81-солагӣ дуруст карда гуфтам.

Духтур нав соли таваллудашонро дар дафтар қайд кардӣ буд, ки падарам ба ман эрод гирифта, гуфтанд:

- Писарам, ту магар соли таваллуди маро намедонӣ? Ман ҳанӯз ба 80 надорамадаам. Ман 77 сол дорам.

Духтур баланд хандида, гуфт:

- Амакҷон, писаратон хуб медонад, ки шумо чандсолаед, вале медонед барои чӣ ӯ шуморо 81-сола гуфт?

- Барои чӣ?

- Ӯ хост, ки шуморо мо ройгон муоина кунем. Зеро ташхис ва табобати пирони аз 80-сола боло ройгон аст.

Падарам табассум карда, гуфтанд:

- Ин тавр бошад, айби худаш аст. Дар роҳ огоҳ накард, акнун пулашро супорад.

ИМРӮЗ МАН ТАҒОИ ТУ ШУДАМ, ОЯНДА ЯКЕ ТУ ТАҒОИ МАН МЕШАВӢ

Нисфирӯзӣ дар истгоҳи «Политехникум» мунтазири нақлиёт будам, ки ҷавоне омада, бо ман салому алейк карда, гуфт:

- Тағоӣ, як илтимосат кунам, ёриам мекунӣ?

Гумон кардам, ки пул мепурсад. Гуфтам:

- Хуш, канӣ гап зан, чӣ мушкиле дорӣ, агар тавонистам, ёрӣ мекунам.

Гуфт:

- Ман донишҷӯйи факултаи «Нақлиёт»-и Донишгоҳи техникиам. Муаллимамон телефони дастиамро гирифтаву як ҳафта шуд бозпас намедиҳад. Барои он ки ман телефонамро гирам, бояд волидайнам ё ягон хеши наздикамро назди муаллим барам. Аммо ман аз ноҳияи дурдастаму

инҷо касе надорам. Шумо метавонед чун як хеши наздикам ҳамроҳи ман назди муаллим рафта, телефони маро гирифта диҳед?

Гуфтам:

- Ягон гуноҳи бузурге накарда бошӣ, ки дар бало монем?

Гуфт:

- Аз ин ҷиҳат бепарво бошед.

Чун вақтам фаровон буд, ҳисси кунҷковиам боло гирифту ҳамроҳи ӯ ба сифати «тағо» ба назди муовини декани факултаашон рафтем. Муовини декан моро хуш қабул намуда, аҳволпурсӣ кард ва баъд аз фаҳмидани сабаби ташриф гуфт:

- Бубахшед, ки шуморо ташвиш дода, ба ин ҷо даъват кардем. Синфи инҳо аз ҳама синфи прогулчӣ аст. Бинобар зиёд будани «ғоиб» (нб)- ҳо, инҳо дафтари синфро дуздидаанд. Ба ҳамин хотир, мо телефонҳои мобилии ҳамаашонро гирифтем, то ин ки дафтарро пайдо намоем, вале бефоида. Касе ба калла намегирад ва ҳама бо як овоз «надидаем» мегӯянд.

Ман дар ҳузури муаллим «ҷиянам»-ро ҷанг карда, аз ӯ ҷои дафтари синфро пурсидам. Ӯ иқрор намуд, ки дар дарсҳо фаъол аст ва прогул надорад, барои ҳамин ҳам, наметавонист ин корро кунад.

Дар рафти сӯҳбат муаллим гуфт:

- Ба фикрам ман шуморо мешиносам. Шумо замоне муаллим набудед?

Гуфтам:

- Бале, замоне муаллим будам ва дар гимназияи шаҳри Панҷакент дарс медодам.

Баъд аз сӯҳбат маълум шуд, ки муаллими «ҷиянам» замоне шогирди ман будааст. Ин аст, ки зуд мушкили «ҷиян»-ро ҳал намуда, телефони ӯро бозпас гирифтем ва табодули рақамҳои телефонӣ карда, аз остонаи донишгоҳ берун баромадем.

Вакти хайрухуш «ҷиянам» бо як хушҳолӣ гуфт:

- Ҳазор раҳмат тағоӣ. Дар оянда агар мушкилие пеш ояд, назди муаллим даромада, аз номи шумо гап мезанам ва мегӯям, ки тағоиям фиристоданд.

Гуфтам:

- Ҳеҷ гап не ҷиян. Имрӯз ман тағоӣ ту шудам, оянда соҳибмансаб шавӣ, яке ту тағои ман мешавӣ.

- Бовар доред, ки оянда мансабдор мешавам?,- пурсид аз ман.

Даст ба китфаш бурда, гуфтам:

- Ба ҳар навъ, ба қавли устод Убайдулло Раҷабов географияат барои тағошавӣ мувофиқ меояд.

«СЮРПРИЗ»-И ГУЛБАҲОР

Ман дар Маркази тадқиқоти журналистӣ кор мекардаму Гулбаҳор дар нашрияи «Минбари халқ». Ӯ яхмосро хеле дӯст медошт, вале ҳеҷ гоҳ бо ман яхмосхӯрӣ намерафт ва таклифҳои якҷоя яхмосхӯрӣ рафтанро ҳамеша рад мекард. Рӯзе, баръакси интизориҳоям, ӯ ба ман муроҷиат карда, гуфт:

- Кай шумо маро яхмосхӯрӣ мебаред?

- Ҳар вақте ки ту хоҳӣ,- гуфтам хандакунон ва илова кардам:- Фақат як ишораи ту басанда аст, ки ман ҳама корро партофта, бо ту яхмосхӯрӣ равам.

Бо табассуми ба худаш зебандае гуфт:

- Ҳамин бегоҳ баъди кор меравем.

Худ ба худ мегуфтам, ки «одатан, писарҳо духтарҳоро ба яхмосхӯрӣ даъват мекунанд. Имрӯз бошад, баръакс шуд. Бахусус Гулбаҳор, ки бо ин ҳусну ҷамол, ба қавли худаш, «бо ҳар хасу хошок» яхмосхӯрӣ намеравад, худаш маро даъват кард. Ҳар лаҳза ба худ меболидам ва бегоҳро бесаброна интизор будам. Ниҳоят бегоҳ ҳам фаро расид ва мо дар назди қаҳвахонаи «Гулистон», ки ба ғайр аз хӯрокҳои лазиз яхмосҳои хуб ҳам дошт, вохӯрдем. Мизеро дар гӯшае интихоб карда нишастему Гулбаҳор ба китоби рӯйхати таомҳо нигарист ва баъди чанде гуфт:

- Сюрприз мехоҳед?

Ман гумон кардам, ки сюрприз номи яхмос аст, бинобар ин, гуфтам:

- Бале.

Гулбаҳор ба атроф нигариста, чӣ ишорае карду 4 нафар духтарон - Фарангис, Нилуфар, Парвона ва Сайида, ки дар

«Фараж» кор мекарданд, аз куҷое пайдо шуда, омада даври мо нишастанд.

Гулбаҳор «ин аст сюрпризи ман» гуфт ва ҳама дар ханда шуданд. Ман бошам, аз чунин сюрприз дар ҷоям шах шудам ва ҷуз хандиданчораи надоштам. Ӯ пешакӣ бо духтарҳо маслиҳат карда, онҳоро ҳам ба яхмосхӯрӣ даъват кардааст. Духтарҳо ба ҷои яхмос сихкабобу хӯрокҳои дигар фармуданду баъди чанде Хуршеди Атовулло ҳам пайдо шуда, гуфт:

- Ана инро сюрприз мегӯянд. Ман ҳам ба шумо ҳамроҳ мешавам.

Зуд барои Хуршед курсӣ оварда, гуфтам:

- Хайрият, ки Хуршедро ба сюрприз ҳамроҳ кардед, вагарна пули «Сюрприз»-и Гулбаҳорро аз ҷайби худатон медодед.

Баъди он духтарҳо аз ман фақат мепурсиданд:

- Боз кай моро яхмосхӯрӣ мебаред?

СУРАТИ САВОРААШРО БОЯД НИШОН МЕДОДЕД

Дар Ҳафткӯл як рафиқамон бо хари кирокардаамон гум шуд. Вақте интизориҳо натиҷа надоданд, ҳама ниммасту нимҳушёр чор тараф тақсим шуда, ба ҷустуҷӯ баромадем. Ӯ қабл аз ғайб задан ба хар савор шуда, сурат гирифта буд ва ин кори моро осонтар мекард.

Дар роҳ ҳар мусофиреро, ки медидам, суратро нишон дода мепурсидам:

- Шумо ҳаминро дидед?

Ҳама не мегуфтанд.

Баъд аз чанде Фазлиддин занг зада, гуфтанд:

-Холиқназар биё, гумшуда пайдо шуд.

Ман зуд назди онҳо омада пурсидам:

- Ман суратро ба ҳама нишон додам. Ҳеҷ нафаре «дидам» нагуфт. Шумо чӣ тур пайдо кардед?

Хоҷаев ба сурати телефони ман нигариста бо овози баланд хандида, гуфтанд:

- О Устодҷон, Шумо сурати харро нишон додаед ку. Агар

сурати савораашро нишон медодед, зуд пайдо мекардед.

Чун ба телефон нигаристам, воқеан сурат чунон калон шуда буд, ки дар он фақат каллаи хар намудор буду халос...

ЧУНКИ МО КОММУНИСТ НЕСТЕМ...

- Танқид меваи коммунизм аст мегӯянд, вале чаро шумо танқидро дӯст намедоред?

- Чунки мо коммунист нестем.

ҶОЕ, КИ БУЛБУЛ АСТ, ЧУМЧУҚРО КӢ ГӮШ МЕКУНАД?

Бо ҳамсинф ва дӯстам, ҳофизи шинохта Алишери Қаноат дар деҳае меҳмон шудем. Меҳмондориву сӯҳбат дар авҷ буд, ки соҳибхонаро ба берун даъват карданд. Ӯ ба берун баромад ва баъди чанде баргашта, гуфт:

- Меҳмонони азиз! Дар деҳаи мо тӯй рафта истодааст. Соҳиби тӯй шуморо даъват дорад. Чӣ мешавад, агар дар маърака иштирок кунеду Алишерҷон бо сурудҳояш ба меҳмонон роҳат бахшад?

Мо розӣ шудем. Якҷоя бо соҳибхона ба тӯйхона омадем. Ҳофизони худи деҳа ҳунарнамоӣ доштанд. Ман гумон кардам, ки баробари ба тӯйхона ворид шудани мо Алишерро ба саҳна мехонанд, вале ин тавр нашуд. Танҳо пеш аз ҷамъбасти маърака садои баранда шунида шуд, ки эълон кард:

- Меҳмонони азиз! Имрӯз дар маъракаи мо яке аз овозхонҳои шинохта ва хушсалиқаи кишварамон Алишери Қаноат ҳузур дорад. Бо иҷозаи шумо, ман ин булбули хушхони санъати тоҷикро ба саҳна мехонам.

Алишер ба саҳна баромаду баранда омада, дар паҳлуи ман нишаст. Ман ба ин кори ӯ эрод гирифта, гуфтам:

- Чаро ба Алишер на дар аввал, балки дар охир сухан додед?

Баранда бо як ҳозирҷавобӣ гуфт:

- Агар Алишерро дар аввал ба саҳна мехондем, дигар касе ҳофизони моро гӯш намекард.

- Чӣ хел?,- гуфтам ҳайратомез.

Ҷое, ки садои булбул ҳаст, чириққоси гунҷишк ба кӣ даркор?,- ҷавоб дод баранда

ШАЙТОН: - «ПИСАРАМ, ОДАМРО ДИДӢ, ПИНҲОН ШАВ!»

(аз нақли мардум)

Рӯзе шайтон ҳамроҳи писараш аз биёбон мегузашт, ногаҳон аз пеш шер баромад. Писар зуд худро дар паси Шайтон пинҳон кард. Шайтон гуфт:

- Чаро аз ӯ мегурезӣ? Ӯ ҳайвони безарар аст.

Онҳо ба роҳи худ идома доданд, ки аз пеш фил баромад. Писари шайтон боз ҳам паси ӯ руст шуд. Шайтон боз ӯро сарзаниш кард:

- Руст нашав. Ин ҷонвари безарар ва меҳнаткаш аст. Аз ӯ ба мо зиёне намерасад.

Ҳамин тавр, онҳо аз хирсу гургу паланг ҳам гузаштанд ва шайтон таблиғ кард, ки писараш аз онҳо натарсад.

Чанде дигар пеш рафтанд, ки дар маҳаллае бо инсон дучор шуданд. Шайтон зуд аз дасти писараш дошта, ӯро дар пинҳонгоҳе руст намуд. Писари шайтон ба тааҷҷуб афтод:

- Ту аз шери жаён натарсидӣ, аз фили бузургҷусса натарсидӣ, аз он қадар даррандаҳо натарсидӣ. Чаро аз як инсони кӯчак тарсидӣ?

Шайтон оҳиста гуфт:

- Писарам, ҳамеша аз инсонҳо эҳтиёт шав. Зеро онҳо ба ҳамаи гуноҳҳояшон моро гунаҳкор мекунанд. Гуноҳро содир мекунанд, барои сафедкунӣ мегӯянд: «Шайтон бероҳа кард, шайтон васваса кард, шайтон аз роҳ зад». Агар аз инсонҳо эхтиёт накунӣ, барои ҳамаи гуноҳҳо, бахусус зинокориҳояшон ту посух мегӯӣ.

ИН ҲАМ ҲУНАР АСТ
(Хотирае аз устоди зиндаёд, номзади илмҳои фалсафа Умарбек Султонов)

Устод Умарбек Султонов (рӯҳашон шод бод) дар кафедраи фалсафа ва фалсафаи фарҳанги Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дарс мегуфтанд. Инсони хеле поктинат ва росткор буданд, донишҷӯйи аълохонро дӯст медоштанд, вале нисбат ба донишҷӯйи сустхон ва дарсгурез хеле сахтгир буданд. Ҳатто ба наздиктарин шахсони худ ҳеҷ гоҳ восита намешуданд ва воситашавии дигаронро низ қабул надоштанд. Ин рафтори устодро мо ҳатто дар замони талабагӣ аллакай дар деҳа шунида будем ва медонистем.

Ман довталаб шудаму ба Донишгоҳи миллӣ ҳуҷҷат супоридам. Пеш аз имтиҳон аз «имтиҳон» -и устод низ сарбаландона гузаштам ва фотеҳаи некашонро гирифтам. Имтиҳони иншо ва забону адабиётро супоридам, вале ба назари худам, ба имтиҳони охирин - аз фанни Ҷамъиятшиносӣ хуб омода набудам. Медонистам, ки агар аз ин фан баҳои 3 ҳам гирам, донишҷӯ мешавам, зеро дар ду имтиҳони аввал чор ва панҷ гирифтам ва дар имтиҳони сеюм баҳои 3 басанда буд.

Ҳангоми сӯҳбат устод эътироф карданд, ки шиносҳои зиёд доранд, вале восита намешаванд. Ҳатто гуфтанд, ки «дар имтиҳони фанни ҷамъиятшиносӣ дӯсти ман Ҷононов имтиҳон мегирад, лекин худат имтиҳонро супор. Нафаре, ки бо дониш қабул мешавад, ба қадри хондан мерасад».

Имтиҳони ҷамъиятшиносӣ ҳам фаро расид. Таваккал карда, ба имтиҳон даромадам. Билетро гирифта, ба гӯшае нишаста, аз сӯҳбати байни устодони имтиҳонгиранда ва муроҷиати онҳо ба якдигар кӣ будани Ҷононовро муайян кардам. Зуд варақҳои холиро пур кардаму чун Ҷононов холӣ шуданд, навбатам наомада, аз ҷоям бархостам ва дар рӯ ба рӯи устод Ҷононов нишаста, би-

летро наздашон гузошта, пеш аз он, ки ба ҷавоб шурӯъ кунам, гуфтам:

- Ман ҷияни Умарбек Султонов ҳастам. Тағоиям дар берунанд, аммо назди шумо даромада натавонистанд. Гуфтанд, ки назди устод Ҷононов бишин ва аз номи ман салом гӯ.

Ҷононов воқеан Умарбек Султоновро хуб мешинохтаанд, бинобар ин, аввал ду-се савол доданду баҳои чор гузошта, гуфтанд:

- Ба Султонов саломи маро расон, вале дигар дурӯғ нагӯ.

- Ман дурӯғ нагуфтаам, устод. Ман воқеан ҷияни Умарбек Султонов ҳастам,- гуфтам дар ҷавоб.

Ҷононов табассумкунон гуфтанд:

- Шояд ҷиян буданат рост бошад, вале аз номи Султонов гап заданат дурӯғ аст. Султонов ҳаргиз ба касе восита намешавад.

Раҳмат гуфта, хурсандона ба берун баромадам, ҳама табрикам карданд. Ба устод Султонов Умарбек низ занг зада, аз донишҷӯ шуданам хабар додам.

Зимистон баъд аз ҷамъбасти сессияи зимистона ба хонаи Умарбек Султонов ба зиёраташон рафтам. Эшон маро хуб қабул карда, аз хонданам пурсиданд. Бо ифтихор гуфтам:

- Сессияро бо баҳои аъло ҷамъбаст кардам.

- Офарин, ман донишҷӯи аълочиро дӯст медорам, вале донишҷӯеро, ки сустхон асту пайваста восита мекобад, чашми дидан надорам. Аз аввал маълум буд, ки ту донишҷӯи хуб мешавӣ,- гуфтанд ва чанд панди хуб ҳам доданд.

Каме нишастем ва пеш аз хӯрдани таом гунаҳкорона гуфтам:

- Устод, намедонам маро мебахшед ё не, ман як гуноҳ кардам.

- Чи гуноҳ?,- бо тааҷҷуб пурсиданд.

Гуфтам:

- Ман як маротиба аз номи шумо истифода бурдам.

- Чӣ хел?,- ҳайрон шуда пурсиданд.

- Вақти довталабӣ дар имтиҳон аз номи шумо истифода бурда, баҳои 4 гирифта будам,- гуфта, ҳодисаро нақл кардам.

Нақли маро оромона гӯш карданд ва гумон кардам, ки ҳозир танбеҳам медиҳанд, вале ғайричашмдошти ман гуфтанд:

- Бояд эътироф кунам, ки ин ҳам ҳунар аст. Чунин корро на ҳар кас карда метавонад. Бахусус бачае, ки нав аз деҳа омадааст ва касеро намешиносад. Маълум ки бачаи чаққонӣ. Офаринат бод, вале дигар ин номаъқулиро накун.

ЛАҲЗАЕ БО ИШҚ БУДАМ
(Тарона)

Дарси «Алифбои ниёгон» буд. Устод Саид Ҳалимов бо санъати ба худ хос онро мегузаштанд. Ҳама гӯшу ҳуш ва наззора сӯи устод. Ин вақт аз пас духтаре кӯтоҳқад, борикмиён, абрӯи камонрангаш пайваста, ки дар курсии пушт нишаста буд, дафтареро ба ман медиҳад ва саҳифаеро ишора мекунад, то бихонам. Онҷо таронаҳои кӯтоҳу мафтункунанда буданд.

Ниҳоят меоям сари таронае, ки чунин ҷумлаҳо дошт:

«... Рӯзе, ки сухан аз ишқ оғоз кардӣ, борон буд. Аммо он борон маро хуш меомад, зеро ту дар барам будӣ...

Аммо имрӯз танҳоям. Хаёлам ҳама танҳост. Қатраҳои борон сару рӯям мезананд, ба мағзи устухонам таъсир мерасонанд, захмҳои диламро хуншор месозанд. Бе ту сарсону саргардонам. Дилам холист аз тамоми орзуҳо...

Бовар бикун, борони ман...».

Ё дар ҷои дигар:

«Мехчагули сафеди ман, бахти ман, ишқи ман, ҳаёти ман, ҳар рӯз туро дар оғӯши гулрухони... мебинаму...

Охир, ту зиннатбахши ҳамагонӣ!...».

Ё:

«Эй мурғи бахт! Куҷоӣ?

Болу парам деҳ, то замоне дар фазоят парвоз кунам, аз ҳавоят нафас кашам ва бидонам, ки бахт чист?».

Ин қисмати таронаҳоро то се маротиба мутолиа намудам. Аз хондан фориғ гашта, лаҳзае карахт шудам, дасту пойҳоям сусту забонам лол гардид. Чизе гуфтанӣ мешудам, вале дар гуфтор низ оҷиз будам.

Ба ёд овардам, чанд рӯз пеш, дар ҳавои боронӣ мо ҳамроҳ то истгоҳ сӯҳбаткунон рафта будем. Чанд ширингуфторӣ низ радду бадал шуда буд. Яқин кардам, ки хушаш омадааст. Ин аст, ки баъди хеле андеша худро ба даст гирифта, дар саҳифаи холии дафтар навиштам:

«Эй гули навшукуфтаи гулистон, эй сарви хушқади бӯстон ва эй лоларухи замину осмон. Чун таронаҳои дилошӯби туро мехондам, вуҷудамро ҳиссиёти бузурге фаро ги-

рифт, ки дар баёну тасвири он оҷизу нотавонам.

Ҳамон рӯзе, ки «Шоҳнома»-хонӣ мекардему баҳс дар атрофи Сиёвуш ва Судоба мерафт, ҳамон лаҳзае, ки шахсе ба шабистон омадани Сиёвуш ва вохӯрӣ бо Судобаро тасвир месохт, ҳама хандидем. Туву ман низ. Ҳамон табассумат туро чунон зебо намуда буд, ки бо як наззора дину дилу тану ҷонро аз даст додам. Ва назаре пуртабассум ҳаволаи ту кардам. Ту бо табассуми дилрабоёнае ҷавоб додӣ.

Оре, ҷавоб додӣ.

Тавре ҷавоб додӣ, ки дасту пойи ман карахт шуданд. Гӯё яхе будам, ки аз ҳарорати чун ту офтоби сӯзоне об шудам, рехтам. Дилу ҷигар ҳам об гаштанд. Ва ман дар назди ту ба шахсе табдил ёфтам - сархам, нотавону оҷиз: оҷиз аз сухан, оҷиз аз ҳаракат, оҷиз аз зиндагӣ. Баъди он мехостам ба ту сухане гӯям, чун ошиқон ба вохӯрӣ даъват намоям, аммо наметавонистам. Суханҳои хубу ҷаззобро бароят мечустам, байтҳо омода мекардам, вале чун туро медидам, ҳама чиз фаромӯш мешуд ва забон лол мегашт.

Имрӯз чун сухан аз лабони ту мешунавам, мебахшӣ, аз лабони ту не, балки аз лабони хомаи ту, хомае, ки мехоҳад ду дили ҷунунгаштаро бо ҳам бипайвандад ва диле солим бисозад, дар ман каме ҳам бошад, руҳия пайдо шуд, то бинависам.

Оне ки ту таъна мезанӣ.

«... Донистам, ки ту хушбахттарин гул ҳастӣ, ки танҳо дар рӯзҳои хурсандӣ, ҳамчун рамзи ишқу муҳаббат ба даст мегирандат».

Наход, ки рост аст? Шояд ту ҳақ бошӣ? Вале ман бо онҳо фақат бо камоли эҳтиром ва шиносоӣ сухан мегӯям. Зеро онҳо (ононе, ки ту таъна мезанӣ) маро эҳтиром мекунанд. Ту худ мефаҳмӣ, оне, ки бо ду ё зиёда дил меҳр бастанист, тамоман бемеҳр аст.

Маро бубахш азизам, ки фақат ошиқи туям ва танҳо туро дӯст медорам. Хомӯшии ман нотавонии ман аст. Илоҳӣ ту тавоноӣ ва биноии чашмони ман бошӣ».

Дафтарро пӯшида, оҳиста ба пушт равон мекунам. Дили нотавонам ба ҷӯш омада, оғози тапидан мекунад ва мехоҳад, ки синаи тангамро чок намуда, бурун ояд. Ҷа-

вобашро бесаброна интизор мешавам. Дақиқаҳо сипарӣ гардидаву пораи коғазе ба кафи дастам гузошта мешавад. Онро бо эҳтиёт кушода мехонам. Онҷо чунин навиштааст: «Мебахшед, ин таронаҳоро на барои он додам, ки хонеду ошиқи зор шавед ва ҷавоб гӯед, ё нотавону заиф гардед. Таронаҳоро пешкаши шумо сохтам, то ки дар рӯзномаи девории факулта - «Чароғи ҳидоят», ки шумо муҳаррири онед, ба табъ расонед. Бубахшед, фалонӣ».

Замин накафид, ки дароям. Дасту рӯям арақшор гардида, ба назарам ҳароратам торафт баланд мешуд. Чеҳраам бошад, аз сурхӣ танӯреро мемонд, ки як вақтҳо ҳангоми нонпазии модарам дида будам. Бехуд аз ҷой мехезам. Шахсе аз дастам дошта ба ҷоям мешинонад. Муаллим насабамро гирифта, чизе мепурсад, вале намефаҳмам, ҳатто симои ӯро дида наметавонам. Гӯшҳоям кар, чашмонам кӯр, танам заиф ва бемадор. Мехоҳам дафтар аз дасти ӯ бираборам ва пора-пора созам. Ӯ намедиҳад ва ба ҳолам механдад...

Холиқназар Ҷумъазода

БИЁ, КИ ФОЛАТ БИНАМ

Муҳаррирон:
Фазлиддин Хоҷаев
Абдумудассир Аҳмадзода

Рассом:
Назарзода Насиба Зариф

Саҳифабанд:
Акмал Шарифов

Ба матбаа 06.03.21 супорида шуд.
Ба чоп 01.04.2021 иҷозат дода шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет.
Андоза 60х84 1/32 Ҷузъи чопӣ 6,25.
Адади нашр 300.
Дар матбааи «Хирадмандон» ба табъ расидааст.